**Сафаре ба кулбаи паёмбар (с) ва хонаи Худо**
**(Сафаргуфта)**

**Ба тавофи Каъба рафтам, ба ҳарам раҳам надоданд,**
**Ки буруни дар чӣ кардӣ, ки даруни Хона ой?!**
**Муҳаммади Ироқӣ**
Бесабаб нест, овардани ин 2 сатр. Зеро пайваста фикр доштам, ки чун Ироқӣ назире аз фалакулхислатони заминӣ бар ин андеша асту худро чунин сарзаниш мекунад, пас ман киям, ки ба ин дарбор рӯ оварда бошам?
Ва ҳам дар Ленинград буд, ки устоди тасаввуфия ва мавлавишиноси шаҳир-Радий Фиш мегуфт, чу бар Ҳасани Басрӣ гуфтанд, ки фулонӣ охирин нафарест, ки аз дӯзах бар биҳишт меравад, Ҳасан бо таассуф даст бар дуо бардошт, ки «Кош ун нафар ман бошам!»…
Вале тасмим гирифта шуд. Бо ташаббуси бевоситаи дӯстам Абдурраҳим Холиқов-раиси Кумитаи Дини назди ҳукумати ҶТ, ки баракати Худо бар ӯву хонадонаш расида бод, ахиран сарриштаи сафар бар дасти сорбон додам ва бар корвони ҳуҷҷоҷ пайвастам, то тавассути Ширкати сайёҳии Расул-Сохтмон, ки садраш Ҳоҷӣ Саъдуллост, *Лаббайкагӯён* самт сӯи Қиблаи мурод бикашаму пояи минбари Садри Исломро бӯсам ва сари андеша рӯи санги Худо гузораму Каъбатуллоҳро бибӯям... Туро ҳам бо худ мебарам, хонандаи гиромии ман. Зеро ман ҳич гоҳ бе ту набудаам ва ту низ инчунин бош, ки Мо Метавонем!
Омодаӣ? Пас бигӯ, «*Лаббайка аллоҳума лаббайк! Лаббайка ло шарика лака лаббайк!! Ина-л-ҳамда ва-н-неъмата лака ва-л-мулк!!! Ло шарика лак!!!*».
Ва бо ман бупайванд. Бо нафаре, ки бо чашми ту ҳаҷи умра гузошт ва лаҳзае аз туву Ӯ ғофил набуд ва садҳо ҳазор ракаат намоз дар ҳаққат гузоштааст; ин муҳобо ва кизб нест, ки дурӯғ душмани имон аст, ба вежа дурӯғе, ки аз Каъбаву Ҳарами Расули акрам (с.) садо дода бошад…

**Дар он рӯз ҳоҷиён эҳром бастанд…**
**Сӯи Макка шайхи уммат Боязид,**
**Аз барои ҳаҷҷи умра медавид…**
Умра ё худ ъумра ба маънои ҳаҷҷи асғар, яъне хурд аст ва 1 қисми ҳаҷҷест, ки маросими вежаи худро дорад. Ъумраро бештару маъмулан дар моҳи Раҷаб мегузоранд, ки ин зиёрат дар моҳи табаррук бандаро низ муяссар гардид. Расули акрам (с.) 4 бор ъумра ва 1 бор ҳаҷҷи фарзӣ гузоштаанд. Яъне ъумраро фалсафаи ғаниест, бар мо-заминиён номафҳум. Барои расиш ба ин мартаба банда камар барбастам ва озими Арабистони Саъудӣ шудам.
**22.05.2012. Соат ба вақти Душанбе 19:30 дақиқа.** 2 ракаат намоз гузорида, бо наздикон хайру хуш кардам. Таъкидан дар ин «маросим» касе даъватӣ набуд. Зеро ба пиндори инфиродии ман зиёдаравӣ ва рекламаи ҳаҷҷи умра барои муддаиён беш аз таблиғу ташвиқи шахсияти хеш чизи дигаре нест. Зеро ҳоҷӣ на диплом мегираду на шаҳодатнома ва ҳатто на грамота, пас ҳаҷҷ бояд дар дил бошад. Чун берунаш кардӣ, кибру худнамоӣ беш нест, ки савобаш бикоҳад ва шояд бар гуноҳон афзояд. Ба ҳамин тартиб аз дар бадар шудам ва сӯи фурӯдгоҳ раҳсипор…

**22.05.2012. Соат ба вақти Душанбе 20:10 дақиқа.** Вориди толор шудам. Ҳоҷиёнро мардуми зиёде гусел мекард. Сарвиноз-ходими хубчеҳраи фурудгоҳ маро шинохт. Маълум шуд, ки аз мухлисони газетаи мо будааст. Ба нею нестон нигоҳ накарда, то толор гуселонид ва сари мизи қаҳвахонаи аэропорт бо чою ширинӣ зиёфат дод. Бо пири нуроние шинос шудам, ки мисли ман шиму костюм ба бар дошт. Ин нафар собиқ раиси колхоз дар ноҳияи Панҷ, собиқ коммунист ва собиқ ҳамнишини Миралӣ Маҳмадалиеви номӣ, Маҳмадулло Раҳимов будааст. Сарвиноз дуи моро то автобус гусел карда, хоҳиш намуд, ки аз Каъба санге барояш биорем: Просто 1 санг. Пештоз мегӯям, ки хоҳиши ӯро иҷро накардем. Зеро аз Каъба набояд чизе гирифту бурд; 1 тасаввур кун, хонанда, ки агар ҳар ҳоҷӣ 1 сангаке бардораду орад, аз Каъбатуллоҳ ному нишоне намемонд…
**Соати 22:00 парвоз кардем.** Соати 01:50 дақиқа ба Шарҷа расидем. Маврид ба зикр аст, ки кормандони ҳавопаймои Боинги Тоҷикэйр бо мо хеле меҳрабон буданд ва ҳам парвоз роҳат мегузашт. Профессионализми лётчикҳои Тоҷикро танҳо баъд аз парвоз дар тайёраҳои Эйр-Аравия дарк мекунед, ки ба гуфти худи мардуми таҳҷоӣ дилхоҳ техникаро мисли шутур меронанд. Он қадар таку даву бизан-бигират мекунанд, ки пушаймон мешавӣ. Вале дигар имкони интихоб нест. Арабҳо маҷбуран рейсҳоро бар дӯши хеш гирифтаанд…

### Аморати араб ва мо

Дар Шарҷа-фурудгоҳе наздики Дубай маълум шуд, ки рейси мо пагоҳ, 23.05.2012, соати 12:20 дақиқа ба Мадина будааст. Ҳудуди ним шабонарӯз вақт доштем. Шабро бархе ҳуҷҷоҷ дар толори фурӯдгоҳ ва зумрае дар масҷиди он гузарониданд. Банда бо ҳамроҳи роҳбар ба меҳмонсарой рафтем, ки дар таххона ҷой дошт. Бонуи филиппинӣ, ки ин ҷо дар рессепшен кор мекард, 1 ҳарф ба арабӣ намедонист ва ба иддаои арабии Домулло Сафохон-роҳбалади мо, бо англисӣ ба ман мурочеъ гуфт «I do nov him». Роҳнаморо гуфтам, ки ин Шуморо намефаҳмад ва бо филиппинӣ роҳат англисӣ сӯҳбат кардем. Маълум шуд, ки ин меҳмонхона мисли казармаҳои ҳарбӣ катҳои дуошёна дорад ва дар 1 утоқ то 16-18 кат будааст. Нархи кат барои 1 персона-40 доллар. Илоҷе набуд. Ман, ки дар курсӣ хобида набитвонам, он ҷо ҷо гирифтам. Ҳуҷрае, ки ман хобидам, сароғоз холӣ буд, вале сипас 2 ҳинду ва 1 араби дигар омад. Утоқ 16 кат дошт ва шукр, ки то рафтани ман пур нашуд.
Субҳ роҳбалад омад ва паспорту бағоҷномаамро бурд. Бо ҳоҷӣ Неъмат Шарипов-дӯсти ҷавониам, ки ғофилан бо ҳамин гурӯҳ буд ва Маҳмадулло Раҳимов дӯконсаройҳоро чарх задем. Дар толорҳои «Дюти фри» роҳат ва озод машруботи спиртӣ сар аз водка то джину виски ва вино фурӯхта мешуд! Ин ҳамту, информатсия барои арабпарастоне, ки фикр доранд, нофи замину қалби ислом-арабҳоянд…

### Ба Мадина, ба Масҷиди Расулаллоҳ (с.)

**23.05.2012. Соат ба вақти Шарҷа 11:30 дақиқа.** Регистратсияро гузаштем. Зани ҳиндуе бо кӯдаки ширмак менамуд, ӯро ба иззати ҳамун тифл пеш гузаронидам.

Аҷиб буд, ки ҳар нафареро, ки шиму костюми шик ба бар дошт, бо ӯ бархӯрд ҳасана будӣ. Араби нозире ҳатто ба ман «Спасибо» гуфт.
Соати 12:00 бонги азон садо доду ҳама намоз гузоштанӣ шудем. Аз бонуи араби нозир самти қибларо пурсидем. Сӯе ишора кард, сипас узр хост ва дигар самт гуфт ва баъдан «Қибларо ёфт»... Барои мо, ки ба ҳамон пиндори «араб бошад, значит, сутуни ислом аст» тарбият ёфтаем, ин рафтори зани таҳҷоӣ, ки қибларо намедонист, хеле аҷиб намуд.
Парвоз то Мадина 3 соат тӯл кашид. Бо иллати шамолӣ будани поин Боинги арабии мо 3 бор атрофи Мадина чарх зад. Ончунон такконду шаппондамон, ки талхакаф шудем. Хело тавбаву надомат кардем. Ба дил гуфтам, ки Худо охирин бор маро месанҷад. Хулласи калом фаромадем. Вале баъдан маълум шуд (аз парвозҳои дигар), ки кулли садршинони Эйр-Аравия бо ҳамин усул парвоз карда, мусофиринро талхакаф мекардаанд.
Соати 16:00 паспортный контролро гузашта, вориди Мадина шудем. Дар фурӯдгоҳ мисли аэропорти мо чанд таксисте дастамонро дошта, изҳори хидмат карданд. Вале мо автобус доштем. Ба меҳмонхона-фундуқи Ал Илёс расида, оҷилан таҳорат намудаву ба Масҷиди Пайғамбар Муҳаммад (с.) шитофтем, то намози асрро гузорем. Ин ҷо Равзаи Муҳаммади Мустафоро зиёрат кардаву 2 ракаат намози нафл, ки гӯянд баробар ба 10.000 ракаат аст, аз номи ту-хонандаи ин сутур низ гузоштам, ки бигӯ Омин, то бар номаи аъмолат навишта гардад…

**Дар кулбаи Муҳаммад (с.)**

**23.05.2012. Соат ба вақти Мадинаи мунаввара 17:02 дақиқа.**
Дар ин соат маро насибае рӯзӣ гардид, ки Равзаи поки Мустафоро бибӯсам ва мушарраф аз зиёрати оромгоҳи Расули акрам (с.) гардида бошам. Вақте ки ҷониби оромгоҳи он Ҳазрат пой мегузоштам, аҷиб ҳолате фароҳам фароям гирифт, ки боварам намеомад, ки ин ман бошам, ки чанд лаҳза ба баъд даст сӯи гӯри Хатм-ул-анбиё хоҳам бардошту дуову дуруде бар ӯ хоҳам фиристонид. Оромгоҳи Муҳаммад (с) назди баромадгоҳи нахустини Масҷиди Набавӣ аз сӯи чап ба рост ҷой гирифтааст. Бо ин дар мардон танҳо ихроҷ мешаванд. Вале соатҳое ҳаст, ки бо ҳамин дар занҳо ба масҷид ва назди оромгоҳ хоҳанд даромад. Дар ин лаҳза дар ба рӯи мардон баста мегардад. Таҷаммӯъи муслимин мисли фавҷи дарёе маро бо худ мебурд, вале имкон дастам дод, ки бо 1 тобиши саҳеҳ, ки касеро ноҳинҷор насозам (талаботи зиёрат ҳам ин аст!), худро назди дари равзаи Беҳтарин авлоди Одам гирифтам. Ҳолате, ки дастам дод, берун аз тасвир аст, ки ҳамагӣ чанд пардае марову пайғамбарамро ҷудо мекард. Дуову дуруд, гуфтам, бар Ту, эй Муҳаммад, эй шафоатгари муслимин дар рӯзи ҷазо ва эй Садру Бадри ҳар 2 олам…
Равост, ки ин ҷо бигӯӣ «Ассалому алайка ё айюҳаннабию…ва Аллоҳума сали ало Муҳаммаддин ва ало оли Муҳаммад, камо салайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳим…». Ва аммо бо забони модарии худ низ дуруд бар Ӯ фиристӣ, равост, ки ин ҷо арҷ бар арабиву порсиву африқоӣ намегузоранд, ки мулк-мулки Ҳабиби Худост!!!

Фавҷи мардум мисли мавҷи бузурги укёнус оҳиста, вале бе истиҳола аз оромгоҳи Муҳаммад дурам мекарду бар оромгоҳи Абубакри Сиддиқ расонидам, ки нахустин нафарест, ки меърочи Пайғамбарро тасдиқ намуда буду бо Ӯ аз ҷабри қабилаи қаттоли қурайш фирор намуда, ки поинтар сухан сари ин ҳам меронем: Мо Метавонем!
Дарсоат бар гӯри Абубакри Сиддиқ дуруд фиристонидам, ки оромгоҳи Умари хаттоб пешам пайдо шуд. Бо садои вулқонӣ гуфтам: Дуруд бар шумо, эй Абубакри Сиддиқ ва эй Умари хаттоб, дӯстони пайғамбари ман!
Садоямро шунида, чанд арабу бадавие мутаҳайир сӯям нигаристанд. Сабаби ҳайрати ишонро баъдан дарк кардам. Моҷаро ин аст, ки қаблан ман ба пайғамбарам низ дуову дуруди Тоҷикӣ роҳӣ карда будам. Ва атрофиён маро эронӣ пиндоштаанд. Мутаассуф, чун фонаи тафриқа байни мазҳабҳо чуқур зада шудааст, эрониҳои гиромии мо бар Муҳаммад дуруд фиристонидаву оҷилан аз назди қабри Абубакру Умар мегузаранд. Вале чун ман ба ин 2 дӯсти Ҳабиби Худо низ дуруди Тоҷикӣ (форсӣ) роҳӣ намудам, бар ҳайрати атрофиён афзудаам.
Пештоз бояд гуфт, ки забони Тоҷикии форсӣ ин ҷо роиҷ аст ва дуввумин забони муошарат аст, ки ҳуҷҷоҷи мо дар Мадинаву Макка ниёз бар тарҷумон надоранд. Ҳама ҷо Тоҷикист, хоҳ дӯкон бошаду хоҳ ресторан ва ё хоҳ таксиву автобус.

**Марқади Муҳаммад ва асрори он…**

Вале баъдан маълумам шуд, ки пушти пардае, ки мо назар месозем, аслан гӯри он Ҳазрат нест. Балки чанд девор ба баъд будааст. Ва ин ҷо сирре ниҳон аст, ки бо такопӯи журналистӣ фошаш кардем ва онро манзури ту, хонандаи ман, низ мегардонам, то пеш аз сафар (ва шояд зумрае баъди он ҳам) донед, ки чӣ моҷарое бо … ҷасади пайғамбари мо рух додааст ва таассуби салибдорони аврупоӣ то кадом ҳадд доман доштааст…

**Кӯшиши дуздидани ҷасади он Зоти Пок**

Соли 1162 аз мавлуди Исои Масеҳ баробар ба 557 ҳиҷрӣ. Бо амри шоҳи Испания, ҳамин давлате, ки имрӯз аксарияти мо мунтахаби футболашро дар Евро-12 мухлисӣ дорем, 2 ҷосуси роҳибе, ки солҳои тӯлонӣ илми фиқҳи исломӣ омӯхта буданд (акнун дидӣ хонанда, ки на ҳар касе Қуръон мехонад, мусалмон асту на ҳар воъизро бояд бовар дошт, ки шодихӯрдаи дигар адён мебошанд!), кӯшиши дуздидии ҳама асру қарнҳо доштаанд. Сухан сари ин аст, ки ин 2 худобехабар мехостанд…Ҷасади Муҳаммадро бирабоянд!!! Ва воқеаро Домулло Сафохон-Бобоев Абдуссафо-роҳабаладди мо ингуна шарҳ дод:
-Ин ҳодисаро муаррихони машҳур Ҷамолиддин ал-Матари ва Ҷамолиддини Иснавӣ чунин овардаанд: «...2 роҳиби масеҳӣ, ки худро ба мардуми мағрибӣ нисбат дода буданд, аз кишвари Андалус (Испанияи ҳозира) ба Мадина омада, дар наздикии масҷиди паёмбар ҷой гирифтанд. Он 2 тамоми намозҳоро дар масҷиди паёмбар гузорида, ҳамвора доимо қабристони Бақеъро зиёрат мекарданд (дар бораи ин қабристон, ки бо номҳои Ҷаннат-ул-бақия ва Ҳаёт-ул-бақия низ маъруф аст, дар шумораҳои баъдӣ ҳатман сӯҳбат мекунем: Мо Метавонем!).

Фориғ аз «намозу дуо» инҳо пинҳонӣ роҳи зери заминиеро сӯи ҳуҷраи пайғамбар (яъне қабрашон) кофтан гирифтанд. Хоки нақбро дар халтаҳо бароварда, ба қабристони Бақеъ меандохтанд (сабаби зуд-зуд ба гӯристон рафтан, маҳз хокро партофтан будааст, то дигарон нафаҳманд). Кори ишон то замоне авҷ дошт, ки шоҳи мулк, султони одил-Нуриддин Маҳмуд ибн Зангӣ паёмбарро 3 бор дар хоб дид, ки он Ҳазрат ба тарафи 2 марди мӯйзард нишон дода, мегуфтанд:
«Эй Маҳмуд моро аз инҳо наҷот бидеҳ».
Чун хоб 3 бор такрор шуд, шоҳ боргоҳ даъват карда, таъбир пурсид. Вазири оқилу бохиради султон маслиҳат дод, ки бояд ба тезӣ ба Мадина раҳсипор шавем. Султон ба Мадина омада, тамоми сокинони онро ҷамъ кард, то ба онҳо хайроту садақотро тақсим кунад (бо ин баҳона Маҳмуд ҳамон 2 нафарро, ки пайғамбар ишора мекард, ёфтан мехост). Аммо ӯ дар байни сокинони Мадина он 2 марди паёмбар ишоракардаро пайдо накард. Чун пурсуҷӯ кард, ки «дигар касе дар шаҳр намондааст?»… ба ӯ гуфтанд, ки 2 мағрибии мусалмон ба майдон ҳозир нагаштаанд. Чун он дуро оварданд, султон онҳоро шинохт. Онҳо гуфтанд, ки мо барои адои маносики ҳаҷ ва зиёрати масҷиди паёмбар омадаем.
Ба сухани онҳо бовар накарда, худи султон ба хонаи ин шахсони шубҳанок равон шуд. Дар хонаашон пули бениҳоят бисёр ва тахтаеро ёфт, ки ба он даҳони нақб (туннел)-ро пӯшида буданд. Чу кушоданд, диданд, ки нақб қариб то деворҳои масҷиди пайғамбар расида буд. Баъдан мағрибиён иқрор шуданд, ки ҳар 2 роҳиб-поп будаанду аз тарафи подшоҳашон фармон гирифтаанд, ки бо кадом роҳе набошад, ҷасади Муҳаммад (с.)-ро дуздида ба Испания биёранд. Ҷосусонро ба қазоват кашида, сипас бо исботи гуноҳ ба қатл расониданд».
Аз ҳамин фоҷеъа ибрат гирифта, Султони одил, Нуриддин раҳматуллоҳи алайҳ фармон дод, то гирди ҳуҷраи паёмбарро жарф кофта, ба ғафсии беандоза ба он сурб (қӯрғошим) резанд. Ба ҳамин тартиб дар замони нав бо андешаи ҳифзи оромгоҳ аз амалҳои террористиву бомбаандозиву дигар нопокиҳои ғарбӣ тасмим гирифта шуд, ки оромгоҳро бо чанд девор аз издиҳом дуртар нигоҳ доранд…

### Шому хуфтан дар Масҷиди Набавӣ

То намози шом масҷидро чарх задем. Бар тибқи мазҳаби Эмоми Аъзам, Домулло Сафохон ба таъкид бар мо мегуфт, ки мисли дигарон байни асру шом намози нафл нахонед, ки барои мазҳаби мо бегона аст. Воқеан ҳам роҳбаладӣ мо хеле мазҳабиву сахт Тоҷик буданд ва ҳар лағзишу калавише, ки байни гурӯҳ, ки аз сари нодониву новоқифӣ сар мезад, филфавр дарк кардаву рад менамуданд. Ҳатто ҷавоне ҳам буд миёни мо, ки аз «мавъизаҳои хомаш» бӯи салафи солеҳу ваҳҳобия меомад, ӯро низ домулло бо далелҳои мазҳабӣ даҳонашро баст, то ин марази ба вай асар карда (айби афродест, ки ин ҷавонро ба коми кадом муллои мубаллиғе андохтаанд), бар гурӯҳ сироят накунад.
Шомро низ ин ҷо гузоридем ва чанд ракаатӣ намози нафлу қазо хондем, ки ваъдаи саҳеҳ аст, ки 1 ракаат намоз дар ин Масҷид ба 10000 ракаат (ва бар далели бархе ҳам ба 1000 ракаат) баробар аст. Пас аз шом 2 ракаати намози нафл, ки баробар ба 10000 ракаат аст, дар ҳаққи ту ҳам гузоридам, хонандаи ин сутур ва узви Ихвон ал СССР, ки бигӯ Омин, то Худо намози ману туро қабул карда бошад!

Фундуқ, яъне меҳмонхона баргашта, таҳорати ҷадид кардем ва боз бар намози хуфтан шитофтем…

**Муҳим ин ҷо намоз аст, на мазҳаб!**

**Хок шуд фитрат зи пастӣ, лек мижгон барнадошт,**
**В-арна аз мо то ба боми осмон 1 зина буд!**
**(Абулмаъонӣ Бедили Деҳлавии Тоҷик)**

**23.05.2012. Соат ба вақти Мадина 20:34 дақиқа.**
Бонги азон садо дод ва мо ба масҷиди Пайғамбар (с.) шитофтем. Бехабар аз оне ки ин ҷо 40-50 дақиқа сабр кардаву сипас намози фарз мехонанд. Ҳатто намози шом низ, ки дар мазҳаби мо «аз алмос тезтару зудфирор аст», бо фурҷаи том гузорида мешавад ва баъди азон ҳудуди ним соат таъхир мекунанд.
Аҷобати дигар ин аст, ки садҳо ҳазор нафар бо даҳу сад шеваву пайравӣ аз мазоҳиб намоз мегузоранд ва касе корат надорад, ки поҳоят кушод партофтаӣ, даст то баногӯш мебарӣ ва ё бар сандуқи сина ва ғ. ва ҳ. Ин ҷо муҳим НАМОЗ аст! То намоз китоб мехонанд, вирд мекунад, тасбеҳ мезананд. Амри маъруфу наҳйи мункар…ин ҷо аслан нест!!! Муллоҳое ҳастанд, ки дар ҷаҳон назир надоранд, вале мисле ки дар масоҷиди мо ҳар нафари наврищу бе риш 2 калима омӯхтаву микрофон гирифта, ба насиҳати мардум мепардозаду между словом «бо аҳли насорову яҳуду куффор ҷанг эълон кардаву байрақи исломро бар боми рейхстаги душманони ислом мекӯбад???!!!», касе мавъиза намекунад. Вале агар мехоҳӣ сӯҳбати ирфоние дошта бошӣ, марҳабо, уламо гирдак-гирдак мешинанду баҳсу сӯҳбати ба таъбири Радиои Озодӣ «бидуни микрофон» мекунанд. Ҳар суоле дорӣ ба ин ҷамъият бидеҳ ва посух бишнав.
Ғароиботи ҷадид ҳам ин буд, ки ҳар гоҳ зикри Муҳаммад (с.) мекардем, бе ибо ашк аз чашмон ҷорӣ мешуд. Шояд ин қаробати Бузургтарин ба Беҳтарин авлоди Одамро эҳсос карданҳо будӣ ва ё ба таъбири Бедил дарки ҳамон часпиши Фалаку Замину улвиёну сифлийин, ки фикр доштам, то бар боми осмон бо 1 ҷаҳиш метавон расид…
Дар ҳамин фикр будам, ки садое Тоҷикӣ (форсӣ) ба худам овард, ки мегуфт, «ҳон, эй ҷавон, кафш болои китоб?». Баргашта дидам, ки пири нуроние бо табассум ба ман мурочеъ аст. Мутаваҷҷеҳ шудам, ки дар бехудӣ кафшҳоямро рӯи китобе гузоштаам. Барчидам ва хостам пӯзиш хоҳам, ки он пири нуронӣ ғайб зада. Ҳарчанд тафтиш кардам, пайдо нашуд. Вале садои дилрабои Тоҷикиш то дер гоҳ бехи гӯшам садо медоду медод: Кафш болои китоб…Аз куҷо донист, ки ман Тоҷикам???
Баъди адои намози хуфтан боз тавофи марқади он Ҳазрат кардем, бо дӯсти комилу фозилам Маҳмадулло Раҳимов-раиси собиқи колхоз ва намози нафл гузоридем. Ҳоҷӣ Маҳмадулло аз ҳама бештар намоз мегузориду талаби истиғфор менамуду мегуфт, ки 30 сол намоз нахондаам ва ин ҳамаро мебояд ҷуброн намуд. Гумони ғолиб, бо ин тавозӯъу талоше, ки дошт, иншооллоҳ, аҷраш қабул шуда

бошад. Ман низ 2 ракаат намози нафл, ки баробар ба 10.000 аст, дар ҳаққи ту, эй хонандаи ин сутур, гузоридам, ки бигӯ Омин, то бар номаи аъмолат сабт шавад.

**Ба Мадинаву Макка «қайла» набаред!**

Мутаассифам, вале хубтарин русуми аждодӣ-тӯшаи роҳ ба бадтарин одати мардуми мо бадал гаштааст. Сухан сари гӯшти равғанпухтаи гӯсфанду бузу гов меравад. Дигар ширкатҳоро намедонам, вале агар тавассути Ширкати Сайёҳии «Расул-сохтмон» сафари ҳаҷ дорӣ, бовар кун, хонандаи ин сутур, ки гурусна намемонӣ. Бо ибтикори ҳоҷӣ Саъдуллоҳ ва зери назорати бевоситаи Абдурраҳим Холиқов-раиси Кумитаи дин ин сафарҳо воқеан ҳам ба сайёҳати замонавӣ табдил шудаанд. Ин иддаои ман нест; инро ҳоҷӣ Неъмат Шарипов, 1 зойире гуфт, ки 3 бор ҳаҷҷи фарзу умра карда будааст. Ғизо, то ҷое, ки имконияти кухняи аъроб даст медиҳад, олист. Воқеан ҳам ин кухня хеле маҳдуд ва каммазза аст. Ёд оред, ҳамон мисраъҳои пайғамбаронаи Фирдавсиро, ки мегуфт, «зи шири шутур хурдану сусмор»…

**Кулӯхи Тоҷикӣ дар Хонаи Худо**

Боре дар хонаи 1 ҳоҷии журналист ва дӯсти сӯфимашрабам будем, ки нафаре аз ҳуҷҷоҷ «амри маъруф» мекард. Мавзӯъ…кулӯх буду тарзи истифода аз он ва масъалаи мӯшикофонаи «чӣ бояд кард, ки пораҳои кулӯх ба маҳсӣ нарезад», то дар таҳорат пойҳоро нашӯем…Он ҳоҷӣ-ку сафсаттаҳое намегуфт, вале маро қиссаи 1 ҳамроҳам ҳам ба ханда оварду ҳам ба риққат. Ин кас мегуфт, «мӯсафеде ҳамроҳам буду 1 ҷомадони сангин дошт. Ман, ки ҷавон будам, ҷомадонро бар дӯшам гузошт. 10 рӯз онро бардошта мегаштаму устухонҳоям дардманд шудам. Вале «ҳоҷибобо» сирри даруни онро ба ман намекушод. Ахиран, чун аз Мадина онро бардошта то Каъба бурдам, пешаш ултимотум гузоштам, ки «эй бобо, ё мегӯӣ дар ин чӣ дорӣ ва ё онро худат бардор!». Ва ҳайратамро ҳадду канор набуд-афзуд шарикам, ки чун ҷомадонро кушодаву онро моломол аз кулӯхи… мусалмонӣ дидам!!!».

Ин нафар бо ханда мегуфт, ҳайрон намешудам, агар боқии ин кулӯхро он пир баргашта ба Тоҷикистон бурдаву чун кулӯхи мазоргузашта ба маъраз гузораду дигарон тавофаш ҳам кунанд. Ман аз ин иддао нахандидам. Зеро ман БОВАР доштам, ки чунин мекунанд аҳли хурофот!!!

**Мадинаи Мунаввара**

Баъди шомгоҳӣ хӯрдан бо Ёсин ном роҳбаладі афғон шаҳрро чокар задем. Ростӣ, хеле шаҳри ифлосест. Оддитарин шарту шурути шаҳрдориро мардум пос намедорад. Ҳатто 1 ҳоҷии мо, бо номи Қурбоналӣ шӯхӣ ҳам кард, ки барои ба низому тартиб овардани шаҳр бояд…Маҳмадсаид Убайдуллоевро барои 2 сол мир баргузинанд!

Ин ҳам дар ҳолест, ки танҳо пас аз ҳиҷрати Муҳаммад (с.) ба ин мавзеъ, Мадина воқеан ҳам шаҳр шуд (маънои луғавии Мадина шаҳр аст!). Мардумаш хеле раҳмдил ва меҳмонпарастанд. Фарқи байни маккавиёну маддинавиён аз замин то осмон аст. Ҳамаи мардуми таҳҷоӣ ҳуҷҷоҷро ҳамчун меҳмони Пайғамбар (с.) дӯст

медоранд ва иззат мегузоранд. Зеро ҳар чизе, ки Мадина дошту дорад, бо номи пайғамбари мо баста аст. То Ӯ ин маконро Ясриб, яъне манзили вабову маризони сангин мехондаанд. Ва маънии луғавии ясриб-бад ва макрӯҳ аст. Бо дуои Муҳаммад (с.) парвардигор ин маразҳоро маҳв намуд. Номи Мадина дар Қуръон 3 бор зикр шудааст. Дар сураи Тавба оятҳои 101, 120 ва дар сураи Мунофиқон ояти 8. Бо номи кӯҳнааш-Ясриб бошад, 1 бор дар сураи «Ал-Аҳзаб» омадааст. Сипас паёмбар ин номро ба номи Мадина иваз намуда, гуфтанд; **«Ман қола лил Мадинати Ясриб фалястағфириллоҳа саласан». Тарҷума; «Касе агар Мадинаро Ясриб гӯяд, бояд 3 бор астағфируллоҳ бигӯяд».**
Ҳуҷҷоҷ танҳо пас аз расидан ба Макка ва бархӯрд бо ақвоми муқими он ба маънии гуфтаҳои пайғамбар ва чаро маҳз ба Мадина фирор кардани он Ягонаи офоқ сарфаҳм мераванд…
Мадина ба таҳқиқ шаҳри паёмбари гиромӣ аст. Дар Мадина чанд сура нозил гаштааст, ки бо номи «сураҳои маданӣ» машҳуранд. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки дар хилофати Усмон (р.) тамомии дасхатҳои пароканда дар Қуръони умм ҷамъовар шуда, аз он 6 нусхаи дигар тайёр мекунанду ба тамоми ақсои олами ислом гусел мекунанд, то бо ҳамин Қуръон амал кунанд, ки баъдан ин амал бо номи Қуръони усмонӣ ва хатти он ба расми усмонӣ машҳур гаштаву Исломро дар сар то сари олам муаррифӣ намудааст. Ин ҳама аз баракати Мадина буд…

## Ҳаёт-ул-бақия

Субҳи рӯзи дигар нахустин коре, ки мо кардем, бо ҳидояти Домулло Сафохон, ба зиёрати Қабристони Бақеъ рафтем, ки дар шафати Масҷиди Набавӣ қарор дораду ҳамагӣ то он чанд метрро бояд тай кард; туро ҳам бо худ мебарам, ки дида бошӣ чӣ маконест.
Ҳаёт-ул-бақия ва ё тавре дигаре ки ин маконро ном мебаранд-Ҷаннат-ул-бақия ва ё Қабристони Бақеъ. Бузургтарин оромгоҳ дар таърихи Ислом аст. Зеро дар ин макон бар тибқи омор беш аз 10.000 саҳоба ва 90.000 тобиин ва хидматгузорони Ислом ва бузургони мазҳаб хобанд.
Дар ин мазор ҳамсарону фарзандони паёмбари Худо (с.) ва ёрону наберагонаш низ мадфунанд. Ҳадиси саҳеҳ ҳам ҳаст, ки Паёмбар (дуруди Худо бар Ӯ) гуфтанд, Касе, ки Рӯзи Қиёмат аз Қабристони Бақеъ бихезад, ман ба ӯ шафеъ хоҳам шуд! Расулаллоҳ шахсан худашон ҳар бор ин мазорро зиёрат кардаву дар ҳаққи бошандагону ояндагони ин мазор то рӯзи қиёмат дуоҳои нек кардаанд.
Дар ҳамин оромгоҳ духтари пайғамбар-Фотима ва зани ҳазрати Алӣ дафн шудаанд. Вале агар ба феҳристи сарсарии бошандагони мазор бингарем, метавон ин феҳристи нокомилро мураттаб кард:
-Усмон ибни Аффон, Ҳасан ибни Алӣ, Зайнулобидин Алӣ ибни Ҳусейн, Муҳаммади Боқир, Ҷаъфари Содиқ,
-Иброҳим-писари паёмбар,
-Умми Қулсум, Зайнаб, Руқия-духтарони паёмбар
-Оиша, Савда, Ҳафса, Зайнаб, Умми Салама, Ҷувайрия, Рамла, Сафия, Мория-занҳои паёмбар,

-Усмон ибни Мазъун, Саид ибни Мусаййиб, имом Молик ибни Анас ва ғайра ин ҷо мадфун гаштаанд (ниг. ба расм).
Худо ҷумлагиро тариқаи раҳмату шоистаи ҷаннат бигардонад ва охиру даъвоно анилҳамдулиллаҳи раб-ул оламин!
Воқеан ҳам мегӯянд, аз замони пайғамбар то кунун сатҳи қабристон, ки дар пастӣ будааст, то 10 метр боло рафтааст. Ин сабаб дорад. Ин ҷо ҳар шому саҳар ҷасадеро ба дасти хок медиҳанд. Биноан гӯристон баландтар мегардаду мегардад. Ин ҷо мисли гӯристонҳои мо нест, ки нафареро, гӯр кардӣ, гӯр кардӣ! Дар ин макон, ки ҷо камтар аст, болои мурдаҳои кӯҳна боз ҷасад мегӯронанд. Вале аз ҳуҷҷоҷ танҳо нафаре ин ҷо хок мешавад, ки агар он ҳоҷӣ виза ё худ раводиди расмӣ дошта бошад. Танҳо дар ҳамин сурат ҷасади ҳоҷиро дар Гӯристони Бақеъ мегузоранд, илло на! Сабаби дигари болоравии сатҳи гӯристон аз саҳни Масҷид ин ҳам ҳаст, ки сипас пайвандони ана ҳамин ҳуҷҷоҷ замоне омада, рӯи ин оромгоҳ (зеро дигар маълум нест, ки гӯри хешаш куҷост) хоки Ватан мепошанд. Ин одат бештар барои эрониёни ҳамзабони мо роиҷ будааст, ки бо чашми сар дидам…

## Кӯҳи уҳуд ва шаҳидони ҷанг

Фазилатҳои Масҷиди Паёмбар (с.) зиёданд, ки агар дар 100 шумора гап занем, ҳарфе нагуфта бошем. Вале чун фурсати мо танг асту хонанда дилтанг ва роҳӣ сӯи Хонаи Худо аз чанд минтақаи дигари таърихии Мадина наметавонем сухан накарда бошем.
Ҷое, ки сазовори дидан ва зиёрат аст, албатта, Кӯҳи Уҳуд аст. Мавзеъе, ки Муҳаммад (с.) дар ин ҷо дандони муборакро аз даст додаву захмӣ шудаву дар хоку хун оғушта болои ин кӯҳ ақибнишинӣ намуд.
Кӯҳи Уҳуд дар 5,5 километрии Масҷиди Мадина ҷойгир буда, зикраш дар аҳодиси набавӣ омадааст. Минҷумла, Паёмбар фармудаанд; «Уҳудун ҷабалун нуҳиббуҳу ва юҳиббуна»-«Уҳуд кӯҳест, ки мо дӯсташ дорем ва ӯ низ моро дӯст дорад».
Гоҳо паёмбар савоби ягон амалро нишон доданӣ шаванд, кӯҳи Уҳудро мисол меоварданд. Вале бештар маъруфияти Уҳуд ҳам ин аст, ки дар ин мавзеъ ҷанги мусалмонон ва мушрикон ба вуқӯъ омадааст, ки дар ун набард мусалмонон шикасти сахте дидаанд. Ҳарби Уҳуд ва шикасти муслимин ва фавти 70 тан саҳобагон бесабаб набуд, ин ҳама дар оянда барои шарикони пайғамбари гиромиамон дарси фаромӯшнашавандае шуд.
Дар ҷанги Уҳуд амаки паёмбар-Амир Ҳамза, Мусъаб ибни Умайр, Абдуллоҳ ибни Ҳаром ва ғайра шаҳид гаштанд. Худи паёмбар дар ин ҷанг якчанд осеб диданду дандони муборак шикастанд, аз рӯяшон хунҳо ҷорӣ шуд, ҳалқаи ҷавшанашон ба рӯйи муборак даромада, маҷрӯҳ сохт…
Ва сабаби ин ҳама шикаст саросемагӣ ва нофармонбарӣ шуда. Зеро вақте муслимин бар мушрикини Макка пирӯз омаданд, афроде, ки дар баландӣ истодаву ҷангро наззора мекарданд, чун диданд, ки пирӯзон ғанимат мегиранд, посҳоро раҳо кардаву ба поин фаромаданд. Дар ин соати муносиб мушрикин истифода кардаву ҳамлаи барқосо заданд ва сафи мусалмонон дарриданду он Ягонаи Оламро захмӣ карданд. Ҳарчанд Пайғамбар амр карда буд, ки дар дилхоҳ сурат набояд тирандозону посбонони баландкӯҳӣ поин шаванд. Хулласи калом ин

нахустин шикасти саҳобагони пайғамбар гардид, ки дарси ибрат шуд, то дар оянда ишон Маккаву оламро фатҳ карда бошанд.

**Таърихчаи 1 кунҷкобӣ**

Вале чун мо ба манзараҳо чашм медӯхтему наздик ба қабристони Уҳуд гурдидем, ки ин ҷо 70 саҳоба мадфун аст, атрофии мазорро дидем, ки бо оинаи шаффоф, вале назарбанд, бастаанд. Даруни қабристон наменамуд. Чӣ бояд кард?
Кунҷкобии журналистӣ маро ором намегузошт. Фикр доштам, ки даруни ин қабристон, паси панҷараи шишапеч бояд чизе бошад, ки мароқангез аст, варна бастани он аз назари мардум ба чӣ корест?
Дар ҳамин фикр будам, ки фикре барқсон ба сарам зад ва ба таъҷил рӯи 3 зинаи оҳанин, ки мардумро аз шиша дар фосила нигаҳ медошт, бо 1 хез баромадам ва дастамро, ки фотоаппарат дошт, боло кардаву аз сӯрохи девор дарун кардам ва таваккалан аккосӣ намудам. Ин марҳала ҳамагӣ 2-3 сония зиёд давом накард. Араби дарбон ин манзараро дида, сӯям омад, вале ман дар таҷаммуъи издиҳом ғайб задам (ман ингуна аксҳоро фурсат ёфтаву дар миёни президентҳои давлатҳо гирифтаам, чӣ расад ба 1 араб, ки маро дарнаёфт!).
Эврика! Ман ба ҳадаф расидам!!! Аксҳое, ки ман гирифтам, шояд бесобиқа бошанд. Шояд (ба эҳтимоли қавӣ!) ман сурати оромгоҳи Ҳазрати Амир Ҳамзаро бардошта бошам! Зеро 1 ё эҳтимолан 2 гӯр аксбардорӣ шудааст. Чаро ин гӯри Амир Ҳамза бояд бошад? Зеро мартабаи ӯ дар олами ислом баланд аст ва эҳтимолан маҳз барои ӯ гӯр ҷудо кардаанд. Дигар асҳоб дар мазори дастаҷамъӣ хобанд. Хуб, дигар қазоват аз хонанда аст. Мо фотофакти таърихиро пешкашат мекунем.

**Дуои Миллӣ**

Араби посбон ба издиҳом наздик шуда гуфт, дуо кунед, ки ин ҷо дуо мустаҷоб аст. Ва то мардум фикр доштанд, ки чӣ дуои сазоворе кунанд, бо садои баланди баланд гуфтам:
-Худоё! Миллати маро ваҳид гардону марази маҳалро аз баданаш гум соз! Давлати Тоҷиконро ягонаи офоқ намо ва Тоҷикро дар ҳама соҳоту ҳама самтҳо муваффақ ва ангуштнамову фахри Оламиён бисоз. Омин, Аллоҳу Акбар!
Ҷумла ҳуҷҷоҷ даст ба рӯй кашиданд ва домулло Сафохон, роҳбаладамон баланд гуфтанд, дуое беҳтар аз ин нашнидаам…

**Бӯи Муҳаммад (с)…**

Баъди таоми шом бо Ёсин – масъули ҳаҷҷи умраи мо дар Мадина ба шаҳр баромадем. Ёсин 33 сол дораду 31 сол ин ҷост, вале «прописка»-и Саудӣ надорад! Паспорти Арабистони Саудӣ имтиёзи танҳо арабҳои муқимист. Ягон нафарро ин Давлат қабул надорад; ин информатсия барои арабпарастони мост! Ёсин гуфт, ҳар корхонае, ки 100 коргар дорад, бояд ҳатман 30 араби муқимиро «хӯронад», дар сурати акс, коргоҳ дар ҳукумат ранги «оронжи»-норинҷӣ мегираду агар оҷилан ислоҳ нашуд, ранги «сурх» гирифта, банкрот мешавад.

## Фашизми арабӣ

Нафароне ҳастанд, ки 60-70 сол ҳамин ҷоанд, вале ягон хел ҳуҷҷат надоранд. Ҳоли собиқ гражданинҳои СССР бади бад аст. Зеро Шӯравӣ дигар нест, кишварҳои нави худро ин тоифа намедонанд ва ҳам паспорти Саудӣ надоранд. Муаллақанд ин бечораҳо! Барои шиносномаи Саудӣ гирифтан ба ҳар аҷнабӣ, бигзор 100 сол низ муқими ин ҷо бошад, 23 паунт ё худ имтиёз лозим аст:

1. Касби доктор, муҳандис ва ё профессияи талаботӣ доштан-10%
2. Беш аз 40 сол дар Саудӣ муқим будан ва кор кардан аз рӯи ҳамин касб-10%
3. Модари саудӣ доштан-3%

## Мартабаи зан

Ба банди охир таваҷҷӯҳ кун хонанда. Зан дар ин давлат ҳамагӣ 3% қимат дорад. Ҳол он ки агар падарат араби саудӣ бошад, ту 100% гражданини ин давлатӣ. Ҳамакнун ба хотир биор, ки то Ислом ва зуҳури пайғамбари мо (с.) ин қавм бо духтарони худ чӣ бархӯрде дошт? Аккурат, зинда ба гӯрашон менамуданд. Яъне дар асри 21 низ ҷоҳилияти араброро на Ислом коста кардааст у на пайғамбари Худо, ки ҷои таассуф аст. Воқеан ин информатсия ҳам сирф барои арабпарастони ҷоҳили мост!!!

## ВАО

Озодии матбуот дар ин ҷо умуман, аслан, умқан ва сирфан нест! Ва мулло-журналистони мо, ки имрӯз аз вазъи бӯҳронии озодии матбуот дар кофе-брейкҳои амрикоиву аврупоӣ «бонги изтироб» мезананд, агар 1 соат вақт ёфтаву матбуоти саудиро варақ мезаданд ва ё Радиоиву ТВ гӯш мекарданд, 1000 бор шукри нимаозодии худамонро менамуданд. Мутмаинан, агар эмон медоштанд!

1 ҳарфи дигаре ҳаст, ки бояд онро гуфт: Дар Саудӣ барои танқиди дилхоҳ сохтор ва дилхоҳ шайхи араб журналистро…депорт мекунанд! Чӣ тавр? Осонакак! Кафшҳоятонро пеш гузоштаву аз кишвар меронанд. Дигар ту медониву озодии амрикову аврупоият!!!

Бо ин ҳама замони ахир машойихро «Баҳори арабӣ» ва сарнавишти талхи Ҳуснӣ Муборак тарсонидааст. Ин аст, ки шайхҳо бештар ба…арабҳо имтиёзот фароҳам меоваранд. Вале гумони ғолиб, агар ин ҷо ҷумбише, тунбоде, инқилобе шуд, ҳатман аз сӯи 6 млн. муздури аҷнабӣ амалӣ мегардад…

## Тиҷорат ва савдо

Шаб барои харидории 1 адаптори оддӣ ва 1 симкарта нисфи шаҳрро чарх задем. Дӯконҳо ифлосанд ва технология кӯҳнаву фарсуда, усулан моли Чин мефурӯшанд. Ҳама савдогарон дурӯяву фиребгаранд ва одамро гӯл мезананд. Нархи ягона ҷое нест. «Ташауз» ба гуфти Ҳоҷӣ Неъмат Шарипов...яъне бардак, мисли зонаҳои шӯравӣ…Ҳушдор ба хонанда: Агар ба Арабистон омадед, дилхоҳ молро савдо кунед, ҳатман арзон хоҳанд кард. Зеро нарху навои ягона ҷое нест, илло дар Дорухонаҳо, ки хеле гаронарзишанд!!!

## Лаҳзае дар биҳишт

**24.05.2012. Субҳ, соати 03:25 дақиқа хестем.** Воқеан ин шаб ҷӯраамон Ҷӯра Ҷӯраевич, ки тани паҳлавонӣ дораду дар Мадина аз миёни миллион зойир бо қадду қомати Рустамона фарқ карда меистод, хуррак зада, то рӯз хобиданам намонд. Соати 04:05 дақиқа намози бомдодро дар Масҷиди Муҳаммад (с) хондем ва дар мавзеи байни Минбари паёмбар ва Оромгоҳаш 2 ракаатӣ 4 ракаат намоз гузоридам!!! 2 ракаатро, ки мисле дар байни Боғи Биҳишт гузорида бошӣ (ин ваъдаи Расули мост!), аз номи ту ҳам гузоштам, хонандаи СССР; маҳз туе, ки ҳамин ҳоло фикр дорӣ, «муаллиф маро дар назар дошта бошад?». Оре, туро дар назар дорам ва шубҳаатро сӯе гузору бигӯ Омин, то дар номаи аъмолат навишта шавад!

## ПАТРИОТ!

**24.05.12. Соат бо вақти Мадина 04:52 дақиқа.** Байни Масҷид, рӯ ба рӯи Боми Сабз – Оромгоҳи ҳазрати Расулуллоҳ (с) ист кардем ва ҳама бо 1 овоз дуову дуруд бар Зоти Пок ва хулафои рошидин ва асҳоб фиристодем. Сипас домулло Сафохон даст ба дуо бардошт ва дар ҳаққи Тоҷикистон, миллати Тоҷик, Давлати мо ва Сарвари давлат дуову фотеҳа хонду офият талабид!

Ин лаҳза маро тости дилхоҳ амрикоӣ ёд омад, ки мегӯяд: За Президента и Боже храни Америку! Браво, домулло. То ин замон ман фикр доштам, ки дар ин гурӯҳ танҳо ман патриотам, вале дидам, ки хушбахтона хато кардаам.

Воқеан ҳам муллои роҳбалади мо дар ҳама ҷо Парчами Тоҷикистонро бардошта мегашт ва чандин бор дуо ҳам кард: Худоё, парчами Тоҷикистонро мисли абрешим доимо баланду дар ҷилва нигаҳ бидор!

Фикр мекунем, ин гуна муллоҳои сунатӣ, ки ҳомии дину мазҳабанд, набояд бекор шинанд! Инҳоро машинаи давлат, ба вежа Кумитаи дин бояд истифода кунад…

## Мо Метавонем!

**24.05.12. Соат ба вақти Мадина 12:40 дақиқа.** То ин нуктаҳоро менавиштаму вирд мекардам, ки бонги пешин заданд ва 4 ракаат суннату 4 ракаат фарзро гузоштем. Сипас 2 ракаат суннатро хонда, 10 ракаат намози нафлу қазои фарз хондам ва 2 ракаат нафли навбатӣ гузоштаву ба аъзои Ихвон-ал-СССР тақдим-ш кардем, ки ҳалолатон бод! Зеро муддаӣ ва мутасаддии сафари мо ба ин шаҳри накӯ ва ҳаҷҷи умра хонандаи мост. Дуруст аст, ки масъули сафар кумитаи дин ва раиси он буданд, вале агар шумо намебудед, ман шояд ин ҷо набудаме! Борҳо гуфтаам ва боз мегӯям: Сармояи СССР обрӯи мову хонандаи мост! Дигар мо сарчашмаи даромад надорем, ҳарчанд ин сафари ман ройгон буд, аммо ба ҳар ҳол он аз имтиёзи газета маншаъ мегирифт ва инро ман мардона дар Мадинаи Мунаввара менависам! Ман иқрорам, ки сабаби омади ман ба ин ҷо туӣ ва зинда бошӣ, ки Мо Метавонем!

## Ғори Уҳуд…

Бори охир, дар шумораи гузашта, қиссаи Кӯҳи Уҳуд ва захми пайғамбару қатли саҳобагонро карда будем. Вале чун баргаштем, Сарвар-донишҷӯи исфарангии маҳаллӣ, ки бо мо риштаи дӯстӣ барқарор карда буд, суоламон кард, ки «Ғореро,

ки пайғамбар панаҳ бурда буд, дидед?». Чу гуфтем, на, гуфт, бубояд дид. Ва субҳи дигар машинаашро овард ва моро савор намуда, дубора сӯи он размгаҳ бурд. Ғори мазбурро бархе мегӯянд, пайғамбар аз ин ҷо наззораи ҷанг мекард ва ағлабе бар ақидаанд, ки на, пайғамбар захмӣ шуда, ин ҷо фирор кардааст. Ба гумони ғолиб, ин ҷо пайғамбари захмин панаҳ бурда бошад. Зеро тибқи сарчашмаҳо пайғамбари ҷасури шердили мо (с.) аз ягон ҷанг худро дур намегирифтанд ва мардонаву шерона дар байни издиҳом ҳарб мекардаанд. Табиист, ки пайғамбар аз ин масофа истодаву ҷангро раҳбарӣ карда наметавонист. Ин аст, ки фарзияи панаҳ бурдани ҷисми хуншори Расули акрам (с) версияи ба ҳақиқат пештар аст. Хуб, атрибутикаи дигар низ гувоҳи ин далел аст. То ҳанӯз аз байни ғор мисле, ки ҷӯи хун, моеъе фаввора зада мебарояд. Ва ғор бӯи мушку анбар дорад!

Ба номи Худое, ки моро офаридааст ва худат ҳам нек медонӣ, хонанда, ки шахсан ман зидди мистика ва афсонаҳои диниам, ки мазҳабро ба фасона табдил кардаанд, вале ин ғор бӯи мушку анбар мекард!

Ин дар ҳолест, ки арабҳои пастфарҳанг на танҳо то ин ғор, ақаллан пайроҳаи кӯчаке натарошидаанд, ки наздики он бузу гӯсфанд мечаронанд ва дар сояи кӯҳи даҳони ғор ҳаявон саргину пасмондаи худро рехтаанд. Вале аҷиб аст, ки бӯи саргин намечамӣ ин ҷо. Зеро бӯи мушку анбари муҳаммадӣ ин ҳамаро фарогир пахш кардааст!!!

Бо ҳоҷӣ Неъмат то дохили ғор баромадем. Ҳарчанд Сарвар мегуфт, боло нашавед, ки хатарнок аст. Вале оё дувумбора ин маконро метавон зиёрат кард? Ҳарчанд дохили ғор мешудем, накҳати мушку анбар, ки сабқат аз мушки хитой рабуда будӣ, моро мепечид. Ва дохили ғор дар ин гармои сангин кайфияте дошт, ки ту пиндорӣ бузургтарин кондитсионерро гардон карда бошанд. Ин ҷо мушки Худову кондитсионери Худо кор мекард, то иззати Ҳабибашро пас аз 1600 сол бар мо талаққӣ дошта бошад…

Хуллас, хонанда, агар бахт ҳомиву Худо мададгору даъвати Иброҳим алайҳиссалом ҳодият гардаду иттифоқи сафар уфтадат, ҳатман ин ғорро зиёрат бикун ва бигӯ: *Лаббайка аллоҳума лаббайк…*то ҳаҷ дастат диҳад ва Охир-уд-даъвоно ани-л-ҳамдуллилоҳи раббул оламин!

**Масҷиди набавӣ-модернизатсияи Ислом**

**24.05.2012. Соат ба вақти Мадина 19:03 дақиқа.** Шом хонда, бо Ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ Раҳимов 20 ракаат намози нафл гузоштем. 2 ракаати ҳатмиро дар ҳаққи ту ҳам хонандаи ин сутур гузоридем, ки бигӯ омин, то бар номаи аъмолат насб гардад. Сипас бархоста, сайри…зери Масҷид кардем, ки 4 ошёна дошт ва тамоми масҷид бо ин бузургиву ҳашамат рӯи чанд поя меистод. Зери масҷид ҳама истгоҳи авто ва ташноб буд. Эсколатор то 2 ошён поин мешуд, 1 ошёна пиёда меравӣ. Дар ҷамъ 4 ошёна мефаройӣ ва 5 ошёна боло мегардӣ, ки ин аҷобатро бояд дид! Мошинҳои намозгузорон аз ошёнаи 2 ва 4-и зери масҷид мегузаранд. Ин ҷо автопарк аст. Мошинҳои зиёде, ки шуморашон аз ҳазорон адад ҳам мегузарад, бо роҳи зерзаминӣ ба ошёни 2 ва 4 меоянд ва бо ҳамон роҳ баромада мераванд, ки на садову на дудашонро мебинӣ (ниг. ба аксҳо).

Бе ҳазлу танзе, агар муллоҳои иртиҷоии мо мешуданд, барои аз зери Масҷиди Пайғамбар ва оромгоҳи Ӯ гузаштани мошинҳо қиёматро қоим мекарданд. Аммо ин ҷо исломро модерн, замонавӣ кардаанд ва хурофотро ба мо-нимкорамусалмонҳои ҷоҳил ба мерос гузоштаанд! Ман перомуни ин далел, ки дар ин 5 ошёна чанд туалети замонавӣ ҳам ҳаст, чизе намегӯям, вале перомуни хурофоти Тоҷикӣ 1 қисса мекунам:
Дар шаҳри Кӯлоб, порки маркази фароғатӣ наздики мазори Ҳазрати Амирҷон аст. Табиист, ки ин порк (мутаваҷҷеҳ бош, хонанда, на оромгоҳ!) ҳоҷатхонае дорад. Ана ҳамин ҳоҷатхона беш аз 70 сол аст, ки маркази баҳси хурофотиён қарор дорад, ки ишон даъво мекунанд, баракати моро Худо мегираду Ҳазрати Амирҷон мезанадамон, то ин ҷо туалет сохтаем. А, дар саҳни масҷиди набавӣ даҳҳо туалет ҳасту касеро бим нест. Воқеан ҳам, охир масҷид таҳоратҷо надошта бошад, мардум куҷо меравад? Инро ҳама медонад, вале хурофотпарастони мо то ҳанӯз баҳс доранду баҳс доранд-эъъъ.
Ҳамин ҳоло қиссаи дигаре ёдам омад, ки хурофотие ҳам даъво мекард, ки мӯсафеде бо либоси сабз (дақиқан аз он дунё!) пайдо шудаву мардумро ҳушдор додааст, ки наздики мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чархофалаки бачагона гузоштан хуб нест…
Вале ин ҳамаро сӯе гузорему дар бораи Масҷиди набавӣ, ки дуввумин бузургтарин Масҷид (баъд аз Масҷиди Ҳарам-Каъбатуллоҳ) дар олам аст, сухан гӯем, ки бовар кун, хонанда, шуниданиҳои барзиёде дорад. Омодаӣ? Пас рафтем ба сайру саёҳати Масҷиди пайғамбари худамон…

**Бунёди Масҷид**

Ҳарчанд Масҷиди мазбур нахустин нест (перомуни масҷиди №1 дар Ислом дар шумораҳои баъдӣ сӯҳбат мекунем), вале аз нахустинҳост. Зеро бо омадан ба Мадина Пайғамбар (с.) ва асҳобашон дар фикри бунёди Масҷиде заданд, ки ҳам ҷои намозгузорӣ бошаду ҳам қабули меҳмонону фирориёни Макка ва ҳам ҷои тадрису ваъз ва ҳам сӯҳбати асҳоб. Тибқи ривоёт ҷои масҷидро шутури Муҳаммад (с.) бо амри Худои Азза ва Ҷалла интихоб кард. Ин ҷо маконе буд, ки 2 ятим, бо исми Саҳл ва Суҳайл хурмо хушк мекарданд. Пайғамбари барҳаққи мо аз ятимон ин мавзеъро бо пули ризои соҳибон харидорӣ карданд ва дар иморати масҷид бевосита саҳм доштанду дар ҳашари он иштирок мекарданд. Масҷид аз хишти лойин сохта шуд ва сароғоз бомаш кушода буд, вале чун асҳоб аз гармои тоқатфарсо шиква карданд, бо амри Пайғамбар шифтро бо шохаҳои хурмо пӯшониданд. Сутунҳо аз дарахти хурмо буду фаршро аз регу санг рехтанд. Масҷид 3 дар дошт ва қибла сӯи шимол, яъне Байтулмуқаддас буд. Қибларо низ на дар ин масҷид, ки дар Масҷиди Қиблатайн тағйир додаанд, ки перомуни ун масҷиду ин моҷаро, ки чаро қиблаи мо сӯи дигар буду бо кадом сабаб ва дар куҷо онро иваз кардаем, мо, иншооллоҳ, дар шумораҳои баъдӣ гуфтугӯ мекунем. Гӯшбақимор бош, хонанда, ки Мо Метавонем!

**Масҷид тангӣ мекунад!**

Саҳни ибтидоии масҷид ҳамагӣ 35 метр буд. Дар соли 7 ҳиҷрӣ (1383 мелодӣ) саҳни масҷид ба 50 метр расид. Вале ин оғози кор буд. Масҷид то ҳанӯз дар ҳоли афзоиш аст ва инак бо саҳни беруниаш, ки низ ҷои намозгузорист, дар даврони муосир …170 гектарро дар бар мегирад!!! Ин ҷо дар 1 вақт беш аз 1 млн нафар намоз мегузорад.
Дар қаноти шарқии масҷид дар замони Пайғамбар 2 ҳуҷра сохтанд, ки яке барои Савда бинти Замъа буду дигарӣ аз они Ойиша бинти Абубакр (занҳои расули акрам). Сипас ҳуҷраҳо афзуданд ва барои Ҳафса-зани Расул ва Фотима-духтарашон низ ҳуҷра сохтанд. Пештоз мегӯем, ки баъди фавти Пайғамбар, ки солҳо ба баъд дар азояш Шоҳ Неъматуллоҳи Зарробии Марди Валии Балҷувонии Ҳомонии Кирмонӣ чунин фиғон мекард:
**Куҷо шуд Садру Бадри ҳар 2 олам,**
**Муҳаммад беҳтарин Авлоди Одам?**
**Ҳама рафтанду мо аз пай равонем,**
**Ҳамоно, аз шумори рафтагонем…**
…дар ҳуҷраи Ойиша ба дасти хок рафтанд. Сипас баъди фавт Абубакри Сиддиқ дар тарафи чап ва андаке поинтар аз ӯ Умари Хаттоб ҷо гирифтанд, ки раҳмати Худо бар онҳо расида бод. Омин!
Шоҳидони ҳол ва воқифони асрор қисса мекунанд, ки дар дохили ҳуҷра боз 1 мавзеи холӣ барои қабри №4 вуҷуд дорад. Мегӯянд, ки он барои ҳазрати Исо алайҳиссалом аст, ки пас аз фуруд омадану фавташон дар ҳамин ҷо ба хок хоҳанд рафт. Ана ин факт барои хурофотиёнест, ки кӯр-кӯрона ҳазрати Исоро бо китобаш радд мекунанд, ҳарчанд набояд фаромӯш кард, ки Исои Масеҳ пайғамбари барҳақ асту Ҳофизи лисонулғайб низ ӯро бо такя бо оёти Шариф Рӯҳулқудс хондааст:
**Фазли рӯҳулқуддус ар боз мадад фармояд,**
**Дигарон ҳам бикунанд, он чӣ Масеҳо мекард…**

### Тармиму тағйиру тавсеъаи Масҷид

Нахустин шуда, пас аз сари Пайғамбари гиромимон Умар ибни Хаттоб масҷидро васеъ карда, то 70 метр расонид. Сипас Усмон ибни Афон, Валид ибни Абдумалик, Маҳдӣ, Султон Абдулмаҷид, шоҳ Абдулазиз ва шоҳ Абдурраҳмон оли Сауд ва Фаҳд ибни Абдулазиз даст ба тавсеъаи Масҷиди Набавӣ заданд.
Дар соли 86-96 ҳиҷрӣ (705-715) Валид ибни Абдумалик дилу гурда кардаву тармими назаррасе анҷом дод. Бо даъвати ӯ шоҳи Рум 40 устои гулдасти худро ба Мадина равона кард, то ишон Масҷидро бо усули замонавии дар Аврупо маъмул таъмир карданд. Ин косибон пойдеворӣ масҷидро куллан иваз кардаву аз санг гузоштанд ва сутунҳоро низ санги гирдашакл-колонна гузоштаву дохилашон сурб рехтанд, то вазн гирифтаву наҷунбанд, сипас сақфу меҳробро оби тило кашиданд. Султон Муҳаммади II, императори туркҳои усмонӣ, ки Мадинаро забт карда буд, дар соли 1813 мелодӣ болои ҳуҷра-оромгоҳи Муҳаммад (с.) гунбади сабзранги сурбӣ гузошт, ки то ҳанӯз побарҷосту дар шумораҳои қаблӣ хонанда онро дидааст. Гунбади мазбур имрӯз рамзи Мадинаи Мунаввара аст.

Соли 1847 мелодӣ баробар ба 1263 ҳиҷрӣ султон Абдулмаҷид бидуни Ҳуҷраи Муборак куллияи Масҷидро сар аз пойдевораш дигар мекунад! Ин ремонти кулл 13 сол давом кард! Абдулмаҷид беҳтарин косибони замонаро гирдовар кардаву Масҷидро ба ҳамин шевае, ки имрӯз ҳаст, сохт. Албатта, тағийротҳои ҷузъие, мисли кондитсионеру вентилҳо гузоштаву гаражу автопаркҳо бунёд ёфтаву таҳоратҷойҳои замонавӣ ва қуббаҳои гардандаи электрикӣ гузошта шудаанд, ки шаб ҷамъу рӯз мисли чатр боз шуда, соя меафгананд, вале гавҳари бунёди Масҷид ҳамонест, ки Абдулмаҷид сохта буд, ки раҳмати Худо бар ӯ расида бод!
Евроремонт, ё худ тармими ҷадидтарин ва тақрибан охиринро дар соли 1984 мелодӣ баробар 1404 ҳиҷрӣ Фаҳд ибни Абдулазиз-малики Саъудӣ кардааст, ки тавре гуфтем, Масҷид 170 га васеъ шуда, барои 1 млн нафар хизмат мегузорад. Фаҳд дар боми масҷид 27 қуббаи мутаҳаррик гузошт, ки вазни умумиашон 2160 тонна (маҳз тонна, на кило) аст! Дар аҳди Малик Фаҳд 10 манора дар масҷид пайдо шуд, ки дарозтаринаш 70 метр аст. Воқеан ҳам аҳли Мадина ба ҳурмату иззате, ки ба Расули акрам дорад, биноҳои шаҳрро аз ин манора болотар намесозанд. Дартоз мегӯям, ки аҳли Маккаро, ки Пайғамбарамонро ронда буданд, то ҳанӯз чунин фаросат даст надода, ки аз Хонаи Худо-Каъбатуллоҳ ва ҳатто манораҳои Масҷиди Худо ба карат баландтар бино месозанд. Ба гунаи мисол, ҳутали бузургтарини ҳарам 127 этаж аст, ки Каъба пешаш басо назарногир менамояд. Оё ин нописандӣ нест? Ин суол ба арабпарастони хурофотии мост, ки нофи замину маҳди Ислом арабро медонанд, на қавми Исломро…Вале ин тамоман мавзуъи дигар аст, ки мо дар сафаргуфтаи хеш ба Хонаи Худо, ки баъдан моро даст додааст, ҳатман атрофи он сӯҳбат хоҳем кард: Мунтазир бош, хонанда, ки Мо Метавонем!

## Кампири 102 сола дар ҳаҷ

Қабл аз оне, ки бар сафаргуфта давом бахшам, 1 қиссаи аҷиберо ҳикоят мекунам. Сабабгори овардани ин қисса дӯсти қадимаи журналистам Марямбонуи Фарғонист. Марямбону, ки сахт тақводоранд, пас аз хондани матлаби қаблӣ ба ман занг зада изҳори сипос намуд, ки ба вежагие сафарномаи Мадина меангорам ва дуо хост. Дуош додам, ки сафари кулбаи пайғамбару тавофи Хонаи Худо муяссарат бод, ки гуфт, синнам ба ҷое шудаву саломатам имкон намедиҳад, в-арна мерафтам. Ва ба ӯ ин қиссаро нақл кардам, ки ҳамин ҳоло ту, хонандаи ин сутур хоҳӣ хонд.
Бо гурӯҳи мо зани хеле солхӯрдаву мӯсафеде чаққон ҳамсафар буданд. Чу боре такпурсӣ намудем, маълум шуд, ки ин зан модари ҳамин мӯсафед аст. Ҳайрати моро интиҳо набуд, чун шиносномаи он хонуми пирро варақ задам, маълум шуд, ки ин зани регарӣ, аккурат, аз Мирзо Турсунзода-шоири шаҳир ва қаҳрамони миллӣ…бузургсолтар будааст!
Инак, шинос шавед, Юсупова Зайнаб, соли таваллудаш 1910, сокини деҳаи Чиртаки н. Турсунзода, аз қасабаи Қаратоғи Регар, деҳае, ки Мирзо Турсунзода таваллуд шудааст. Писари ӯ Бароталӣ Бафоев 61 сол дорад. Ҳалоли чунин фарзанд бод, ки ҳарчанд синни худаш ба ҷое расида бошад ҳам, модари пири худро рӯи

дастон мегардонид ва сувори аробача-коляска ба тавофи Масҷиди набавӣ мебурду ба тамошои Мадина ва тавофи Каъба.
Момои Зайнаб аҷиб хислате доштанд, ки бо фарзанди «кӯчак»-и хеш мисли тифлаке бархӯрд мекарданд. Ман, ки пас аз шунидани синну соли визави ҳисси кунҷкобиам боло гирифта буд, ин ҷуфтро зери назар гирифтам. Ва аҷобате кашф кардам. Агар писари 61 сола дер меомад ва ё ягон соат нопадид мешуд, модари пир меҳмонхонаро ба сар мебардошт. Боре ҳатто бо ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳу домулло Сафохон «заҳракаф» шудем, чу аз долони ҳутал садои гиряву «бачам куҷой?» баланд шуд. Маълум кардем, ки Бароталӣ ба тамошои дӯконҳо рафтаву соате дер кардааст ва модари пир алахон шудааст.
Бори дигар дидам, ки кампири Зайнаб ширкадуеро чашидаву ба писараш мегуфт: - Бачем, ин кадуи ширинро хӯр, мағзи почаро мустаҳкам мекунад.
Ин замон маро Модари бузурги Худораҳматиам ёд омад, ки ба ман мегуфт:
-Эй, Сайёф, агар ҷаҳонро гирӣ ҳам, дар пеши ман ҳамон пораи гӯшти хоме ҳастӣ, ки бори аввал дар тағора мешустамату метарсидам, ки зарбу лате нахӯрӣ!
Ба ҳақиқати гуфтори Модари худобиомурзам, дареғу дод, ки чанд сол пас аз маргаш расидам. Ва дар симои кампири 102 солаи регарӣ таҷаммуъи меҳр, муҳаббат, садоқат ва ишқи Модари Тоҷикро нисбат ба фарзанди навзодаш дидам. Дуруд бар ту, эй кампири Зайнаб, ки дар симои хеш Модари Тоҷикро ба ман муаррифӣ кардаву дар зеҳни ман нақши ногусастании на камтар аз тавофи Каъбаро гузоштӣ…Хонандаи гиромии ман, ба қадри Модар бирас ва агар Худо давлати мавҷудияти Модарро насибат кардааст, оҷилан, пас аз хондани ҳамин сутур ба аёдаташ бишитоб. Вале агар Модар надорӣ, пас ин дуоро аз мани пургунаҳ дар ҳаққи модари худу ҳама модарон бипазир: Худовандо! Тамомии Модарони оламро, чӣ мусалмон бошанду чӣ насронӣ ва чӣ яҳудиву бутпарасту кофару габру бедину диёнат, биомурз ва фардо Рӯзи қиёмат дар зери чодари Бибифотимаи Заҳро маъво бидеҳ. Омин ё раб-ул-ъоламин!
Воқеан ҳам ин зани пир баробари ба Макка расидан гӯиё пару бол бароварду мисли парвона гирди Каъбатуллоҳ мегардид (ҳарчанд савори аробачае буд) ва танаш сиҳҳату баданаш пурқувват шуд, ки бе гумон Худованд бар ҳама зойирин назар кардаву ҳуҷҷоҷро қуввату қудрат мебахшад.
Чун ин қиссаро ба Марямбону гуфтам, қавидил шуду гуфт, ба эҳтимоли ғолиб нияти сафарро дар андеша хоҳад парварид. Ту ҳам, эй хонандаи ман, агар иллате дорӣ, таваккал кун, ки худо мардони таваккулиро дӯст дорад ва аз зиёрати Каъбатуллаҳ ва пазироии даъвати Иброҳим алайҳиссалом худро канор магузор ва бигӯ «*Лаббайка аллоҳума лаббайк*», то бошад, ки ба дидор бирасӣ…

**Дуздӣ дар кулбаи пайғамбар ва Хонаи Худо**

Вале чун камари ҳиммат бастиву рӯ сӯи кулбаи уммед кардӣ, зинҳор, ки аз мардуми айёр ва шабзиндадор андеша кун. Яъне бидон, ки дар Мадинаву Макка дуздони бедину диёнате ҳастанд, ки равшанӣ аз Моҳу нур аз ситорагон мерабоянд. Ба забони омма, ҳар дузде ҳаст ин ҷо, ки сақичро аз даҳони мардум мегирад. Ва барои такмили гуфтаҳо чанд қиссаи шунидаву дидаамро меорам, ки

бошад сабабгори ҳифзи молу колоят гардад. Воқеан ҳам аъроб масали хубе доранд, ки аз дуздпешагии қавму қабоили маҳаллӣ дарак медиҳанд:
-Моли араб-пеши араб!
Дуртар, ки мондӣ на танҳо аз пулу мол, ки ҳатто кафшҳои хитойии худ бе насиб мегардӣ. Ва ҳамакнун 2 қисса, ки аввалиро Домулло Сафохон гуфта буданд:

**Сирқати $2000 дар Макка**

Зане аз ҳуҷҷоҷи Тоҷик пулашро ба миқдори 2000 доллари амрикоӣ бо худ гирифта, тавофи Каъба мекард. Воқеан ҳам ин далелро ҳама тасдиқ мекунанд, ки ба ҳангоми ҳаҷҷи фарзӣ шумори бузурги дуздон аз ақсои олам ба ин ҷо мерезанд. Мақоли Тоҷикие ҳам ҳаст-ку, «дузд ҳам худо мегӯяду соҳиби гов ҳам!»?
Хуллас, ин зани Тоҷик пулашро сари сандуқи дил зери саридилбандак аз таки куртаву сатр мегузорад ва маросими ҳаҷро поин мекунад. Сипас ҳутал омада, мехоҳад душ қабул кунад ва либосро кашида, мебинад, ки пул нест. Таваҷҷӯҳ менамояд, ки дузди бағдодӣ сатрро канор кардаву куртаи зер ва синабандашро бо алмос бурридаву долларҳоро рабудааст! Ин корро дузд шояд дар садяксония камтар вақт анҷом дода бошад, зеро ин зан ҳич ба хотир намеовард, ки бо мард ё зане (оооо, занҳои профессионали дузд низ ин ҷо кам нестанд!) бархӯрда бошад! Гузашта аз ин тамомии Маккаву Мадина моломоли камераҳо мебошанд ва ҳар ҳаракати мардум сабту навор мегардад, вале дар чанд сол 1 ё 2 дузд дар ин мавзеъҳои муқаддас боздошт мешаванд, ки аз профессионализми баланди…дуздон гувоҳӣ медиҳад. Хуллас, ҳушёр бошеду «Дил ба ёру даст ба кор», вале ҳамёну молатонро фаромӯш накунед!

**Дуздӣ дар фундуқи Ал Ғиёс**

Вале мавҷудияти дуздон дар масоҷиду ҷойҳои муқаддас ба ин маънӣ нест, ки пулатонро дар меҳмонхона гузоред. Дар ин ҷо дуздони на камтар моҳиртар аз кӯчагиҳо ҳокими мутлақанд!
**25.05.2012. Соат ба вақти Мадина 03:20 дақиқа.** Бархоста, таҳорат гузоридаву сӯи Масҷиди Набавӣ шудам. Намози бомдодро хонда, тасбеҳ задем, то офтоб баромад ва 10 ракаат намози нафл гузоридам, ки 2 ракаати он дар ҳаққи ту буд, эй хонандаи ин сутур ва узви Ихвон ал СССР, ки бигӯ Омин, то дар номаи аъмолат насб гардад. Вале дар бозгашт ба фундуқ моро сюрпризе мунтазир буд.
**25.05.2012. Соат ба вақти Мадина 04:40 дақиқа.** Мӯсафедони мо, ки дар ҳуҷраи 814 ба сар мебурданд, фиғон кашиданд, ки ба хонаашон дузд даромадааст. Маълум шуд, ки дузд 400 доллари 1 солхӯрдаи Ваҳдатӣ ва 7 косаи 7,5 долларии мӯсафеди Ҷиргатолиро рабудааст. Аҷиб ин аст, ки ҳоҷии ваҳдатӣ пулро ба тоқӣ гузоштаву тоқиро зери простыня ва сипас таксарӣ пинҳон намудаву дигарӣ косаҳои зеборо дар бағоч зери дигар коло гузошта буд. Вале дузд ин ҳамаро чунон дарёфтаву кашида бурдаву рӯпӯш намудааст, ки мӯсафедон намедонистанд, ки кай молашон ба яғмо рафтааст. Ҳуҷҷат: Ҳушёриро аз даст надиҳед ва бо содагии Тоҷикона мапиндоред, ки дар Мадинаву Макка ҳама Худотарсанд!!!

**Разборкаи мадинавӣ**

Чу дидам, касе ба доди мӯсафедон намерасад, ба назди раиси ҳутал, 1 араббачаи навхостаи бе фарҳанге, ки ягон забони дунёро намедонист, ба разбор рафтам. Ҳорун ном афғоне, ки масъули гурӯҳ буд низ бо ман рафт. Ман, ки аз бесаводии ҷавонони араб то ҳанӯз пурра огоҳ набудам, бо англисӣ чанде ба ӯ морал хондаву ҳуқуқҳои пилигриммҳоро фаҳмонидам. Вале аз чашмонаш дарк кардам, ки чизе намефаҳмад. Гуфтам англисиро медонӣ, ки гуфт на. Пас Ҳорун ба ҳуҷум гузашту гуфташ (тарҷумаи англисии матни ба ҳаво рафтаи ман!), ки агар пули мӯсафедро барнагардонед, инҳо шиква ба пулис мебаранду дасти duздро мебурранд (воқеан ҷазои дузд ҳамин асту боз инҳо ме-дуз-данд!) ва ахиран ба кумитаи дини кишварашон мегӯянд, ки ба ҳутали Ал Ғиёс ҳамкориро қатъ кунанд. Араббачаи бесавод бо ғурур гуфт, ки агар ба пулис шиква баред, худатонро муҷрим мекунанд, зеро ман арабам ва касе ҳуқуқ надорад аз араб ба араб шиква барад, хоса аҷнабиён! Баъдтар Ҳоруну Ёсин-масъулини сафари мо дар ин кишвар, маро фаҳмониданд, ки воқеият ҳамин асту пулис ҳич гоҳ ҷониби аҷнабӣ, яъне ғайрирабро намегирад ва шиква ба пулис зоеъи вақт аст. Ин информатсия барои арабпарастони ҷоҳили мост, ки агар аъроб дузди худро аз ҳоҷии зарардида боло гузоранд, пас вой бар шумо, ки боре ба чанги аъроб афтед агар! Хуллас, кор ранге нагирифту аз аъзои гурӯҳ хоҳиш кардам, ки ба мӯсафеди ваҳдатӣ, ки пуле дар ҷайб надошт кӯмак кунанд. Ҳуҷҷоҷ касе ба миқдоре кӯмак кард. Ба вежа ҷавоне бо номи Сабур 100 доллар бароварду Ҷӯра Ҷӯраевич 50 риол ва дигарон ҳам 100-у 50 риолӣ мепартофтанд. 1 ҳоҷии зихна ва сахт, 1 риол дод, ки баргашта онро ба сараш задаму гуфтам, ин ҷо гадоӣ нест, ин ҷо сухан сари дарки масъулияти ҳамсафарӣ ва поддержкаи ҳамватан дар ғарибӣ меравад. Фаҳмид ё на, ки 1 риолашро гирифта, дар байни ҳамёни пури долларaш пинҳон сохт. Воқеан ҳам ин ҳоҷӣ сипас дар Дубай поин шуд, ки то чанде дигар дар ин шаҳри «ормонҳо» кайфу сафо кардаву ба ҳазорон доллари дигар асбоби тиҷорат харидорӣ кунад, ки худо биомурзадаш. Хулласи калом, то ҳадди имкону ва тавон зарари расонидаи дуздони арабиро ҷуброн намудем…

**Ғарибони Мадина**

**Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,**
**Ва ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!**

Ҳарчанд бори ғарибӣ ҳам кашидааму заҳри ғурбат чашидаам, вале ин рӯз бо маънии том ба ин байти Ҳазрати Камоли Хуҷандии Тоҷик сарфаҳм рафтам, ки чаро ин пири хирад дар беҳтарин шароит ба сар бурдаву умре дар ёди Тоҷикистон месӯхту то дами марг Хуҷанд мегуфт…

**25.05.2012. Соат ба вақти Мадинаи Мунаввара 19:03 дақиқа.** Намози шомро хонда, 2 ракаат намози нафл дар ҳаққи ту ҳам гузоридам, хонандаи ин сутур, ки бигӯ Омин, то бар номаи аъмолат иншооллоҳ насб шуда бошад.

Сипас бо ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ Раҳимов-раиси номии вақт дар н.Панҷ саҳни масҷидро чарх задем, ки 2 нафар солхӯрда ба мо наздик шуда, бо забони фасеҳи кӯҳистони Тоҷик пурсиданд:

-Шумо аз Тоҷикистонед?

Чу посухи мусбӣ шуниданд, бағал кушодаву истиқболамон гирифтанд ва гуфтанд, ки яке аз Тоҷикони Кӯлоб будаасту дигарӣ аз лақайҳои Қӯрғонтеппа.
Хуфтанро бо Муҳаммадюсуфи кӯлобӣ ва Абумуддини қурғонтеппагӣ гузоридем ва ишон изҳор доштанд, ки мехоҳанд бо солхӯрдагони гурӯҳи мо дидор кунанд.

**Ҳузн-ул-Ватан**

Муҳаммадюсуф тавре сухан мекард, ки гӯиё Тоҷикистон, ба вежа Балҷувони Тоҷиконро аз ёд медонист. Мегуфт, падарам зодаи деҳаи Сариосиёб ва модарам аз Раҳмонбурдист. Воқеан ман деҳаи Раҳмонбурдаро (шояд Раҳмонбарда бошад!) медонам! Зеро тавре хонандаи ҳамешагии мо дар хотир дорад, 2 сол муқаддам бо супориши редаксия ман дар ин мавзеи кӯҳсор дарав карда будаму фоторепорте пешкаши ӯ!
Абумуддин камтар иттилоъ дар бораи Тоҷикистон дошт. Танҳо медонист, ки падараш аз шаҳри Қурғонтеппа будааст. Ҳар 2 ҳам аз табори сарватманд будаанд ва бо ғасби болшевикон авлодашон сароғоз ба Афғонистон ва сипас ба Саъудӣ реҳлат намудаанд. Воқеан ҳам ҳушдоре ба сарватмандон:
**- Зинҳор ба давлату сарват моилу муфаххир нашаведу худро аз мардуми оддӣ дур нагиред, ки дилхоҳ ҷумбишу инқилобу табаддулотҳо дар навбати аввал шуморо бе Ватан мекунад! Инро на танҳо аз таҷрубаи Қирғизистони муосиру Русияи подшоҳӣ, ки аз зиндагиномаи ана ҳамин 2 мусофири Тоҷик дарк кунед!**
Баъди хуфтан ба фундуқи Ал-Ғиёс омадем ва…маълум шуд, ки Муҳаммадюсуф хеши наздики 1 тан аз ҳуҷҷоҷи мо-Бобои Давлати фархорӣ будааст! Ишон пас аз пурсупос ҳамдигарро дарёфтанд ва канор кушодаву гардани ҳамдигарӣ бигрифта, хуб гиристанд. Ва чигуна ҳам нагирянд, ки пас аз 92 соли ҳиҷрату ғурбату дарбадарӣ амакзодаи хешро ғофилан бинӣ? Ману ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ, ки омили ин дидор будем, фараҳе дар қалб, хешонро ба ҳоли худ гузоштем, то дарди дил кунанд ва оҳиста ба ҳуҷраҳои худ рафтем…
Пагоҳ, чун солхӯрдагонро дарёфтем, бо чашмони варамидаву хобнадида менишастанд. Гуфтанд, ки то субҳ дар сӯҳбати ҳамватанон будем. Тоҷикони мадинавӣ онгуна меҳмоннавоз баромаданд, ки ахиран мӯсафедони мо аз ишон гурезӣ шуданд. Зеро ҳар шаб то субҳ онҳо бо инҳо сӯҳбат мекарданд. Бо ин ҳама 2 ғариби Тоҷикистонӣ бадбахттарин мардуми олам будаанд. Зеро таври маълум, инҳо низ шиносномаи саъудӣ надоштанд ва тибқи пропискаи 2 сола иқомат мекарданд. Беш аз 60 сол бо ҳуқуқи паррандавӣ-«птичье право» ба сар бурдан…магар аз ин дида бадбахтӣ мешавад?

**Тоҷикистон маркази исломи асил аст!**

Ба ишон гуфтам, ки ба Тоҷикистон биоед! Ин ҷо дари дилу дидаҳо ва марзҳои Тоҷикистони азиз ба рӯи ҳамаи шумо кушода аст. Боварашон намеомад. Афзудам, ки Тоҷикистон на Ӯзбакистон асту на Туркманистон! Омаду рафт бо тамомии кишварҳои хориҷӣ роҳат ва бидуни мушкил аст ва ягон пулис шуморо дар кӯча нигоҳ дошта, тафтиш намекунад. Чун дар бораи дин пурсиданд, гуфтам дар мо мусалмонӣ бештар аз Саъудӣ ривоҷ кардааст. Чу бовар накарданд, мисол

овардаву гуфтам, ки мебинам, дар Мадина азон, ки садо дод, мардум маҷбуран дӯконҳоро баставу сӯи масоҷид медаванд. Агар ба намоз наоянд вой бар ишон. Ба вежа бар шумо-ғарибон, ки бо қазои намоз депорт мешавед. Ва афзудам, ки намози маҷбурӣ чӣ намозест? А, дар мо, дар Тоҷикистони азиз, намозу рӯзаву тасбеҳ ихтиёрист. Рӯиҳамрафта, 52 минимазҳаби насронӣ амал мекунаду калисову куништи худро доранд. Ҳатто синагог ҳаст! Ба дине ихтиёран гаравидану аз он ихроҷ шудан дар моддаи 26, Сарқонуни ҶТ сабт асту касе касеро мазаммат нахоҳад кард. Вале бо ин ҳама чун садои бонги азон шунида шуд, дар масоҷиди мо ҷои помонӣ нест ва мардум ҳатто ҷодаҳоро забт карда, зери офтоби сӯзон болои асфалт намоз мегузорад! Гуфтамашон, ҳамакнун бигӯед, ки мусалмони асил инест, ки бо чӯб масҷид бояд равад ва ё оне, ки ихтиёран, аз пеши худ ва бо ҳидояти қалб бар масҷид мебиштобад???
Чу мадраки маро шуниданд, эҳтироме қоил шуданд ва гуфтанд, воқеан ҳам дар Тоҷикистон мусалмонони поктарин ба сар мебурдаанд! А, ту чӣ, хонандаи ман? Гумон доштӣ, ки мусалмонии маҷбурӣ беҳтар аз ихтиёрист, ки ин қадар «недовольный» ин сутурро мехонӣ?

**Масҷиди қиблатайн**

Дар шумораҳои қаблӣ қавл дода будам, ки перомуни масҷиде ҳарф мезанам, ки дар он қиблаи мо тағйир хӯрдааст. Ваъдаву вафо гуфтаанд! Омодаӣ? Пас бо ман бирав, то туи азизро бо чанде аз табарруктарин масоҷид дар олами Ислом ошно кунам. Сароғоз масҷиди Қиблатайн…
**26.05.2012. Соат ба вақти Мадина 08:52 дақиқа.** Ба масҷиди Қиблатайн рафтем. Ҷое, ки дар намози аср бо ваҳйе қибла иваз шуда буд. Дар паҳлӯи меҳроб, паси минбари эмом, ки замоне ҷои минбари Расули акрами ман буд, 6 ракаат намози нафл гузоштам, ки ба машомам гумоне бӯи пероҳани Он Зоти Пок ва Ҳабиби Худо мерасид. Ҳолате буд, ки наздикии Пайғамбар ва ҳузури мубораки Ӯ эҳсос мешуд. Воқеан ҳам, аъзои Ихвон ал СССР фаромӯшам набуд ва 2 ракаати ҳатмӣ ба номи ту, хонанда бахшидам, ки бигӯ: Омин, то бар номаи аъмолат насб гардад!

**Ва аммо чаро Қиблатайн?**

Чун намоз фарз гардид, мусалмононро амр шуд, ки ба тарафи Байтулмуқаддас намоз хонанд. Ин ҳол 16 ё 17 моҳ давом кард. Сипас Худованд амр кард, ки минбаъд ҳангоми намоз рӯятонро ба сӯйи Қиблаи нав, Масҷид-ул-ҳаром бигардонед. Ин ҳолат дар намози аср даст дод, ки пайғамбар бо саҳобагон 2 ракаат намои фарзро гузорида буданд. Дар дохили намоз ваҳй омад, ки самти қибла тағйир шуда ва пайғамбар баргаштаву 2 ракаати дигарро рӯ сӯи Каъба ва пушт бар Байтулмуқаддас гузориданд. Бархе аз заъифэмонон ин ҳолатро дида, аз дин бадар гардиданд, ки чигуна динест, ки 1 рӯз 1 сӯ ва дигар рӯз дигар сӯ қибла ихтиёр мекунанд…Пас аз намоз Паёмбар ба ҳар тараф қосид фиристод, то намозро ба сӯйи Масҷид-ул-Ҳаром бихонанд.
Аз ҳамон соат то ба ин дам мо-аҳли Ислом рӯ сӯи Каъба, яъне Байт-ул-Ҳаром намоз мегузорем, ки Худо тоату ибодати моро қабул кунад. Ва охир-уд-даъвоно ани-л-ҳамдулиллаҳи рабъил оламин…

Масоҷиде, ки дар Мадинаи Мунаввара ҳастанд, ҳама саропо таърихи зинда ва гӯёи олами Исломанд. Масҷидҳои номдортарини ин шаҳри нуронӣ, албатта, ҳамонҳоеанд, ки бо ташаббус ва ширкати бевоситаи Пайғамбари Худои Азза ва Ҷалла ва Раҳмону Раҳим сохта шудаанд.

**Масҷиди қубо**

Нахустин масҷид дар таърихи Ислом аст! Далел аст, ки чун пайғамбари моро аҳли ҷаҳли Макка куштанӣ шуданду он Зоти пок фирор намуда, ҳамроҳи саҳобагони андак ба деҳаи Қубои Ясриб (астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, астағфируллоҳ-сухани паёмбар аст, ки касе Мадинаро Ясриб гуфт, 3 бор тавба кунад!) расиданд, пас аз 4 рӯзи истироҳат ана ҳамин масҷидро бунёд гузоштанд, то дар он пайравонашон намозу тоату ибодат гузоранд. Хиштҳои ин масҷид рӯи фундаменти тақвову худотарсӣ гузошта шудааст! Зумрае аз муфассирон бар боваранд, ки мурод аз ояти «*Ламасҷидун уссиса ъалат тақва мин аввали явмин аҳаққу ан тақума фиҳ*» (Маънои оят ин аст, ки он масҷиде, ки аз аввалин рӯзҳо бино бар тақво сохта шудааст, барҳақтар аст, ки дар он намоз гузорӣ) ҳамин масҷиди Қубост.
Ва муборакат бод, эй хонандаи ин сутур, ки бандаи пургунаҳ аз номи ту 2 ракаат нафл дар ин масҷид гузоридам, ки бигӯ Омин, то бар номаи аъмолат набишта гардад…
Паёмбари ман, эй, хонанда, ҳатто баъд аз оне, ки Масҷиди худашонро сохтанд, низ фазилати Қуборо ҳаргиз фаромӯш намекарданд ва ҳар рӯзи шанбе гоҳо савораву гоҳе ҳам пои пиёда 3 км роҳро тай карда, ба ин масҷид мешуданд ва намоз мегузориданд.
Ҳадиси саҳеҳ дар фазилати Қубо аз Расули гиромимон ҳаст:
«Ман татаҳарра фи байтиҳи сумма ато масҷида Қубо ва салла фиҳи салатан кона қаачри умра». Тарҷума: «Касе дар хонааш таҳорат кунаду сипас ба Масҷиди Қубо биёяду дар он намоз гузорад, ба ӯ савоби умра дода мешавад».
Яъне 2 ракаат намоз дар ин масҷид баробари 1 ҳаҷҷи умра аст, ки ҳар гоҳе Худо розиву эмон ҳодиву даъвати Иброҳим Халилуллоҳ муяссарат шавад, хонанда, ҳатман аз ин масҷид дидан кун ва 2 ракаат намоз бигузор, ки ганҷҳои ухравӣ дар пай дорад. Худо ин рӯзу рӯзгоре, ки маро даст додааст, туро ҳам муяссар гардонад, хонандаи ин сутур, ки бигӯ: *Лаббайка аллоҳума лаббайк…*
Қубои имрӯза хеле бинои қашанг буда, аз санги сафед сохта шуда, 6 қуббаи бузург ва 65 хурд дошта, аз 4 гӯша бо 4 манораи 42 метра зиннат ёфтааст. Ҳавлии дохили масҷидро бо боми ҳаракаткунанда пӯшидаанд, ки намозгузоронро аз нури офтоб ҳимоят мекунад. Масоҳати масҷид 5000 м2 буда, 20.000 намозхонро дар 1 вақт дар худ ҷой медиҳад.

**2. Масҷиди иҷоба**

Номи дигараш масҷиди Бани Муовия аст. Сабаби Иҷоба, яъне қабул ва ҷавоб додан, ном гирифтанаш ин аст, ки Паёмбар дар ин масҷид аз Худованд дархостҳо кардаанд ва Аллоҳ таъоло баъзеи онро иҷобат фармудааст. Дар саҳеҳи Муслим

омада, ки Муҳаммад (с) ба масҷиди Бани Муовия омада, 2 ракат намоз гузориданд ва сипас бо дуои дуру дароз ба Худованд мурочиат карданд.
Баъд аз масҷид баромаданду ба ёрон гуфтанд: «Ман Парвардигори Худро аз 3 чиз пурсон шудам ва ӯ ба дуи он ҷавоб доду сеюмиро рад кард. Ман Парвардигорамро пурсидам, ки уммати ман бо обхезӣ ҳалок кунонида нашавад ва ӯ ба ман ваъда дод. Ман Парвардигорамро пурсидам, ки уммати ман бо гуруснагӣ ҳалок кунонида нашавад ва ӯ ба ман ваъда дод, ки ҳалок кунонида намешавад. Ман пурсидам, ки дар уммати ман байни якдигарашон хунрезиҳо нашавад ва ӯ ба ман ваъдае надод»…
Ин масҷид дар шарқии шоҳроҳи Файсал дар масофаи 1,5 км аз Масҷиди Набавӣ воқеъ гаштааст.

### 3. Масҷиди ҷумъа

Ривоят аст, ки чун Пайғамбар дар Қубо 4 рӯз истоданд, сипас роҳро ҷониби Мадина давом доданд ва рӯзи ҷумъа буд. Дар нимароҳ, 1,5 км дуртар аз Қубо намози ҷумъа даррасид ва дар ҳамин мавзеъ Ҷаноби Расулаллоҳ намози ҷумъаро бо саҳобагон гузориданд. Дар ҷое, ки Расулулалоҳ намоз хонд, имрӯз ҳамин масҷиди басо боҳашамату зебову нодири Ҷумъа қомат афрохтааст.

### 4. Масҷиди мусалло

Ин масҷидро дар ҷое бино карданд, ки Паёмбар дар вақти иддайни Рамазон ва Қурбон омада, бо ҷамоати бузург намози ид мехонданд. Аслан дар даврони паёмбар масҷиди бузурге набуд, ки ҳама муслиминро ғунҷонад, биноан ба ҷойи кушоду васеъ баромада, намоз мехонданд. Дар асри 7 дар ин мавзеъ масҷид бунёд карданд. Ин масҷид номи дигаре ҳам дорад, ки Масҷид-ул-ғамома (Масҷиди абр) гӯянд. Ба ин далел, ки Паёмбар бо мардум дар он намози истисқо (талаби борон) мехонданд.

### 5. Масҷиди фатҳ

Фатҳ (ғалаба) масҷидест, ки дар ғарби Мадина ҷой гирифта, дар паси кӯҳи Силъ сохта шудааст. Хандақ ҳам мегӯяндаш, ки сабабаш ин аст: Вақте мушрикону яҳудон ҳама якбора сарҷамъ шудаву бо лашкари бузург ба Мадина ҳамла оварданд, мусалмонон музтар мондаву дар андеша афтоданд, ки бо ишон чигуна ҳарб кунанд. Баъзе мегуфт, ба набард равем, ки оқибати нек надошт.
Аммо Рӯзбеҳ ибни Марзбон, маъруфтар бар Салмони Форсӣ, пешниҳод кард, ки атрофи Мадина дар ҳамин мавзеъ хандақи бузург кобанд. Чун кофар ба ин хандақҳо медаромаданд, тирандозон пайдо шудаву аз боло онҳоро мавриди шикор қарор медоданд. Куффор талафоти бузург додаву аз Мадина фирор карданд. Ба ҳамин тартиб ва тибқи дастури Салмони бобои мо мусалмонон бар куффор зафар ёфтанд.
Мегӯянд замоне масҷидро ном масҷиди Салмони Форс буду дар ин мавзеъ аз 7 масҷиди мавҷуда яке ҳам маҳз чунин ном дошт. Вале бо сабабҳои номаълум, ки шарҳаш намедиҳанду ба пиндори инфиродии банда, шояд иллат дар

миллатгароии имрӯзаи аъроб бошаду дигарбадбинии ишон, ки масҷиди Салмони Форс аз байн рафт ва ҷояш ана ҳамин Масҷиди Фатҳ истодааст…
Қаблан дар ин ҷой ба ғайр аз масҷиди Фатҳ ва Салмони Форс 5 масҷиди дигар бо номи Умар, Абубакр, Усмон, Алӣ, Фотима меистод. Ва ин мавзеъро Сабъа Масоҷид (7 масҷид) низ мегӯянд. Акнун ҳамаи инҳоро 1 карда, дар ҷояшон Фатҳро, ки хеле бузург аст, сохтаанд…

**Муҳофизи ман бузургтар аз ҷодуст!**

**26.05.2012. Соат ба вақти Мадина 10.35 дақиқа.** Пас аз тамошои масоҷид, ки дар шумораи қаблӣ сӯҳбат кардем, ба дӯконе рафтем, ки хурмо мефурӯхт. Нархи хурмо аз 5 то 100-120 риол буд. Аз фурӯшанда пурсидам, ки ин тафовут зи чист?
Гуфт, хурмои 120 риоларо хӯрӣ, ҷоду намебурад.
Гуфтамаш, маро ҷоду намегирад, зеро посбоне дорам.
Ҳайрон шуда пурсид, ки нигаҳбони ту аз ҷодувони маккор ва фитнагарону ҳилласозону ҳуққабозону фолзанону душманон кист?
Гуфтам: Худои Азза ва Ҷалл ва сураҳои Китобаш аз «Нос»-у «Фалақ».
Дӯкондор ҳарфе дар посух нагуфт ва ман ҳам аз хурмои ҷодуафганаш нагирифтам. Чӣ лозим ба ман меваи дарахтаке, вақте Худо дорам?!
Паҳлӯи дӯкон захоири хурмои хом дидам, ки барои сунъӣ пухтан омода мекарданд: Ниг. ба акс.
Соати 11:35 дақиқа меҳмонсаро баргаштаву каме орамидем ва соати 12:18 дақиқа бонги азон моро ба Масҷиди Паёмбар (с) кашид, ки 2 ракаат намози нафли навбатӣ дар ҳаққат хондам, эй хонандаи ман, ки бигӯ: Омин!
Асру шому хуфтан ба ҳамон тартиб гузашт, ки қаблан буд ва шарҳаш пургӯист. Биноан, бо ҳамин иктифо кардам, ки дар ҳар 1 намоз дар ҳаққи хонанда ҳам 2 ракаат намоз гузоридаму дуову דуруд гуфтам, ки Худо қабулаш кунад. Ва охиру даъвоно анил-ҳамдулиллоҳи раббил ъоламин.

**Болоошёнаи Масҷиди набавӣ**

Байни шому хуфтан, ки ҳудуди 1 соат фарқ аст, масҷидро бо Ҳоҷӣ Маҳмадулло чарх задем. Воқеан ҳам, беназар биноест. Зеро агар 4 ошён зери замин аст, пас 2 этожи дигар рӯи Масҷид дорад.
Ошёнаҳои боло хеле гарм аст, мисле ки нафасгир мешавӣ. Вале дар намози ҷумъа кондитсионеру винтелҳо ба кор медароянд ва салқин мешаванд. Ошёнаи боло танҳо дар намози ҷумъа пур мешавад. Дигар рӯзҳо холист. Намози асру хуфтан низ масҷид  камодам аст, зеро эрониҳои бародар, ки тибқи мазҳаб дар ин 2 маврид намоз намегузоранд, ба масҷид намешаванд ва одам хеле кам аст. Зеро теъдоди эрониҳо хеле зиёд аст. Ба ҳаддест, ки пули эронӣ туман дар баробари риоли саудӣ (RAS) дар гардиш аст ва дилхоҳ дӯкондор ва ҳатто фурӯшандагони сари роҳ бо туман муомила мекунанд. Гузашта аз ин теъдоди бузурги ҳуҷҷоҷи эрониро дида, ҳама форсиро аз бар кардаанд. Кор то ҷоест, ки ба харидор аввал нархро бо туман мегӯянд ва баъдаҳу бо риоли саъудӣ.

**Дар ивази пул зирак бошед!**

Дар супермаркетҳо ҳам туман дар гардиш аст ва қурбаш болотар аз пули миллист; 1 туман ҳудуди 2 риол. Қурби риол мустаҳкам аст ва беш аз 2 даҳсола аст, ки дар марзи 1 доллар=3,73 риол истодааст. Албатта, шуморо ҷое гӯл задаву 1 доллаpатонро бар ивази 3,72 риол ҳам мегиранд. Вале мушкил дар саррофони фиребгар аст, на қурби риол.
Бештар дар назди масҷид ҳатман ба шумо қурбро 3.72 мегӯянд ва 1-2 риол мезананд; ин ҳам дар саррофхонаҳои ҳамагӣ 5-10 қадам дуртар аз дари масҷиду оромгоҳи Паёмбар (с). Ивазкунандагони доллар он қадар зиёд аст, ки ҳисобаш гум.
Ва чизи дигар, ки Шарқро аз Ғарби мутараққӣ фарқ мекунад, ин аст, ки ин ҷо навбат нест: Мардум рӯи ҳам фишор овардаву баромада, зӯр мезанад, ки нахуст пул иваз кунад, коло харанд. Доду вовайлову тӯпаланг ҳама ҷо дар садост. Ягон нафар навбатро риоя намекунад, ки гумонам шеваи одобдорӣ шудааст. Дар аптека, саррофхона, бозор, дӯкон, ҳар касе дави аспаш.

## Дар харидуфурӯш низ…

Шеваи шарқии тиҷорат боз ин аст, ки ҳатто дар супермаркетҳо ва нархҳои таъйин роҳат метавонед савдо кунед. Яъне колои 150-200 риолиро бо баҳс ва савдо метавон 80-100 риол поён бурд. Ҳушдор! Дар тиҷорати мол ва хариду фурӯш ба ягон нафар бовар накунед ва савдо кунед!
Дар супермаркетҳо (дӯконҳои кӯчагӣ – 1 сӯ!) кассовый аппарат камчинаст. Ҳамаро бо калкулятор ҳисоб мекунанд ва ба харидор чек-пек намедиҳанд! Чеки харидро танҳо дар «сайдалия» мегиреду бас, яъне дар дорухонаҳо. Воқеан ҳам дорувор хеле гарон аст. Биноан, бо аптечкаи худ сафар кунед, хубтар аст.

## Боз дар Боғчаи биҳиштӣ

**27.05.2012. Субҳ, соат ба вақти Мадина 03:20 дақиқа.** Ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ, ки Худо баракаташ диҳад, занг заду гуфт, саривақт равем, то дар «боғчаи биҳишт», яъне мавзеъи байни Минбар ва оромгоҳи Муҳаммад (с) (ҳадиси саҳеҳ, ки «байни оромгоҳу минбари ман боғчае аз биҳишт аст») намоз гузорем.
Рафтем, вале аллакай дохили «боғчаи биҳишт» пур буд. Дар сари роҳ, дар қатори 5, тақрибан 5-6 метр дуртар аз Минбари Сарвари Коинот ҷо ёфтем ва 10 ракаат намози нафлу таҳияи масҷид гузоридем, ки 2 ракааташ ба ҷумла, мухлисон ва барои Ихвон-ал-СССР бахшида шуд. Бигӯ: Омин! Бисмиллоҳ вас-салоту вас-саломy ало Расулиллоҳ…
Соати 04:07 дақиқа азон доданд ва ҳудуди ним соат баъд имом бо ҳамсафон ва гурӯҳи бузурги ҷондорони низомӣ аз дари шафати мо ворид шуд. Ба касе наменигарист ва бо қатъи назару шикастанафсии беҳад, сари хам ба меҳроб рафт. Маро фикре ба сар зад, ки имомҳои мо бо салобату ғурури пурдабдаба ба масҷид мераванд ва бо чанде бо карру фар салом дода, ҳатман ба сарватмандону мансабдорон бо табассуму тамаллуқ ист фармуда, дастӣ ва оғӯш ба оғӯш салом мекунанд. Аммо ин имоми дин буд. Касеро назару лутф накард, яъне бо омма исбот кард, ки ҳама барояш ва ӯ барои ҳама баробар аст. Фикр кардам, ки

ҷондорон (телеххо) бештар ба роҳ надодан ба дастбӯсу пойбӯси Имом мерафтанд, ки посбониаш кунанд аз хатарот!
Дар ҳар сурат, моро шарафе даст дод, ки Имоми масҷиди Муҳаммад, яке аз бузургтарин масоҷиди оламро бинам. Ба ҳамон тартибе, ки омад, ҳамон гуна аҷала берун шуд. Хостам аксашро гирам, вале аз вазъият дарк кардам, ки дар ин сурат аз дастгоҳи аккосӣ маҳрум хоҳам шуд. Ночор тоқат кардам, зеро ин суратгираку колои дарунаш буда, бояд хидмати хонандаи ман қарор мегирифтанд ва ман ҳуқуқи риск карданро надоштам!
Имом баромад ва салоти ҷанозаро аз берун хонд. Зеро майитҳоро ба пушти бино меоранду дохили масҷид намекунанд ва тавре ки ишора карда будем, ҳар ҷанозае, ки расман ба ҳаҷ омадаву визаи Саудӣ дорад, ҷасадашро дар Гӯристони Ҳаёт-ул-бақия ба хок медиҳанд.
Намози суннатро ин ҷо бе Имом мехонанд. Зеро ӯ суннатро дар танҳоӣ бо ҷамъи машоих ва ёварони худ мегузоштааст. Имом, тавре ки ман дидаму ҳамакнун менависам, танҳо барои адои фарз бо ҷамъият мешавад.

**Виват Хитой!**

Дар бозгашт ҷойнамоз харидем, ба тасбеҳу атру қутбнамо. Дар хона онро кушода, матни «Made in Chine» маро мутаҳайир намуд, зеро ин ҷо ҳама чиз хитост!... Яъне аз танбалии мусулмонҳо истифода карда, чиноиҳо дар қалби Ислом на танҳо пул кор мекунанд, ки Давлати худро муаррифиву таблиғ менамоянд.
Ба нафаре аз мардуми муқимӣ гуфтам, чаро ин ҳама ҷоро колои хитоӣ печидааст, ки гуфт, метарсам, кадом рӯзе пушти ҳар мусалмон тамғаи «Made in Chine» гузоранд! Рост гуфт…

**Кутуби ройгон нагиред!**

Ҳушдор: Зинҳор кутубе, ки зоиринро ройгон медиҳанд, бе машварати роҳбалад бо худ нагиред, ки ин ҷо адабиёте, ки дар давлати мо ва дар дигар кишварҳои осиёӣ чун адабиёти экстремистӣ ҳукм шудааст, метавонанд ба дастатон диҳанд, ки баъдан барои шумо проблема месозад! Зеро надонистани қонун (ва забони кутуб) аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод намекунад. Ва инро мо нагуфтаем!!!
Воқеан инро барои он навиштам, ки чанд ҳоҷие ба ҳуҷраи мо шудаву бо хурсандии бемисл гуфтанд, ки ба мо китобҳои «мусулмонӣ» ҳадя карданд. Роҳбалад гуфташон, ки арабиро медонед, ки гуфтанд на, пас гуфт, ин китобҳоро бурда дар ҷояш гузоред. Чунки барои матни онҳо худатон ҷавоб мегӯед! Ҳоҷиюн бо дили нохоҳ, маҷбур шуданд, он адабиётро бозгардонанд.
Воқеан ҳам 1 чизи аҷиб ин буд, ки чунин адабиёт намедонам бо кадом сабаб, вале танҳо ба дасти афроде мерасиданд, ки каме содалавҳу содақавл буданд. Аз ин маълум мешавад, ки паҳнкунандагони чунин адабиёт психологи хубе ҳастанд…

**Террори…Пайғамбар…**

Ривоят аст, ки дар замони худ душманони қавие Пайғамбари мо (с.) аз ақвоми араб доштанд, ки пайваста даст ба суиқасди он Зоти пок мезаданд. Воқеан ҳам ягон форсу Тоҷике дар ягон давру замон ситаме бар Пайғамбари Худо накардааст,

ки араб карда буданд ва ин факти таърихист, ки дар сафаргуфтаҳои маккавӣ, мо иншооллоҳ, сари он сӯҳбат хоҳем кард: Мо Метавонем!
Ба ҳамин тартиб, дасти тааррuз сӯи Ягона Офоқ ва Шӯхраи Айём ва Хатм-ул-анбиё дар Мадина низ дароз мекарданд ва на танҳо мардони ишон, ки занҳои террористи араб (он замон албатта, террористашон намегуфтанд, вале амалашон террористӣ буд!) низ суиқасди Пайғамбари ману туро доштанд, хонандаи гиромии ин сутур...
Ривоят аст, ки зане гӯштпораи заҳромез ба Муҳаммад (с) медиҳад, ки пас аз истеъмоли андаки он, ҳазрати Ҷабраил Расули худоро аз он фитна огоҳ мекунад. То ин дам Пайғамбар 1 бор аз он гӯшт мегазанд ва сипас онро мепартоянд. Вале аллакай захр кори худро карда буду бар ҷисми муборак осори кимиёи ҳалоил ҳувайдо мешуд. Чун зани террористкаро бозмедоранду пурсупос менамоянд, мегӯяд, ман санҷидам, ки Муҳаммад паёмбари барҳақ аст, ва ё на? Зеро агар Пайғамбари барҳаққ мебуд, Худояш аз захр огаҳаш мекард, ки ҳамингуна ҳам шуд. Яъне бубин, хонандаи сутур, даҳшати бадахлоқии аъробро, ки бо гузашти айём низ шакку шубҳа дар дил доштанд. Бо ин ҳама Муҳаммад (с) он зани ғаммозро афв кард. Вале Паёмбари Худо мариз мешаванд ва танҳо баъди хун гардондан, яъне ҳиҷомат, бо амри худои Азза ва Ҷалла сиҳҳату саломат мегарданд. Аз он рӯз ба баъд соле 1 бор Ӯ (с) хун месупорид, яъне ҳиҷомат мекард. Ба ҳамин тартиб, зойирин аз рӯи тавону имкон бояд ҳини ъумра ва ҳаҷҷ хун супоранд.
Зинҳор наҳаросед аз ин амал, ки ягон суннати Пайғамбар бар зарари умматон набуду нест, мисле, ки зумрае аз сари тамбалӣ имрӯз намози суннатро тарк мекунанд ва баҳонаҳое пеш меоваранд; намози суннат ба таҳқиқ ба саломати бадан ва рӯҳу асаб таъсири оромиш доранду бар сиҳҳат ҳам меафзоянду бар имон ҳам…
Вале чун сӯҳбати мо сари ҲИҶОМАТ аст, натавонистам, дар бораи чизе бинависам, ки худ аз он начашидаву нагузашта бошам. Биноан, барои ошноии хонандаи худ, аъзои Ихвон ал СССР бо ин амале, ки Пайғамбари ман мекард, рафтам хунсупорӣ, ки туро ҳам бо худ мебарам, хонанда, ки басо аҷобат кореву наҷиб амалест, ки онро бояд дид! Омодаӣ? Пас ррррррррррафтемммм…

## Чӣ хел ман зери теғи он ҳабаш шудам

**27.05.2012. Соат ба вақти Мадина 20:10 дақиқа.** Аз фундуқи Ал Илёс ҳамроҳ бо ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ Раҳимов-раиси номии даврони советӣ ва бо ҳидояти домулло Сафохон-раҳбари гурӯҳ, ки Худо баракаташ диҳад ва домоди ӯ – Сарвари исфарангӣ, ки ҳамин шабу рӯз Донишгоҳи Исломии Мадинаро бо муваффақият хатм кард (имтиҳони охиринаш дирӯз буд), ҷониби маркази хунгирӣ-Ҳиҷомат роҳ пеш гирифтем. Банда мехостам дар бораи ин протседура ба хонандаи хеш ҳатман матлабе иншо кунам...
Сароғоз хостам бо хунситон сӯҳбат кардаву аккосӣ намудаву чизе нависам. Вале фикр кардам, ки гузоришам комилу пурра намегардад, агар худ дар он ширкат накунам ва зарби теғи ҷаррор ва ситами хунситон накашида бошам. Хобат набурдааст, хонанда? Не? Пас давоми қиссаро гӯш кун!!!

**Абубакри Ҳабашӣ**

**Соат ба вақти Мадина 20:43 дақиқа.** Маркази ҳиҷомат. Бояд хидмататон арз кард, ки чунин марокиз зиёданд дар Мадина, зеро миллионҳо нафар мехоҳанд суннати пайғамбарро анҷом диҳанд. Ва дар аксари онҳо устодони касби худ, профессионалҳои ҳиҷомат кор мекунанд, ки бо усули қадимтарин хун мегиранд. Бо пешниҳоди Сарвар мо дари дӯконеро кӯфтем ва нафаре дарро кушод, ки пиндоштам ҳамин ҳоло дарвозаи дӯзах шикофтаву бадар шуда аст. Бо чеҳраи гирифтаи пурожанги дудагирифтаи сип-сиёҳ мисли ангишти кони Назарайлоқи Ғарм, ки ту гӯӣ, Фалак аз сапедӣ бар ин андом танҳо анҷоми ришу ранги халатро арзонӣ карда буду бас, дар даст теғи хунрезу доман пури хун моро пешвоз гирифт. Вале аз ваҷоҳаташ маълум буд, ки профессионал аст ва ин ҳама дуруштрӯӣ, албатта, бар касбаш бастагӣ дорад, ки шабу рӯз хуни мусалмонон мерехту мерехт; шубҳаомез мебуд, агар чеҳраи нурониву лаби пурханда медошт бо ин касбаш!

Наметавонам чунин персонаро ба хонанда шинос накунам. Инак, ошно шавед ва агар бахт даст доду ба Мадина оед, ҳатман аз хидмати ин сиёҳи хунхор бархурдор шавед: Абубакр. Мутаваллиди давлати Ҳабаш-Ниҷерӣ (яъне Нигерия). Беш аз 30 сол аст, ки Мадинаи Мунаввараро ватани муваққат баргузидаву бо ҳиҷомат банд аст, яъне хуни мусалмонони суннимазҳаброро мекашаду мерезаду поккорӣ менамояд. Онгуна профессионал аст, ки дидани тахтапуштатон кофист, ки дарк кунад, аз куҷо хуни лаълбастаи зиёдатӣ метавон хориҷ кард. Памятка, ё худ намунаи хунгирӣ дар дӯкон овезон аст, ки аз чандин нуқтаҳои бадан ин сиёҳи хунхор моеъи барзиёдатии баданро кашидаву онро поку равон месозад. Вале беҳтар ин аст, ки мисоли нависандаи ин сутури ҳақир, худро ҳаволаи раҳмати ин сиёҳ кунед, то худаш бо бадани шумо тааррuз кардаву сипас барои моҳҳои тӯлонӣ танатонро аз дарду ситами барзиёдатии асабу рагкашӣ ҳифз намуда бошад. Вале ба зинҳор, наздики хунхори баднафсе афтӣ, хонанда, амалашро контрол кун, ки барои пул шуда, аз 1001 ҷои баданатон хун мекашанду сипас худро андаке нороҳат ҳис мекунед, ки ба ингуна доми ҳиҷоматгарони нопок нафаре аз гурӯҳи мо афтида буд…

Усулан аз сар ҳам хун мегиранд (ниг.ба расм). Домулло Сафохон, ки азияти дарди сар мекашид (ҳамон дарде, ки аксарият дорем, яъне раги паси сар кашида мешаваду таранг мегардад ва хавос парешон месозад), гуфт, ки мехоҳад хуни зиёдатии сарашро кам кунад. Абубакри Ҳабашӣ домуллоро шинонида, бо 1 ҳаракати чобук, ки ту гӯӣ дар театри Опера ва Балет дирижёрӣ дорад, на хунрезӣ, теғи ҷонситони алмосситез кашиду бо чанд зарби чобук сари домуллоро аз 3 ҷой тарошид. Вале чун ҳадафи мо на мӯй асту на пушт, аз ин амал чашм мепӯшем, то оҷилан бинем, ки давоми ҳаракоти Абубакри Ҳабашӣ чӣ буд.

Хулласи калом, Сиёҳи хунхор бо ҳаракоти мавзуни олӣ, ки рашк аз теннисбозони Аврупо мерабуд, чолоку чуст пӯсти сари домуллоро теғе халонид ва хун фаввора зад. Ин ҳин Абубакр чолоктар аз қабл бонка-зарфҳои пластикии монанд ба бонкаҳои барои сардӣ дар истеъмолбудаи моро, ки дар аптекаҳо мефурӯшанд,

сари хун кашид. Бонкаҳои Ҳабашӣ фарқ доштанд. Инҳо пластик буданд, на шишагин…ва аз хун пур шуданд…

**Кто не рискует…**

Ин ҳамаро чу дида, ба ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ гуфтам, «хайр, бобои раис, риск мекунем ва пушт бар теғи ҷоннисори Абубакр медиҳем?», ки гуфт, на, ман ҳоло фикр мекунам. Гуфтамаш, бобои ҳоҷӣ, «таваккал нар бувад андеша мода!» ва либосро кашидаву зери теғ шиштам.

Ҳабашӣ, ки бо дидани пушти бараҳна гӯиё дастонаш мехориданд, мисли мӯътод-наркоманҳо до дасти ларзон теғи алмосин баркашид ва домуллоро гузошта, сари ман тохт.

Қабл аз теғзанӣ бонкаҳои пластикро пастериализатсия кард бо спирт, шумо бо чӣ фикр мекардед? (Спирт дар ҳама ҷо дар тибб истифода мешавад!) Ва оташе даргиронид аз спирти ноб (!) ва то ман садое карда бошам, дар 5 нуқтаи бадан, 3 бар дӯш ва 2 дигар дар байни 2 шона васл кард…Сипас…

Сипас ӯ чӣ амалиёте гузаронид, дар шумораи оянда ҳатман хоҳӣ хонд:

Мо Метавонем!

**Вакуум барои хун**

Сипас он ҳабашӣ, ки рашк аз шаби ялдо мерабуду ҳавас аз мӯи духтари кӯҳистони Тоҷик, бо гузашти 7 дақиқа вақт, ки ман дақиқ мекардам, бо 1 чобукии вежа сароғоз бонкаи сари сутунмӯҳра гузоштаашро барканд. Сипас бо ҳамон чолокӣ дигар пластикҳоро низ барчид. Ин ҳангом расиши алмоси тезро бар бадан ҳис кардам. Маълум шуд, ки ҷои варамида ва бодкашидаву пурхунгардидаи бонкаҳоро Абубакри Ҳабашӣ бо теғ мебуррад. Ҳисоб кардам:

1, 2, 3…17 зарби алмос бар 1 нуқта мезад ва онгуна тез-тез, ки тақрибан ҳисобро гум мекунӣ. Хун фаввора зада аз ҷои захм мешорид. Ин ҳангом ҳабашӣ бо касбияти том зарфи пластикро аз поин сӯи боло устувор намудаву бо оташи спиртӣ дар он бонка қӯраи алов мерехт. Оташ ҳини бо хун омехтан бӯи ногуворе мебаровард, вале ҳамоно, ки ба пушт мерасид, баъди сонияе хомӯш мешуд. Вале мисле, ки бонкаҳои маъмулӣ шамолхӯрдагии моро фишор оварда танготанг мекашанд, пластики аз оташ маҳрум вакуум бо вуҷуд меовард.

Вакуум, ё халои бонкаи маъмулӣ бояд аз варами пӯст пур шавад. Вале чун дар ин хало хун мешорид, пас бонка…аз хун пур мешуд!!!

**Ҷӯгии хунхор ва шохи говаш**

Хонандаи солманд ва рӯзгордидаи мо медонад, ки дар замони шӯравӣ ҷӯгиҳои мо ба шаҳру деҳот рафта, аз мардум бо шохи гов хун мегирифтанд. Чигуна? Оддӣ: ҷӯгӣ, ки дар аксари ҳолат зан буданд, баданро алмос задаву сипас тавассути шохи гов хуни мардумро дармекашиданд. Даҳону шох пури хун мешуд ва онро ба зарфе мерехтанд. Маҳз ана ҳамин амал ҷӯгиҳоро дар назари мо бади бад карда буду атрофи гӯшти одам хӯрдани ишон афсонаву ривоят мебофтанд. Воқеан ҳам ин 1 протсеси хеле бад ва нороҳаткунанда ва барои аҳли башар манфуре буд. Зеро хоҳ-нохоҳ хуни инсон ба даҳону ком ва сипас ба меъдаи ҷӯгӣ мерафт.

Дар минтақаи ҷануби кишвар ва маркази РСС Тоҷикистон лӯлизане бо исми Фотима ва тахаллуси Фотимаи хунхор, дар солҳои 60-80, маъруф буд, ки бо касбияти том ҳиҷомати инфиродӣ мекарду хун мемакид. Овозаву дарвозаи ин Фотима ба ҳадде буд, ки кормандони Политбюроҳои маҳалливу марказӣ ҳатто аз хидматаш истифода мекарданд…

**Кола ва шулуки Тоҷикӣ**

Вале Тоҷикон ҳам хун мегирифтанд! Ёд оред, ки занҳои солманде буданд, ки ба таъбири мардум «кола» мезаданд. Кампиракон пушти афродеро, ки дардманд буданд, бо алмос мебурриданд ва хун ба бадан мешорид, баъди фурсате он хунро мешустанд. Тамом. Вале дар ин маврид камтар хуни «ҳаром» бадар мешуду бас.

Навъи саввуми хунгирӣ низ дар мо роиҷ буд, ки онро «шулукмонӣ» мегуфтанд. Шулук - паразити обҳои мурда ва гандидаро медоштанд ва дар пушти мариз мегузоштанд. Кирми шулуки сиёҳи рахдор (пиявка) то кафидан хун мемакиду мемакид. Дар бархе маврид мариз ба дод меомад ва шулукро бо оҳани тафсон пуштаро сӯзонида, аз бадан дур мекарданд. Ин протсес низ 1 навъи маъмули ҳиҷомат будӣ…

**Ҳиҷомати ҳабашӣ**

Вале баргардем сари Абубакри Ҳабашӣ, ки он золими хунхор чӣ мекарду чӣ мехост:

**Соат ба вақти Мадина 21:37 дақиқа** (эзоҳ: рӯи аксҳои мо соат дигар аст, зеро он соат ба вақти Душанбест-муаллиф). Бонкаҳо дарсоат пур шуданд. Ва Абубакри Ҳабашӣ зарфи оҳанини косамонандеро гузоштаву хуни лаълбастаро ба он рехт. Баргаштаву дидам, ки хун сияҳу сахту дурушт аст, мисле ки ҷигари ҳайвон бошад, на хуни инсон. Ҳайрон шудам. Ба Ҳабашӣ гуфтам, оё ин хун воқеан аз пушти ман аст? Шояд хандид, ки чашмони сурхаш оташаке заданд, вале чеҳраи дурушташ 1 мисқол тағйир напазируфту бонкаҳоро бо спирт оташ гиронидаву бозпас ба пушти ман васл кард!

**Соат ба вақти Мадина 21:47 дақиқа.** Ин бор Абубакри Ҳабашӣ 10 дақиқа сабр кардаву сипас бонкаҳоро гирифт. Баргашта ба зарф нигоҳ кардам, ва хуни ориёии поку софи хешро дидам, ки шаффофу назаррабо менамуд (дар пасманзари он хуни аввалии лаълбastаву сияҳгашта, албатта).

Абубакр бо ишора фаҳмонид, ки хунат поккорӣ шуд ва ба ту ҷавоб. Чун Ҳабашӣ протседурaро анҷомёфта донист, бори дигар пуштамро бо спирт пок намуд ва маҳлуле молид, ки хун ях баст ва аз таровиш бозмонд. Баъдаҳу «маэстро» бар пуштам упо зада гуфт: «3 соати дигар хоб накунед ва танҳо баъди 24 соат ғусл созед!».

Акои Абубакр ин суханонро дар ҳоле мегуфт, ки хуни рафта маро онгуна лакоту бемадор карда буд, ки ба зӯр мижа мезадам ва лашкари хоб барвақт бар армияи сабру таҳаммули ман пирӯз омадаву парчами пирӯзиро дар фитроки майнаам кайҳо зада буд!

Бо ин ҳама ба фундуқи Ал Илёс баргаштаву зӯрамон ба 1,5-2 соати табуи хоб расид. Ва дар ҳоле ки аз Домулло Сафохон пурсидам, ки «акнун хоб кунем ё на?»

дар посух садои хурраки ширини роҳбалад, мисли нотаҳои Волфганг Амадей Мотсарт аз шоҳасари безаволи «Реквием» садо доду маро ба хоби ноз кашид…

## Мисли навзоде…

**28.05.2012.** Субҳ бархоста худро хеле озоду вораста дарёфтам. Гузашта аз ин! Дарди пушту канорам, ки маро пайваста ва тӯли солҳои зиёд азоб медод, тамоман гум шуда буд!!!

**Тавсияи 1.** Хонандаи ин сутур, ки агар бахт чокару раҳмати худо дастгиру баракоти даъвати Иброҳим алайҳиссалом домангират гардад, ҳатман аз ин суннати Пайғамбарамон кор бигир, ки мафоди тану рӯҳу равон дар пай дорад. Инро ман мегӯям, нафаре, ки бевосита аз ҳиҷомат кор гирифтаву субҳи дигар худро мисли тифли навзоде ҳис мекард:

Мо Метавонем!

Бо табъи хуш ва сиҳҳати комил ба масҷиди набавӣ шудам, бомдодро гузоридам ва 2 ракаати намози нафли маъмулӣ дар ҳаққи ту, эй хонандаи ин сутур, гузоридам, ки бигӯ Омин, то бар номаи аъмолат насб гардад…

Воқеан ҳам дуое дар ҳаққи ширкати сайёҳии ҶДММ «Расул-Сохтмон» ва сарвари он Ҳоҷӣ Саъдулло Қурбонов кардем, ки худо баракаташ диҳад, ки бар кайфияти сафар афзуда буд.

**Тавсияи 2.** Агар сафари Мадинаву Каъба дар сар дорӣ, хонандаи ман, пас ҳатман аз миёни ширкатҳо ин муассисаро интихоб кун, ки хато нахоҳӣ кард ва бигӯ:

***Лаббайка аллоҳума лаббайк…***

## Душмани №1 барои Ислом

Сипас бо даъвати Сарвар-ҳамакнун фориғуттаҳсили Донишгоҳи Исломии Мадина, ки бо мо риштаи дӯстӣ барқарор карда буд, ба тамошои 3 макони ҷолиби Мадина рафтем. Мехоҳӣ бо мо бошӣ? Пас шумораи баъдиро мунтазир бош, ки дар он ба хонаи душмани №1-и Пайғамбари Худо ва олами Ислом, яҳудие, ки барои нахустин бор санги нифоқ байни мусалмонон партофтаву масҷиди алтернатив сохтаву мусалмононро бар ҳам шӯронидааст, меҳмон хоҳӣ шуд. Гӯшбақимор бош, ки Мо Метавонем!

## Суханшинос найӣ, ҷони ман, хато ин ҷост

Кадом нимчамуллое дар сӯҳбат бо 1 бародар ва узви Ихвон ал СССР гуфтааст, ки чунин нест ва Муҳаммадро касе заҳролуд накардааст ва ғ. ва ҳ. Яъне ин мулло моро мармузона дурӯғгӯ хондааст.

Ҳодисаи фавқуззикр баъди фатҳи Хайбар рух дод. Хотиррас мешавем, ки қавми яҳуд то ин дам бо душманони Ислом забон 1 кардаву бар зидди Муҳаммад ва асҳобаш фитна меангехтанд. Ин аст, ки бархе аз ишон пас аз фирор аз Мадина ба Хайбар омаданд ва дар ин ҷо таҷаммуъи душмани ислом мушоҳида мешуд. Кор ранге гирифт, ки бе шикасти Хайбар коре намонда буд. Ин аст, ки дар соли 7 ҳиҷрӣ баробар ба 628 дар моҳи муҳаррам Муҳаммад сӯи Хайбар лашкар кашид. Лашкари мусалмонон иборат аз 1400 пиёданизом ва 200 савораи шамшерзан буд. Раҳбари Лашкар худи Пайғамбар буд. Хулласи калом набарди Хайбар давомдор

шуд, зеро мусалмонҳоро дида, яҳуд бар ҳисорҳои ҳифозатӣ пинҳон шуданд, вале лашкари Ислом қавми яҳудро шикаст дод. Ин набард бо ин ҳам маъруф аст, ки Алӣ Шери Худо дар набарди 1х1 бузургтарин паҳлавони яҳудӣ-Марҳабро, ки чанд баробараш қадду вазн дошт, бо 1 зарби Зулфиқор, силоҳе, ки аз дасти Муҳаммад гирифта буд, кушт ва тақдири ҷанг ба нафъи мусалмонон шуд…Вале чун ҳадафи мо заҳролудшавии Пайғамбар аст, сӯи он мавзуъ меравем:

**Зайнаб-террористка**

Дар китоби «Сират-ун-набавӣ», дар тарҷумаи форсӣ аз Раҳиқул Махтум, дар саҳ.538, дар боби «Моҷарои гӯсфандбирёни заҳролуд» омадааст:
**«Пас аз он ки Расули Худо аз фатҳи Хайбар он ҷо истиқомат мекард, Зайнаб-духтари Ҳорис, ҳамсари Салом писари Мишкам, гӯсфандбирёнеро барои Пайғамбар ҳадя овард. Вай қаблан пурсида буд, ки Расули Худо кадом узви гӯсфандро бештар дӯст медорад. Гуфтанд, бозуи гӯсфандро (яъне дасташро; воқеан ҳам руҷӯъе ба «Саҳеҳи Бухорӣ» кун хонанда, ки он ҷо аз забони худи Расул хоҳӣ хонд, ки кучҷои гӯсфандро дӯст медоштаанд-СМ).**
**Пас ӯ низ (яъне Зайнаб-СМ) бештар заҳрро дар он (яъне дасти гӯсфанд-СМ) ниҳод. Ва бақияи гӯсфандро низ заҳролуд сохт ва он гаҳ онро ба хидмати Пайғамбар овард ва чун онро дар баробари Он ҳазрат ниҳод, Пайғамбар бозуи гӯсфандро бардошт ва пораи гӯште аз онро андаке дар даҳон ниҳод. Аммо фурӯ набурд ва фармуд, ин устухон маро хабар медиҳад, ки заҳролуд аст»…**
Моҷарои мазбур дар **«Таърихи ибни Ҳишом», дар қисми 2, саҳ.336** низ омадааст, ки ҷои дигареро дурӯғгӯ хондан, бояд муллочаҳои мо дониши худро сайқал додаву агар хушу фаҳмиши фиқҳро надоранд, ақаллан дар бораи расули Худо информатсияи бештар ҷамъ кунанд…
Воқеан ҳам ба Интернет саре зан, хонанда ва тавассути дилхоҳ сайти ҷустуҷӯӣ, масалан, Google ин моҷароро ёфта мехонӣ.
Ҳаволаи ишон ба Худо, ки дақиқан инҳо бо мо нестанд. Биноан сӯҳбати унси худро атрофи сафаргуфтаҳои мадинавӣ давом медиҳем:
Мо Метавонем!
Ту омодаӣ? Пас ррррафффтттееемммммммммм:

**Каъб ибни Ашраф**

Каъб ибни Ашраф нахустин яҳудист, ки дар Мадинаи Мунаввара ба ҷанги лафзиву сиёсӣ бар зидди Пайғамбар бархоста буд. Ва пайваста миёни аъроб, ба вежа онҳое, ки аз бутпарастӣ рӯ тофтаву ба Ислом гаравида буданд, корҳои таблиғотӣ гузаронида, нифоқ меандохт.
Ибни Ашраф бо бовар метавон гуфт, дар саргаҳи ана ҳамин равияҳои обрӯрези ислом истода буд, ки имрӯз низ роиҷанд ва имиҷи муслиминро коҳиш медиҳанд. В-арна исломи нобу пок ва шиори «ад-дину ан-назофату» куҷосту ришҳои кулӯлаву чиркин, юбка-куртаҳои кафанмонанду саллаву дастори ифлос куҷост!!! Далелест, ки бурҳон наметалабад, тамомии равияҳои обрӯрез, террористӣ ва одамбадбинии исломӣ аз обмӯрии Ғарбу Шарқи ғайриисломӣ об мехӯранд.

Хулласи калом ба хонаи ин яҳудӣ, ки аз душмани №1 барои Ислом дар замони пайғамбари Худо будӣ, ташриф овардем.
Тавре, ки Сарвар-роҳбаладИ мо қисса мекард, Каъб аз тарси муслимин деворҳои хонаи худро бо санги паҳн мустаҳкам карда буду фикр дошт, ки ин хона-дзоташ ӯро аз ғазаби худо ҳифз мекунад (ниг.ба акс). Вале куҷо!
Бо хости Худои Азза ва Ҷалл муслимин хонаи Каъб ибни Ашрафро ба хок яксон карданд ва қавми бадкешашро парешон.

**Куштори ибни Ашраф**

Ҳодиса ин тавр рух дода, ки Каъб ибни Ашраф, ки ҳунари назмбандӣ ҳам дошту хешро шоир мехонд, пас аз ҷанги Бадр ва пирӯзии лашкари Ислом бар аъроби куффор сахт ғамин гардид. Ӯ ҳатто ба Макка омадаву байни мардум фитна меангехт, ки бинед, Муҳаммад ва саҳобагонаш «бузургтарини қавми қурайш»-ро қатл кардаанд ва ғ.ва ҳ. Кор то ҷое расид, ки ин палидак ҳатто назми хашин дар бораи занҳои мусалмон навишт ва бо ҳар роҳу восита Исломро таҳқир менамуд. Ахиран аҳли Ислом тасмим гирифтанд, ки Каъбро кушанд ва бо ин ният чанде аз саҳобагон ҷамъ шуданд ва шабе Абу Наил назди қасри Ашраф омад ва ӯро ба сӯҳбат хонд. Инҳо худро дӯстони Ашраф ва норизоёни пайғамбар эълон карданд, вале дар асл аз дӯстони Ҳабиби Худо буданд. Каъб ба дом афтод ва дар роҳ муслимин ба ӯ дарафтоданд ва бо теғи ҷоннисор куштандаш…
Бо ҳамин на қасру на девори баланд ва на пулу молу сарвату ганҷу тахт ва на фитнаву зиракии Каъб ӯро аз интиқоми муслимин ва ғазаби Худо эман надошт…
Вале бо ин ҳама номи Каъб ибни Ашраф на танҳо ҳамчун нафаре, ки бевосита аз ҷониби саҳҳобагон кушта шудааст, дар таърих мондаву имрӯз низ душманони Ислом ин қатлро «заказной» гуфтаву ҷурми мазҳаб меҷӯянд, балки ҳамчун нафаре номнавис гардид, ки нахустин тухмаи нифоқро дар миёни муслимин кишта аст, ки имрӯз низ тарафдорони ин ихтилоф дар олам зиёданд ва бо ҳар роҳу восита байни мусалмонон низоъ ва нифоқ кишта, ба Исломи ноб зарар меоваранд, ки Худо моро аз он роҳи раҳгумзадагон ва думболагирони сиёсати зиддисломии Каъб ибни Ашраф нигоҳ дорад…

**Ва гардани шутуронро дар шаб медиданд…**

**28.05.2012. Соат ба вақти Мадина 01:53 дақиқа.** Сарвар моро ба мавзеъе овард, ки аз он вулқон сар зада буд. Тибқи ривоёт ин вулқонро Пайғамбари Худо пешгӯӣ карда аст. Вулқони мазкур дар соли 655 ҳиҷрӣ баробар ба 1256 мелодӣ сар зада, тавъам бо заминҷунбии бузург Мадинаро хароб карда буд.
Муаррихин менависанд, ки вулқон тамомии Мадинаро вайрон кард ва аз шаҳр ҷӯйҳои бузурги оташ мегузашт, вале ин оташ аз канори Мазори Пайғамбар (с) гузашта, аслан оромгоҳи Муҳаммадро кордор нашуд, ки бори дигар аз мартабаву ҷоҳу ҷалоли Ҳабиби Худо гувоҳӣ медиҳад.
**500 сол пеш аз ин ҳодиса Муҳаммад (с) гуфта буданд, ки «Қиёмат қоим намешавад, то он ҳангоме ки оташи бузурге аз тарафи Ҳиҷоз набарояд, ки бо равшании он дар шаҳри Бусро (шаҳрест дар Шом) гардани шутурҳоро (дар торикии шаб) дида нашавад».**

Шоҳидони ҳол навиштаанд, ки ин оташ, яъне вулқон бо заминҷунбии шадид ва садои баланде ба вуқӯъ пайваст, ки аз он ҳатто боми масҷиди Набавӣ кафида садо бароварда буд.
Имом Қуртубӣ мегӯяд, ки оташи вулқон аз масофаи 5 рӯза роҳ дида мешуд ва он оташи бузург 2 рӯз давом кард ва мардуми бодия тавонистанд дар шабҳо бо равшании он оташи бузург гардани шутурҳояшонро бубинанд.
Оташи бузург ҳарчанд 2 рӯз давом дошт, вале худи вулқон 3 моҳ хомӯш намегашт ва ҷӯйҳои оташ ҳамвора аз наздикии масҷиди паёмбар мегузаштанд...

**Рӯ ба Маккаи Мукаррама…**

Субҳи 11.09.2012 хонанда ва муаллифи доимии мо, узви Ихвон ал СССР, Ҷаббор Раҷабов, аз шаҳри кӯлоб ба редаксия ташриф овардаву гуфт, ки зери таъсири сафаргуфтаҳои мадинавии СССР тасмим гирифтааст, ки ҳаҷҷи фарзро поин оварад, ки Худо баракаташ диҳад ва бар номаи аъмолаш навишта созад ин дидорро. Мо, дар навбати худ, хеле шодем, ки сафаргуфтаҳои мо ба қалби хонанда таъсир гузоштаву баракати Иброҳимӣ насибаш гардида бошад. Ту ҳам хонандаи ин сутур ҳаргиз бе парво мабош ва кӯшише кун, ки аз ин дидору ин сафар бе насиб намонӣ, ки бовар кун, дидани Равзаи Набиву зиёрати Хонаи Худо ҳаргиз бар зарари кор нест. Пас бигӯ: *Лаббайка аллоҳума лаббайк…*ва давоми сафаргуфтаҳои моро гӯш кун.

**Дар он рӯз ҳоҷиён эҳром бастанд…**

Тӯли 13 шумора мову ту хонандаи ин сутур атрофи сафардидаҳои Мадинавӣ сӯҳбатҳо доштем ва иншооллоҳ он гӯшаву канор ва нуқоти ҷолибе, ки дар ин шаҳри Пайғамбарамон будӣ, то ҷое тавонистам, муаррифӣ намудемат. Инак, сарриштаи рӯзгор маро ба маррае наздик кард, ки ҳадафи асливу усулӣ буд, яъне ба дидори Хонаи Худои Кариму Раҳим, Азза ва Ҷалла, Ягонаву Бемисл, Лам Ялид ва Лам Юлад…
**29.05.2012. Соат ба вақти Мадинаи мунаввара 13:50 дақиқа.** Бо ҳуҷҷоҷи ҳамсафар чошт хӯрдем. Сипас ҳар яке ба ҳутал баромада, душ қабул кардему ғусл намудем ва эҳром бастем. Дар бораи ин маросим лозим медонам, ки андаке шарҳу равшанӣ андозам, ки шояд бо кароматӣ Худо рӯзе ин рӯзгор насибат гардад хонандаи ман ва умуман донистани ин русум аз фоида холӣ нест.
Вақте ки ҳоҷӣ ғусл мекунад, бояд аз тамомии хушбӯӣ, шампуну собун, атру упо истифода кунад. Чаро инро менависам? Зеро баъд аз бастани эҳром, яъне либоси махсуси барои ҳаҷ омодашуда, дигар набояд бар бадан атр пошид ва ҳатмани ҳатман (таъкид мекунам, ки фаромӯш накунед!) дигар аз шампуну собун истифода набояд кард!!! То соате, ки ҳаҷро поин намеоред! Яъне ҳоҷӣ баданашро бо тамомии анвоъи шустушӯӣ то пӯшиши эҳром мешӯяд ва ҳар чизи барзиёдатӣ дар андом дорад, пок мекунад, метарошад ва ғ. ва ҳ. Сипас, баъди шустушӯй агар хоҳед, аз хушбӯӣ истифода мекунед. Вале ин ҳама то пӯшиши эҳром!
**Ва ҳушдори охирин!!!**
Эҳромро ба бар карда, чизе НИЯТ НАМЕКУНЕД! Бархе ҳам ҳастанд, ки ҳатман дар дил ва ё бар лаб дуо ё нияте мебаранд, мисле, ки Худо сафари моро бехатар

кун, аз дидори Хонаи Худо муяссар соз ва ё ягон нияти дигар. Ин ҳама ба нияти эҳром медароянд, ки набояд чунин кард! Зеро нияти ҳаҷро дар дигар ҷо бояд зикр намуд!!! Барои ин чанд нуқтаи махсусе ҳаст, ки маҳз дар ана ҳамон масоҷид зойирин нияти ҳаҷ мекунанд. Ин мавзуъест, ки мо сари он бармегардем.

**Роҳ…**

Автобуси бузурге, ки бояд 50 мусофирро дар худ гунҷонад, назди фундуқи Ал Илёс ҳозир шуд ва мо вориди он шудем. Чун ҳарвақта 1 ҳоҷӣ «намерасид». Соате ҳам маътал шудем, то ҳоҷии мо, ки худ ҳам Ҳоҷӣ ном доштааст, даррасид. Бо ин ҳама дар зикр будем. Чун автобус ба роҳ даромад, маълум шуд, ки 1 курсӣ намерасад. Зеро шумораи умумии мо 51 нафар буд. Ҳоҷӣ Домулло Сафохон бо он шикастанафсие, ки доранд, дар пойгаҳи автобус ҷо гирифтанд. Ҳарчанд хостем, боло гузаранд, розӣ нашуд. Ва хуб ҳам кард, зеро чанде ба баъд Домулло ба мавъизаи хеле хубу шунавиданӣ шурӯъ карданд ва роҳи тӯлонии моро бо сӯҳбат коҳиш доданд.

**Бузинаҳо**

**29.05.2012. Соат ба вақти Арабистони Саудӣ 15:15 дақиқа.** Урраааа, мо ба сӯи Каъбаи мақсуд роҳ пеш гирифтем! Роҷеъ ба ин роҳ усулан метавон таваққуф ҳам накард, зеро чизе диданӣ надорад. Масофаи байни Мадинаву Макка 410 км аст. Автобуси «Ҳундай», ки мо савори он будем, бо суръати 120 км\соат ҳаракат мекард. Ин ҳадди охири суръат буд. Аз ин дида зиёдатар афзудан дар ин нақлиёт имкон надошт. Ва ман, ки пушти ронанда қарор доштам, спидиометрро мушоҳида менамудам. Роҳ онгуна ҳамвор аст, ки тасаввурнопазир барои мо-аҳли кӯҳистон. Зеро роҳи биёбони якрангу якмаром аст. Танҳо ҷо-ҷое нақлиёти дигар аз боло ё зери шумо мегузаранд, тавассути пул-мостҳо.
Ягона чизи ҷолиб дар ин роҳ, ки бидуни хору шутуру гарду реги биёбон ба чашм мехӯрад, ин таҷаммӯъи бузинаҳо, ё худ маймунҳои биёбонист. Тамоми ҳуҷҷоҷ наздики ин маймунҳо ист фармуда, андаке бо онҳо андармон мешаванд. Ростӣ, шахсан ман намедонистам, ки дар биёбони араб низ маймун бошад.
Ин бузинаҳо чунон бо инсонҳо унс гирифтаанд, ки баробари ист фармудани нақлиёт давида пеши мошин меоянд. Узр, хонанда, вале онҳо таҷаммуъи сигану лӯлиҳои моро ба хотир меоваранд. Меоянду чизе мегиранду мехӯранду гурехта боз мераванд. Касеро таҳқир карданӣ нестам. Ва умуман агар худро таҳқиршуда шуморанд, пас бас кунанд ин беҳаёиро!!!

**Намози шом**

Дар истгоҳи бузургтаре расидем, ки бонги азони шом садо дод. Ба масҷиди хурдакаки сароҳӣ, ки шумораашон беҳисоб аст, даромада, намози шом хондем. Ин замон нафаре аз ҳуҷҷоҷ, ки аз аҳли шиъа буд, бонг бардошт, ки ҷумла мусофирем ва дигар имкони хондани намози хуфтан надорем ва 2 намозро 1 карда хонем. Имом ноилоҷ намози хуфтанро ҳам хонд…
Чун намоз адо шуд, дидам, ки Домулло Сафохон нестанд. Берун баромада наздики масҷид дарёфтамаш. Чун суол кардем, ки куҷо будед, гуфтанд, ки дар

мазҳаби мо хондани 2 намоз дар 1 вақт роиҷ нест ва шуморо лозим аст, ки дар соати хуфтан намози фарзро боз хонед!
Ва ҳам хеле насиҳатамон карданд, ки бародарон, дар ин кишварҳо мазҳабу равияҳои мухталиф роиҷанд ва ба таблиғу ташвиқ дода нашавед ва аркони мазҳаби хешро мустаҳкам доред, ки хубтарин ва таҳаммулпазиртарин мазҳаб дар Ислом аст…
Ростӣ, андаке хиҷил ҳам шудем, ки аз хатти маши мазҳаб, ҳарчанд новоқифона бошад ҳам, бадар рафтаем.
Ба таҳқиқ будани Домулло Сафохон барин аҳли ҳикмат ва олими фиқҳ дар масоҷиди мо, ба вежа дар Исфараи Бостонӣ айни муддаост, зеро ингунаҳоро бо ягон роҳ намешавад, ки аз роҳ зад ва ба мазҳабу ҷараёнҳои тундрав гаровид. Зимнан Кумитаи дин ва раиси ш.Исфара-Раҳмоналӣ Амировро шарт ва зарур аст, ки Домуллоро ба мадрасаву курсии масҷиди ноҳия бозгардонанд!
Пушаймон намешавед!...

**Макка**

Бо ин ҳама соати 21:15 дақиқа вориди Маккатуллоҳи Шариф, Кабир, Бузург ва Умедпарварда шудем. Сарoғоз рост ба ҳутал рафтаву бағочро гузоштем ва то ҷо ба ҷо шудем, ки соат ба нимашаб майл мекард. Бори дигар душ қабул кардем. Стоп!!! Обро бояд бидуни шампуну собун ба сару рӯйу душу мӯй рехт!!!
Ва сипас такбирзанон, *Лаббайка аллоҳума лаббайка…* гӯён аз миёни шаҳри ифлосу пуродам, беназму бетартиб (мутаассифам, вале ҳақиқати ҳол ҳамин буду ҳаст!!!) сӯйи Қиблаи Умед, Хонаи Худо роҳ пеш гирифтем…

**Хонаи Худо**

Мо-аҳли ҳуҷҷоҷ аз ҳутал такбиргӯён аз шаҳри ифлос ва кӯчаҳои бе назму бе тартиб сӯи Кулбаи Худо лаббайказанон қадам мезадем. Домулло Сафохон пеш-пеш мерафту парчамро Масабур ном ҷавони барда гирифта буду мо аз паси ишон саф ороста будем. Шаҳри торику серғавғо ва пуродам ба гурӯҳи лаббайкасарои мо тақрибан таваҷҷӯҳе намекард. Баъдан сабабашро фаҳмидем; ин шаҳр моломол аз ҳуҷҷоҷи лаббайказан будааст!
Ва аммо қабл аз оне, ки мову ту, хонандаи ин сутур, вориди Каъбатуллаҳ гардему 2 ракаати одатӣ дар ҳаққат намоз гузорам, биё, туро бо шаҳри Макка аз назари ҷуғрофӣ ошно кунам. Зеро сипас он чие, ки дар бораи ин шаҳр хоҳам гуфт, сафаргуфтаву дидаву шунавидаи инфиродии ман-муаллифи ин сутур хоҳад буд. Ва ин дидаҳо ҳақиқати талхеанд, ки мутаассифона, мусалмонони мо аз гуфтану шарҳашон ба ин иллат, ки «мабод кофир нашавам», худдорӣ мекунанд. Ва ана ҳамин тарси бе мантиқу бе маврид аст, ки шаҳри №1 дар олами Ислом дар бархе маврид ба кӯчактарин талаботи шаҳрдории ҳатто Хуҷанду Кӯлоб посухгӯ нест, чӣ расад ба Душанбеву Маскаву Тошканд…

**Макка Қалби Ислом ва қуввати дину мазҳабҳои яктопарастон аст!**

Маҳз яктопарастон! Зеро тамомии дину мазҳабҳои Худо аз ҳамин шаҳр маншаъ мегиранд ва шурӯъ мешаванд.

Маккатуллаҳ дар минтақаи ғарби нимҷазираи Арабистон воқеъ гашта, дар канораи кӯҳҳои Саравот тӯл кашидаву аз сатҳи баҳр дар баландии 279 м ҷой гирифта, дар арзи $21^0$ $21^1$ шимолӣ ва дар тӯли 37° 54' шарқӣ тӯл кашидааст. Ҳарорати миёна дар тобистон ба +48-50 ва дар зимистон то +18-20 дараҷа мерасад. Дар тобистон гарми камбориш буда, дар зимистон бориш зиёдтар мешавад. Макка шаҳри бениҳоят қадим буда, аз рӯйи ривоятҳо паҳну васеъ кардани замин аз ин ҷой оғоз ёфта, аввалин кӯҳ, кӯҳи Абу Қубайс низ он ҷо офарида шудааст. Лизо Маккаро ба номи Уммул Қуро-модари шаҳрҳо низ ном мебаранд.

**Моҷарои Иброҳим, Соро ва Ҳоҷар**

Ривоят аст, ки Каъбатуллаҳ пеш аз ҳазрати Иброҳим, рондашавии Исмоилу модараш-Ҳоҷар ва ғ. ва ҳ. низ вуҷуд дошт. Макка маконе буд, ки атрофашро кӯҳҳо иҳота мекард ва обу зироат надошт. Ҳикмату иродаи Худованд ин шуд, ки баъд аз он ки Иброҳим алайҳиссалом пайғамбар шуданд, Сороро ба занӣ гирифт. Боре Худо ба он 2 амр мекунад, ки аз Ҳорон ба Миср бираванд ва мардуми он ҷойро ба дини Худо даъват кунанд. Чун ба Миср ба шаҳри Зоан расиданд, подшоҳи он ҷой 1 одати баде дошт, ки агар касе зан дошта бошад, зани ӯро зӯран гирифта, таҷовуз мекард. Иброҳим ба Соро гуфт, ки агар аскарони шоҳ туро пурсанд, ки ба ман кӣ мешавӣ, бигӯй, хоҳарашам, яъне хоҳари динӣ чаро, ки дар он ҳангом дар дини Худо танҳо якчанд буданд. Бо вуҷуди ин мулозимони подшоҳ Сороро аз Иброҳим зӯран гирифта ба пешаш меоранд. Подшоҳ қасди бад кард ва хост, ки ба Соро наздик шавад, Соро Худоро дуо кард ва он золим дар ҷояш шах бишуд ва ҷунбида натавонист. Гуфт Худоятро дуо бикун ман тавба кардам. Чун Соро Худоро дуо кард, ӯ ба ҳолаш баргашт ва боз қасди бад карду хост, ки наздик шавад (саросема нашав хонанда, мо аз мавзӯъ 1 мисқол дур нарафтаем ва давоми қиссаро гӯш кун!). Соро боз дуо кард ва бори севвум ҳам чунин кард ва дар охир шоҳи золим фаҳмид, ки ин зан поку покдоман аст ва ба ӯ 1 духтари зебоеро ҳадя кард, то дар хидмати Соро бошад. Он занро ном Ҳоҷар буд! Соро, ки солхӯда буду фарзанд надошт, Ҳоҷарро ба Иброҳим дод, то пайғамбари Худо соҳиби меросбар гардад. Ҳоҷар писардор шуд ва номи ӯро Исмоил монд.

Пас ин моҷаро, Сороро ғайрату шиква ва рашки занонааш ғалаба мекунаду ба Иброҳим шикояти Ҳоҷару Исмоилро оғоз мекунад. Кор ба ин ҷо расид, ки Сорою Ҳоҷар бо ҳам наомаданд ва косаи сабри Иброҳим лабрез гашт. Ахиран, Иброҳим Ҳоҷару писарашро ба водие бояд мебурд, ки он ҷой на гиёҳ сабзаду на об. Баъд аз сафари дуру дароз Иброҳим ба Макка мерасад ва зану фарзанди ягонаи худро дар назди теппаи на он қадар калони Сафо ва Марва мегузорад. Иброҳим ба онҳо чизе намегӯяд ва барояшон дар 1 машк об ва дар 1 халтача хурмо мемонад. Ҳоҷар аз ҳамаи ин корҳои кардаи Иброҳим ба ҳайрат меафтад ва дар охир ҳангоми рафтани Иброҳим мегӯяд: Ту чаро моро дар ин ҷой мегузорӣ? Мехоҳӣ, ки мо дар ин ҷой бимирем ё Худованди бузург ба ту фармон кард, ки моро ин ҷо бимонӣ? Он гоҳ Иброҳим гуфт: Оре! Худоям маро амр кард, то зану фарзандамро дар ин ҷой гузорам.

Ҳоҷар гуфт: Ин тавр бошад, Худои бузург моро ҳеҷ гоҳ зоеъ насозад.

Чун Иброҳим аз назди онҳо рафтанд дилашон реш-реш буду маҳзун, лекин ӯ, ки абул-анбиё (падари ҳамаи паёмбарони баъд аз худаш омада) буду хоҷаи мутаваккалин, яқин дошт, ки Худояш амонати ӯро маҳфуз медорад. Даст ба сӯйи хонаи Худо бардоштанду (он замон пойдеври хона буду девораш набуд) гуфтанд: *«Парвардигоро, ман зурриётамро дар водие, ки дар он зироате нест, дар назди хонаи муҳаррамат гузоштам Парвардигоро, то онҳо намозро барпой доранд ва дилҳои мардумро ба сӯи онҳо муаллақ бигардон».*
Чанд муддат гузашту обу хурмои Ҳоҷар тамом шуд. Исмоили ширмак ба гиря даромад ва ҳеҷ ором намегирифт. Модар ин ҳолатро дида, тоқат накард ва аз пайи кофтани об шуд. Ба тарафи кӯҳи Сафо назар дӯхт, ба назараш об намуд, чун болои кӯҳ баромад, қатраеро ҳам пайдо накард. Назарашро ба тарафи Марва дӯхт, ки он ҷой низ ба назараш об намуд. Аз кӯҳи Сафо фаромад чун ба водӣ расид, то баромади кӯҳи Марва давид. Аммо, чун ба Марва расид ба болояш баромад ва обро пайдо накард ва бад-ин тариқа 7 бор саъй кард (ҳуҷҷоҷ низ 7 бор чунин саъй мекунанд ва лозим донистем, ки шарҳе дар ин боб дода бошему ҳоҷиёни гиромӣ донанд, ки ҳадаф аз ин гирду гашт чист!). Бори охир, ки ба Марва расид, нохост ба тарафи Исмоил нигоҳ кард, ки фариштае бо қаноти худ замин мекобад.
Аз тарси ин ки ба Исмоил осебе нарасад, давон ба пеши писар меояд ва мебинад, ки аз зери пояш об фаввора мезанад. Аз хурсандӣ ҷои обро боз чуқуртар ва сари ҷӯи обро маҳкам мекунад, то ки об баромада наравад. Ҳоҷар дасташро ба об бурда, мегӯяд, ки зам-зам, яъне ҷамъ шав ва ба ҳеҷ куҷо нарав. Паёмбар роҷеъ ба ин амали Ҳоҷар фармудаанд: **«Раҳималлоҳу Ҳоҷар лав таракат зам-зам лаконат ъайнан маъина».** ***Тарҷума**: Худованд Ҳоҷарро биёмурзад, ки агар зам-замро ба ҳоли худаш мегузошт, зам-зам чашмаи ҷорӣ мешуд.*
Алҳол зам-зам чоҳ аст, яъне, ки агар аз он чӣ қадар об гирифта шавад боз ба ҷояш ҳамон қадар об пур мешавад, вале ҷорӣ намешавад, зеро амри Ҳоҷарро хӯрдааст!

## Қурбонии Исмоил ва бунёди Каъба

Иброҳим баъд аз он, ки Ҳоҷару Исмоилро дар Макка гузошт, 4 бори дигар ба Макка барои зиёрат омад:
1.Барои қурбонии Исмоил.
2. Чун омад, ки Ҳоҷар вафот кардаву Исмоил бузург шуда, зан гирифта буд.
Он рӯз, Исмоил ба шикор рафта буду занаш Иброҳимро нашинохта, аз Исмоил шикоят кард. Иброҳим гуфт, чун Исмоил биёяд ба ӯ бигӯй, ки остонаи даратро нав бикун.
Чун Исмоил аз шикор баргашт, зан гуфт: Солхӯрдае омад ва гуфт, остонаи даратро нав бикун. Исмоил гуфт: Он мӯйсафед падарам буд ва ту остонаи дари манӣ ва ӯро талоқ дод.
3. Иброҳим чун ба Макка омад, Исмоил зани дигар гирифта буду низ дар шикор буд. Он зан бо Иброҳим муомилаи нек кард. Иброҳим ба ӯ гуфт, Исмоил биёяд ба ӯ бигӯ, ки остонаи даратро маҳкам бидор. Пайғамбари охируззамон аз зурриёти ана ҳамон зани Исмоил аст, ки дуои Иброҳимро гирифта буд.
4. Иброҳим алайҳиссалом ба Макка омаданд, то бо фармони Худованд девори хонаи Каъбаро аз пойдевораш бардоранд. Хонаро бо Исмоил сохтанд ва ба сӯи

Худо дуо карданд, то ин кори эшонро ба даргоҳаш қабул фармояд. Худованд роҷеъ ба ин қисса дар Қуръони Карим мефармояд: **«Ва из ярфаъу Иброҳимул қаваъида минал байти ва Исмаъилу раббана тақаббал минна иннака антас Самиъул Ъалим».** ***Тарҷума:*** *«Ва чун Иброҳим ва Исмоил хонаро аз пойдевораш бардоштанд, гуфтанд, ки парвардигорамон (ин амалро) аз мо қабул намо, ки ту ҳароина Шунавою Доной.*
Он хонае, ки Иброҳиму Исмоил бунёд карданд, дар рӯи замин аввалин масҷид ва аввалин Хонаи Худо буд. Худованд роҷеъ ба ин дар Қуръони Маҷид мегӯяд: *«Ҳароина аввалин хонае, ки барои мардум гузошта шуд, хонае дар Макка аст ва он муборак асту барои оламиён (нур) ва ҳидоят аст».*
Ва чун Иброҳим алайҳуссалом Хонаи Худоро сохт ба баландие бар шуд ва аз арвоҳи муслимин даъват кард, ки ба зиёрати ин Хона биоянд ва ҳар нафареро, ки ин амр даст медиҳад, бояд донад, ки аз баргузидаҳои Иброҳими Халилуллоҳ аст, зеро дар он соат арвоҳи мо ба даъвати Иброҳим *«Лаббайка аллоҳума лаббайк»* гуфт ва он арвоҳе, ки нагуфт, ба ин мартаба нахоҳад расид, ҳарчанд сарватманду ғаниву доротарини олам ҳам буда бошад…

**Масҷидулҳаром**

Бузургтарин, шарифтарин, муқаддастарин, маъруфу маҳбубтарин Масҷид дар рӯи олам Масҷидулҳаром аст! Ва ин ҳақиқати бебаҳсест, ки далелҳо дар китоби осмонӣ дорад.
Ва ҳарчанд тамомии масҷидҳо Хонаи Худоянд, вале Масҷидулҳаром бо исми шарифи Байтуллоҳил Ҳаром номист. Ин исм бори дигар аз муъаззам ва мушарраф будани ин ибодатгоҳ гувоҳӣ медиҳад.
Махсусияти дигари ин масҷид боз онест, ки он қиблаи тамоми мусалмонони олам маҳсуб меравад ва чӣ аз Тоҷикистону Қирғизистон ва чӣ Амрикову Аврупо аҳли ислом маҳз сӯи ин масҷид рӯ овардаву нияти намоз мекунанд ва сӯи ин қиблаи мақсуд сари пургунаҳ ба даргоҳи Худованд мекӯбанд, ки иншоаллоҳ намози ҳама мусалмонон қабул бод!
Каъбаи Шариф дар байни ин масҷид мавқеъ дорад, ки онро Худованд аввалин хона дар рӯи замин мегӯяд:
**«Инна аввала Байтин вузиъа линнаси лаллази бибакката мубаракан ва ҳудал лил ъоламин».**
Бакка ин 1 номи Макка буда, маънояш «гарданшикан» аст. Мутмаинан, мусалмонони кишвар бояд донанд, ки ҳар касе бо нияти баде озими Макка мешавад ва ё ҳар душмани исломе дар сар зиёне расонидан ба Хонаи Худоро мепарварад, ҳатман гарданаш мешиканад, яъне мағлуб хоҳад шуд! Ба ҳамин тартиб, мусалмонони гиромӣ, хонандагони ин сутур, бояд донанд, ки Пайғамбари мо-Ҳабиби Худо дар ҳифозату ҳимояти Худои мо қарор дорад ва Худо Худаш ҳабибашро хубтар аз мо-бандагони пургунаҳаш ҳифз хоҳад кард ва ин аст, ки мо бояд ба доми яҳуду насоро, ки бо танзу тавҳин моро провокатсия мекунанд, дода нашавем...

**Чаро Ҳарам ё Ҳаром?**

Барои он ки Худованд Маккаи мукаррамаро бо чанд аҳкоме хос кардааст, ки танҳо ба ҳамин шаҳр тааллуқ доранд!
Ривоят аст, ки сароғоз Иброҳим алайҳиссалом дуо гуфтаву аз Худо хост, то ин ҷойро ҳарам ҳукм кунад, то мардумон дар ин мавзеъ ҳар кори баду пастеро анҷом надиҳанд. Худованд дуои Ҳанифашро қабул кард ва Маккаро ҳарами худ қарор дод. Роҷеъ ба ҳамин ривоят Муҳаммад (с.) фармудаанд:
**«Парвадигоро! Ҳароина Иброҳим Маккаро ҳарам ҳисобид ва Ту онро ҳарам қарор додӣ».**
Ҳукмҳои хоси Макка роҷеъ ба ҳарам ин аст, ки дар ин мавзеъ қатлу куштор, ҷангу ҷанҷол ноҷоиз, яъне ҳаром шуморида шуда, ҳаявону паррандагонашро шикор кардан чӣ, ки ҳатто тарсондан, безобита кардану киш гуфтан манъ аст! Ҳатто гурбаҳоро дар ин шаҳр набояд ронд ва ё зад ва ё пеш кард! Зойирини мӯҳтарам, ки ба ҳаҷ мераванд, бояд ин нуктаро дарк кардаву дар гӯш ҳамел кунанд, ки ягон паррандаву чарранда, хазандаву равандаро набояд безобита кард. Надониста кардед, бояд кафорати ҷиноят пардохт (оре, ин ҳама ҷинояти исломист, зеро Худо шуморо аз ин корҳо манъ кардааст, мисле, ки нафаре қонуни роиҷи давлаташро вайрон мекунад). Вале агар дидаву дониста ин амалро поин овардед, войи шумо!!! Дар Ҳарам ҳатто кандани гулу гиёҳ, шохаи дарахту ниҳолҳо қатъан манъ аст! Накунед ин корҳоро, ки ҷинояти исломӣ содир мекунед ва аз ин ҳама худро дур гиред! Ҳамён, телефон, пул ва дилхоҳ чизи афтодаро аз замин НА-БАР-ДО-РЕД!!! Гуноҳ аст. Илло магар соҳиби он чизро мешиносед ва ё дидед, ки аз нафаре афтиду танҳо барои ба соҳибаш баргардонидани он чиз онро аз замин бардоштаед!
Дар Макка пасмондаву коғазпора ва дилхоҳ ифлосиро партофтан ноҷоиз аст! Мутаассифона, бо ин ҳама аҳком, пастиву бемаданиятии мусалмонҳост, ки шаҳри табаррук ва қудсиро пури ифлос кардаанд. Равед, бо чашми сар мебинед, ки сокинони ин шаҳри муқаддас ба кадом ҳадд бетамизанд, ки назди дӯкону ошхона ва хонаҳои худро нопоку ифлос нигаҳ медоранд ва умуман ин шаҳр замони охир хеле ифлос шудааст, ки Худо аз ғазабаш мову сокинони онро нигаҳ дорад!
Ин ҳам дар ҳолест, ки Худо барои 2 пайғамбараш-Иброҳиму Исмоил амри махсус дода буд, ки гирду атрофи Маккаро поку муттаҳар созанд:
**«Ватаҳҳиро байтия литтоифина вал ъакифина варруккаъис суҷуд».**
**Тарҷума: Эй Иброҳим ва Исмоил! Хонаи маро барои тавофкунандагон, эътикофшинандагон, рукӯъу суҷудкунандагон поку муттаҳар бигардонед.**

## Фазилатҳои Масҷид ул Ҳаром

Фазилатҳои ин масҷидро наметавон дар тарозуи андеша баркашид, вале муфассирин гуфтаанд, ки кабиртарин фазилати Ҳаром ин аст, ки дар он 1 намоз савоби 100.000 ракаат намози дар дигар масҷид гузоштаро дорад. Пайғамбари мо дар ҳадиси саҳеҳ мефармоянд:
**«Намози дар масҷиди ман (яъне Масҷиди Набавӣ дар Мадина) гузошта, беҳтар аст аз 1000 намози дар ғайри масҷиди ман хондашуда. Ва намози дар масҷиди Ҳаром гузоштašуда аз намози дар масҷиди ман хондашуда 100 маротиба афзалу беҳтар аст».**

Худо хонандаи ин сутурро рӯзие насиб гардонад, ки дар ин 2 Масҷид ҳатман намози худро бигузоранд, ки бигӯ Омин, то аҷрат қабул гардад…
Баҳсҳое ҳам ҳаст, ки Пайғамбар куҷоро дар назар дорад? Зумрае аз муфассирин гуфтаанд, ки тамомии шаҳри Макка ҳарам аст ва дар ҷое, ки намоз гузорӣ, аҷри 100.000 ракаатро дармеёбӣ. Бархе ҳам гуфтаанд, ки танҳо дохили Масҷид ул Ҳаромро дар назар дорад.
Воқеан ҳам ҷои зикр аст, ки дар рӯи олам бидуни Ҳарами Макка ва Ҳарами Мадина дигар ҷойҳои муқаддас ҳарам маҳсуб намераванд, ҳатто Байтулмуқаддас ва Масҷид ул Ақсо низ!

**Марзи ҳарам**

Табиист, ки бо хондани ин сутур дар сари хонанда андешае омад, ки пас ҳудуд ё марзҳои Ҳарам куҷоянд? Ривоят аст, ки нахустин шуда, марзҳои Ҳарамро Иброҳим халилуллоҳ таъйин намудааст: ин ҳамон ҳаддест, ки Ҳарамро аз Ҳилл ҷудо мекунад. Ҳарамро аз Ҳил Иброҳим бо ҳидояту таълими Ҷабраил ҷудо кард. Вақте ки Муҳаммад (с.) Маккаро фатҳ кардаву ақвоми бадкеши маскуни ин шаҳри муқаддасро тавба доданд, саҳобаи худ Тамим ибни Асадро ба атрофи Ҳарам фиристониданд ва амр карданд, то ӯ аломатҳои Ҳарамро таҷдид кунад ва ҳамин тавр ҳам кард. Баъд аз сари пайғамбар ин амалро хулафои рошиддин ба ӯҳда гирифтанд.
Ва баъдаҳу тӯли 1000 сол ҳеҷ тағйироти назаррасе дар саҳни Ҳарам дида намешуд. Дар натиҷаи бесалоҳиятӣ оҳиста-оҳиста одамон хонаву дӯконҳои хешро ба Каъба наздиктар кардан гирифтанд, ки ҳатто Сафо ва Марва аз Каъбатуллаҳ дур монда, пушти дӯконҳо қарор гирифт. Соли 1314 ҳиҷрӣ шоҳ Абдулазиз ин дӯкону хонаҳоро бардошт, Масҷидулҳарамро куллан таъмиру тармим сохт ва болои чоҳи Зам-Замро бо қубба пӯшонид ва сипас роҳи байни Сафову Марваро сангфарш намуд. Дар соли 1347 ҳиҷрӣ 1000 адад чароғро дар масҷид устувор кард ва соли 1373 ҳиҷрӣ ба Макка барқ оварданд ва масҷидулҳарам бо лампаҳои тафсону бодбезакҳои барқӣ муҷаҳҳаз гардид.
Дар соли 1989 мелодӣ шоҳи саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз ба тавсеъаи Ҳарам даст зад ва имрӯз саҳни Масҷидулҳаром 2 млн. 356.000 метри мукаабро таъсис медиҳад, ки ба пиндори инфиродии ман, яъне Сайёфи Мизроб, ин боз ҳам кам аст. Зеро масҷид боз ҳам ба оҳистагӣ, вале билофосила макони дӯкону меҳмонсаройҳо шудан дорад, ки дар шумораҳои баъдӣ сари ин моҷаро ҳам сӯҳбат хоҳем кард: Мо Метавонем!

**Каъба чист ва онро кӣ бунёд кардааст?**

Каъба, дар луғат ба маънои том ва ба имрӯзиён наздик, куб аст, 1 нишони геометрӣ. Аз барои он Каъба номидаанд, ки он бинои тақрибан чоркунҷа ва мукаъабшакл аст. Каъбаро Байтулъатиқ низ меноманд, ки ба маънии луғавии хонаи кӯҳна ва хеле қадима аст. Зеро масҷиди аз ҳама қадимтарини руйи замин ба ҳисоб меравад. Боз маънои дигари ъатиқ нафис ва боиззату бокаромат аст. Хонандаи огаҳ медонад, ки дар олами осорхонаҳо чизи аз ҳама кӯхнаву гаронбаҳоро атиқа-антиквариат меноманд. Решаи Байтулъатиқ аз ҳамин ҷост!

Муфассирин ва муъаррихон зикр мекунанд, ки сароғоз Каъбаро фариштагон бунёд ниҳоданд ва сипас Ҳазрати Одам алайҳиссалом онро таҷдид карду аз он пас фарзандони Одам ин корро давом доданд. Дар ҳадисе аз Паёмбар (с.) омадааст:

**«Анна Нуҳан ва Ҳудан марро биводи Ъусафона ҳоҷҷинал байтулъатиқ»**

*Тарҷума:*
Ҳароина Нуҳ ва Ҳуд аз водии Усафон (водиест дар Макка) гузаштанд ва ҳол он, ки ҳар 2 озими ҳаҷҷи Хонаи Атиқ (яъне Каъба) буданд.
Дар саҳеҳи Муслим омадааст: **«Ман алон гӯё, ки Мусоро дида истодаам, ки ангуштонашро ба 2 гӯши худ гузошта, овозашро бо талбия баланд карда, аз ин водӣ (яъне аз водии Азрақ) мегузарад».**
Чи хеле, ки маълум аст, Нуҳ ва Ҳуд паёмбароне буданд, ки аз Иброҳим пеш омадаанд. Дар боло ишора рафт, ҷойи хонаи Каъба дар водӣ қарор дошта, атрофашро кӯҳҳо иҳота кардаанд ва лиҳозо селу боронҳо аз ин кӯҳҳо фаромада, бинои хонаро вайрон карданд ва ҷои хона нопадид гашта, танҳо пойдеворҳояш, ки онро регу сангҳо пушонида буд, боқӣ монд.
Чӣ тавре, ки ояти **«Ва из ярфаъу Иброҳимул қаваъида минал байта ва Исмоъилу»,** далолат мекунад, маънои ярфаъу «бардоштро» дода, аз оят возеҳ ва равшан аст, ки Иброҳим алайҳиссалом пойдевори хонаро нагузошта, балки бинои онро аз пайдевор баланд бардоштааст.

## Арзу тӯли Каъба

Азрақӣ зикр кардааст, ки Иброҳим алайҳиссалом баландии хонаи Каъбаро бар 9 зироъ (ҳудуди 4 метр) баланд бардошта, арз, яъне бари онро аз Ҳаҷаруласвад то Рукни (кунҷи) Ямонӣ 22 зироъ (тақрибан 11 м.) сохт. Дарозии он аз Рукни Асвад то Рукни Ироқӣ 32 зироъ (баробари 15 м.) аст. Каъбаро Иброҳим бе сақф (бом) сохта, дар он ҷойи 2 дарро гузошт. Вале худи дарҳо вуҷуд надоштанд. Ҳазрати Ҷабраил алайҳиссалом аз ҷаннат Ҳаҷаруласвадро фаровcovered фароварданд (дар ривояте) ва Иброҳим онро гирифта, ба ҷояш гузоштанд. Баъди реставратсияи пешвоёни 2 қавми араб, бобои Паёмбар Қусай ибни Килоб, ба амалиётиислоҳу тармими Каъба кӯшишҳо ба харҷ дод.

## Сӯхтор ва эҳёи Каъба

Дар аҳди Муҳаммад (с.), дақиқан, 5 сол пеш аз рисолаташон, Каъба месӯзад ва боқимондаи он аз тариқи селу боронҳо хароб мегардад. Дар ин вақт қурайшиён азм карданд, ки Каъбаро куллан вайрон ва аз нав барқарор созанд. Қурайшиён шарт гузоштанд, ки дар бинои хона фақат пулу моли ҳалоли худро бениҳанд, ки Худо пок асту фақат покро қабул мекунад. Моли поки худро *ҷамъ* карданд ва бинои Каъбаро аз нав барқарор намуданд. Азбаски моли покашон камтар нарасид, онҳо дар бинои Каъба баъзе аз тағйиротро даровcovered даровarданд. Баландии Каъбаро ба 18 зироъ (тақрибан 8 м) бардошта, дар он боми чӯбин сохтанд.
Ҷои 2 дар, 1 дари дутабақа гузоштанд ва онро аз сатҳи замин тақрибан 2,25 м. бардоштанд, то ки касеро, ки хостанд ба он дароранд ва касеро, ки нахостанд,

намонанд. Баландии дар 310 см буда, бараш тақрибан 2 ва ғафсиаш қариб 50 см аст.
Баъдан дар замони салтанати усмониҳои турк, Султон Муродхон барои Хонаи Худо 2 дари аз нуқраи холис бо вазни 160 ратл тӯҳфа намуд. Вале дари имрӯзаи Каъба ун дар нест. Дари ҷадид соли 1980 дар моҳи Зулқаъда шинонида шуда, тилои холис аст. Вазни тилои истифодашуда 280 кг буда, сифаташ (меъёр-проба)-и он 999,9 мебошад! Чунин навъи тило дар Шукнови Тоҷикон ҳам ҳаст, ки мутаассуф, кам дар Тоҷикистон ба чашм мехӯраду бо ҳар роҳу восита аз хоки диёр берун метаровад!
Қурайшиён ҳангоми сохтани Каъба, чун моли ҳалолашон кифоят накард, дар дарозии Каъба низ тағйирот дароварда, онро 6 зироъу 1 ваҷаб (тақрибан 3 м.) кӯтоҳ карданд ва боқимондаи онро девори хурдакак карда, он ҷойро «Ҳиҷр» ё «Ҳатим» номиданд. Маънои ин 2 вожа, яъне Ҳиҷр ва Хатим, ҷудокардашуда аст, яъне ин қисмат низ аз Каъба аст, вале онро бе сабабе ҷудо кардаанд.

**Эмомалӣ Раҳмон Дахл ул Ҳарам аст…**
**Диққат! Диққат!! Таваҷҷӯҳ!!!**

**Мабодо, агар касе тавоф (7 бор чархидан атрофи Хонаи Худо)-ро аз байни Каъбаю Ҳиҷр ё Хатим анҷом диҳад, тавофи ӯ ҳисоб намешавад! Зеро тавофро бояд атрофи Каъба карду Ҳиҷр порае аз он аст.**
**Ё касе агар хоҳад, ки дар даруни Каъба намоз хонад, метавонад дар даруни Ҳиҷр намоз хонад, зеро Хатим ҳам аз Каъба аст.**
**Бояд гуфт, ки даруни худи бинои Каъба тавассути дарвозаи 2 қабатааш шудан, ба кам нафаре даст додааст. Ин мартаба аз Тоҷикон танҳо муяссари Эмомалӣ Раҳмон гардида, ки вориди Каъба шудаву дар даруни Хонаи Худо намоз гузоштааст. Чунин нафаронеро, ки ин давлат дасташон медиҳад, дар мазҳаби мо Дахл ул Ҳарам мегӯянд. Ин аст, ки президент Раҳмон Дахл ул Ҳарам аст ва мартабаи бас баланде муяссараш шуда, ки Худо мову туро низ, хонандаи ин сутур насиб гардонад. Бигӯ: Омин!**

**Ҳаҷар ул асвад**

Қурайшиён чун бинои Каъбаро оғоз карданд ба мавзеи санги сиёҳ, (Ҳаҷаруласвад) расиданд ва байни ҳам низоъу фитна карданд, ки санги муборакро кадоме бар ҷояш мегузорад. Баҳсҳо тӯлонӣ шуданд. Баъдаҳу, яке аз мардони баҳикмати Қурайш, пешниҳод намуд, ки ба масҷид ҳар касе, ки ҳозир дарояд, ӯ сангро ба ҷояш бимонад. Ҳама розӣ шуданд. Ва мунтазир нишастанд, ки ин ҳангом Паёмбари мо, ки он ҳангом 35 сола будаву ҳанӯз рисолати Худовандро бар дӯш надоштанд, ба масҷид даромаданд ва аҳли Қурайш бо як овоз розӣ шуданд, ки Ҳаҷаруласвадро Муҳаммад бар ҷояш гузорад. Паёмбари ахируззамон бо он фазлу ҳикмати зотие, ки доштанд, ҷомаи худро бар замин ниҳоданд ва сангро ба он гузоштанд ва гуфтанд, аз ҳар қабила марди наҷибе барояд ва 1 тарафи чодарро бардорад. Чун ҳама намояндагонро интихоб карданд, сангро ба пеши хона бардошта оварданд ва худашон бо 2 дасти муборак санги сиёҳро бар ҷояш гузоштанд.

**Муъҷизаҳои Каъбатуллаҳ: аз Иззи Иброҳим то Чашмаи Зам-зам**

Ақвоми араб чу хостанд санги муқаддасро, ки аз Биҳишт оварда шудааст, пас аз тармими Каъба бар ҷояш гузоранд, байнашон баҳси тунде хесту нафаре ҳам пешниҳод кард, ки Ҳаҷаруласвадро нахустин касе, ки ба масҷид медароояд гузорад ва он нафар Муҳаммади 35 сола шуд. Яъне бубин, хонандаи гиромӣ, ки ҳарчанд то ин соат Муҳаммад пайғомбари Худо мунтахаб нагардида бошад ҳам, осори бузургӣ ва шаҳомати Хатмуланбиёӣ дар Ӯ зоҳир мегардид. Яъне Худои мо ба ун қавми дар ҷаҳл ғуттавар борҳо ишора карда буд, ки Муҳаммад баргузидаи Ӯст. Ҳамонгунае, ки ҳини таваллуди Муҳаммад душманоне, ки бар Макка ҳуҷум меоварданд, бо марги мармузе фавтиданд, ки ин моҷароро баъдан Худо дар сураи «Фил» шарҳ дод. Душманони Ислом, ки то кунун бо ҳузури муборакии Муҳаммади мо шакк овардаву даъвоҳои беасоси инкорашро (Худо биомурзадашон!) давом доранд, ин фактҳои воқеан таърихиро инкор карда натавониста, мулзам мондаанд. Воқеан ҳам агар аҳамият додаӣ, хонандаи ин сутур, мо сари бархе аз далелҳои таърихӣ тавақкуф карда мегузарем. Мисле, ки сари қатли Каъб ибни Ашрафи яҳуд тавақкуф карда будем. Зеро ин «далели муътамад» дар дасти яҳуд ва душманони Ислом аст, ки мегӯянд муслимин аз азал ба террор машғул будаанд, бехабар аз он, ки пайғамбарон ҳукми болоӣ мебароварданд. Мо-муслимин ку, Худо амон диҳад, агар набардҳои Мӯсоро чун далел бар зидди яҳуд истифода кунем. Зеро мо ҳама расулони Худоро ба таҳқиқ ва бидуни шакку шубҳа қабул дорем: Мо Метавонем!

Вале аз сиёсати мазҳабӣ баргардем сари сафаргуфтаҳои хеш. Зеро набояд ба эҳсосот дода шуд. Воқеан ҳам душманони ислом медонанд, ки мо-мусалмонон қавми зудоташем ва ин аст, ки моро таҳрик медиҳанду ба моҷароҳо мекашанд. Дур намеравем, бигирем ҳамон филми таҳқиромези амрикоиҳоро; фикр доред, онро ҳамту ба навор гирифта буданд? Ҳаргиз на. Ва ин ки дар чанд давлати мусалмоннишин ба анде аз амрикоиҳо дарафтоданд, кӣ бурд кард? Албатта, душманони ислом. Зеро ин кишварҳо низ дур нест мавриди забти НАТО қарор бигиранд. Биноан, сабру таҳаммулро аз даст надиҳед ва фаромӯш накунед, ки Расули мо-Ҳабиби Ӯст ва пуштибони қавие Муҳаммад дар симои Худои худ дорад!...

**МАҚОМИ ИБРОҲИМ**

Ин шабу рӯзи табаррукест, ки Тоҷикони мо низ дар баробари дигар ақвому миллиятҳои Ислом рӯ ба Каъбатуллаҳ кардаанд, то ҳаҷҷи фарзиро поин оваранд. Ва биноан такмили навиштаҳои мо бар савоби кор аст. Зеро шояд нафаре аз ин мардум ин шумораро мехонаду аз муқаддасоти Каъбатуллаҳ ва ривоёти нодири офариниш ва бунёдгузорони он даракдор мегардад. Дар ин ҷо бояд сари Санги Иброҳим ва ё нақши қадамҳои ӯ ёд кард. Ин мақомест, ки дар паҳлӯи Каъба мавқеъ дораду пас аз тавофи Хонаи Худо бояд дар ин мавзеъ намоз гузорид. Пас ин чӣ мақомест ва чаро бояд онро низ зиёрат карду пушташ намоз хонд?...

Мақоми Иброҳим санги оддии чоркунҷа бо қутри нимметраест, ки ҳазрати Иброҳим бар болои он баромада, Каъбаро сохтаанд. Санг дар шимоли шарқии

Каъба ҷой гирифтааст. Ривоят аст, ки чун Хонаи Каъба баланд шуд, қадди Иброҳим (а) намерасид, ки деворро гузорад. Исмоил ин ҳангом сангеро овард, ки Ҳазрати Иброҳим онро дар зери по мондаву аз дасти Исмоил дигар сангҳоро гирифта, Каъбаро месохт. Ҳар қадар, ки хона баланд мешуд, санг ҳам болотар мебаромад. Пас аз бунёди Каъба Иброҳим маҳз ба болои ана ҳамин санг баромада, мардумро ба зиёрат-ҳаҷҷи хонаи Худо даъват карда буд ва оне, ки ба зиёрати ин Хона мушарраф шудааст, бояд донад, ки дар ана ҳамон маврид арвоҳи мову ӯ ба ин даъвати Иброҳимӣ ҷавоб дода буд, ки «лаббайка аллоҳума лаббайк, Лаббайка ло шарика лака лаббайк…».
**Муҳаммад (с.) Пайғомбари мо ва Ҳабиби Худо баъдан дар 1 ҳадиси саҳеҳ ин моҷароро чунин ёдовар шудаанд: Ва дар ин ҳангом Иброҳим ва Исмоил хонаро аз пайдевораш бардоштанд. Исмоил санг меоварد ва Иброҳим бино мекард, чун бино қомат афрохт Исмоил бо ин санг ба пеши Иброҳим омад ва онро зери қадами падараш гузошт. Иброҳим дар болои он биистод ва хонаро бино кард ва Исмоил ба ӯ санг дароз мекард ва ҳарду ин дуъоро мегуфтанд, ки «Парвардигоро аз моён ин амаламонро қабул кун, ҳароина ту Шунавою Доноӣ».**

**Иззи пои Иброҳим-мӯъҷизаи Худо**
Санг муъҷизаи ҳазрати Иброҳимро дорост, ки бо хости Худованд 2 пойи муборак ба он ғӯтида, аз худ изз гузоштаанд. Ҳуҷҷоҷи гиромӣ, бо чашми сар ин изҳои муқаддасро хоҳанд дид! Ту ҳам бин, хонандаи ин сутур, агар гузорат ба ин макони шариф уфтад. Зеро дидани иззи пои мубораки нахустин Яктопараст, Иброҳим Халилуллоҳ, ки ӯро дар олами адён Ҳаниф ҳам хонанд, кори саҳлу сабуке нест! Бовар кун! Инро ман мегӯям, нафаре, ки Худо муяссараш гардонид то ин қудумро бинад. Вале чаро Ҳаниф? Ҳаниф дар луғати динӣ ба маънии касест, ки дар ақидаи худ махсусан содиқ ва побарҷост. Акнун ба хотир биор, ки чигуна Иброҳим бо амри Худо фарзанди азизи худ-Исмоилро мехост қурбонӣ кунад!!!
Осори изҳои қадами Иброҳим бинобар сабаби аз ҳад беш масҳ кардану тавофи мардум, андаке тағйир ёфтааст.
**Ба шаҳодати Анас (разияллоҳу анҳу), ки гуфтааст: «Ман санги мақомро дидам, ки дар он изи панҷаҳои пойи Иброҳим ва кафи пояш мавҷуд буд ва мардум онро бо дастонашон масҳ карда, ламс карда, изашро равонида буданд. Мардум ин сангро барои худ мақому ҷойи масҳ қарор доданд ва ҳол он ки Худованд ба онҳо амр кард, ки мақомро намозгоҳи худ қарор диҳанд. Худованд фармуд: «Ва аз мақоми Иброҳим барои худ намозҳое бигиред» (яъне пас аз тавоф дар паси он 2 ракаат намоз гузоред)…**
Аслан Мақоми Иброҳим ба Каъба часпида буд ва ҳангоме, ки мусулмонон зиёд шуданду намозгузорони мақом ба тавофкунандагон халал расониданд, ҳазрати Умар онро чанд қадам аз Каъба дур кард. Сипас, барои наҷоти иззҳои мукаррам ва муъаззами Иброҳим Халилуллоҳ, ки аз бисёрии масҳ хӯрда шудан гирифт, халифаи Аббосӣ онро бо оби тило пӯшонид. Ва баъдаҳу дар хилофати Мутаваккил, соли 236 ҳиҷрӣ рӯи он оби тило боз тилои ғафстар рехтанд. Дар соли 1967 мелодӣ дар гирди Мақоми Иброҳим сандуқи булурине гузошта шуд.

Дар соли 1997 мелодӣ сарпӯши сандуқи мақоми Иброҳим нав шуда, онро аз миси бо тило омехта пӯшониданд. Оинаҳои мақом аз булӯрҳои нақшу нигорини зебову ба гармию шикастан тобовар сохта шуданд.

### Оби Замзам

Ва аммо мӯъҷизае, ки ба таҳқиқ ҳатто душманони Исломро мулзаму сархам пеши дини мубини Ислом кардааст, ба пиндори инфиродии мо Чоҳи Зам-Зам аст! Дар 7 рӯзе, ки ба ин бандаи пургунаҳ, Худо зиёрати Хонаашро муяссар дониста буд, аз пажӯҳиши инфиродии журналистӣ кор гирифтам. Хоса, оби Зам-замро мушоҳида кардам, ки барои ту низ онро хоҳам баён кард: Ҳамарӯза то 1-1,5 млн одам ба Каъба даромадаву мебароянд (мо умраро дар назар дорем, на фарзро, ки теъдоди зойирин ба карат болост!). Хуб бигирем рақами аввалиро, яъне 1 млн нафар. Ин 1 млн нафар рӯзе то 5 бор, ҳини баргузории ҳар намози фарз ба Ҳарам меоянд. Ҳар нафар на камтар аз 1-3 литр об истеъмол мекунад ва дар зарфи пластике бо худ мебарад. Хуб боз ҳам бигирем ҳисоби миёнаи об, яъне 1,2 литрро. Акнун ба арифметикаи оддии синфи 1 рӯ меорем:
X=1x5x1,2
X=5x1,2
X=6
Яъне танҳо ҳуҷҷоҷ ва намозгузорон 6 млн литр об дар 1 рӯз истеъмол мекунанду Чоҳи Зам-зам на 1 мисқол кам мешаваду на 1 литр замм!!!!!!! Ва акнун бигиред, ки ҳамарӯза миллионҳо литр оби дигарро ҳуҷҷоҷ баргашта ба ватанҳои худ чун дастовез мебаранд!!! Аз ин дида муъҷиза чист дар олам, ки 1 чоҳ, дар байни биёбони хушклаби Араб тӯли ҳазорсолаҳо каму зиёд намешавад?! Ва войи оне, ки то ҳанӯз ҳақиқати мавҷудияти Ислом ва барҳаққияти Муҳаммад расули Худоро дарк накардааст. Ба таҳқиқ ин мардум ё кӯранд ва ё атбоъи иблис алайҳилаъна. На каму на беш…

### Муъҷизаи Зам-зам

Роҷеъ ба чашмаи Зам-зам сухан кардаву наметавон чанд ҳадис ва факти таърихиро ин ҷо наовард. Сароғоз равем ба думболдаи ҳадис.
Пайомбари Ислом, Муҳаммад (с.) мефармоянд:
**«Иннаҳа муборакатун, иннаҳа таъаму туъмин ва шифаъу сукмин».**
**Яъне «Ҳароина, он оби муборак аст ва он ба ҷои таъом аст ва бемориҳоро даво мебахшад».**
Асари рафъи хастагӣ, рафъи гуруснагӣ ва рафъи амрози мухталиф дар ҳоле ҳоҷиёнро муяссар мегардад, ки аз оби Зам-зам бо ихлоси тамом ва сидқ нӯшанд. Мабод, дар дилатон шакку шубҳа рафт, албатта, об ун хислатҳояшро дар вуҷуди шумо гум мекунад, ки зикри хайраш рафтааст. Вале бо ин ҳама бар тибқи ҳадиси саҳеҳ ин обро бояд бо ният нӯшид, яъне шумо чӣ мехоҳед, рафъи хастагӣ, гуруснагӣ ва ё қатъи амроз?!
Пайғамбар (с.) мефармоянд:
**«Моу замзама лимо шуриба лаҳу».**

**Яъне «Оби замзам бо кадом ният нӯшида шуд, мувофиқи ният гирифта мешавад».**
Бузургони мазҳаб дар аксари маврид ин обро ба нияти рафъи ташнагӣ дар ухро нӯш мекардаанд. Вале дар замони мо, мардум, ки бештар майли дунявӣ доранд, ба нияти шифо менӯшанд, ки низ роиҷу равост.
Ба гунаи мисол, Абдуллоҳ ибни Муборак чунин ният кардаву аз оби Зам-зам истеъмол карда буданд:
**Худоё! …Ман замзамро бо нияти ташна нашудан дар рӯзи қиёмат менӯшам.**

## Ба нияти шифо

Шунидан кай бувад монанди дидан. Банда, тавре хонандаи доимӣ ва алоқаманди мо медонад, бемори қалб доштам ва азияти фишор мекашидам. Вале дар шабу рӯзҳое, ки аз ин оби муқаддас ба нияти шифо нӯш кардам, аслан дигар на қалб ба ёдам расиду на фишор ба пиндорам, ки фикр мекунам, ҳамаи ин амрозро маҳз Зам-зам рафъ карда буд.
Ҳамзамон, аксарияти кулли ҳуҷҷоҷ медонанд, ки беморону солхӯрдагон ҳини тавофи Каъба тақрибан сиххат мешаванд ва мисли ҷавон Каъбаро давр мезананду байни Сафову Марва медаванд. Агар ин дар навбати аввали дарки шукӯҳу шаҳомати Офаридгор бошад, аз сӯи дигар таъсири ана ҳамин оби чашмаи ҷовидонист, ки Худо ҳуҷҷоҷро шифо мебахшад.
Ва акнун, биёед, сари хусусиятҳои биологиву химиявии Зам-зам сӯҳбат кунем.

## Зам-замро олими араб маҳкум мекунад

Дар соли 1971, як олими мисрӣ (таваҷҷӯҳ кун хонанда аз қавми АРАБ, на Тоҷик, ин таъкид махсус барои арабпарастони ҷоҳилпеша аст, ки ҳама арабро аз Миллати хеш боло мегузоранд!) дар ВАОи Аврупо матлабе навишта, «исбот» кард, ки оби Зам-замро нӯшидан зарар дорад! Ин араб менавишт, ки Каъба поинтар аз сатҳи баҳр қарор дорад ва биноан обҳои ташнобӣ (канализатсия) аз санузелҳои Макка ба ин чашма мешоранд ва ғ. ва ҳ.
Аслан гиребон гирифтану тавба гуфтан, мисле, ки ҳозир ту, хонандаи ин сутур кардӣ, илоҷи кор нест. Биноан шоҳи Арабистони Саудӣ-Файсал чун ин матлабро хонд, муаллифро на кофар номиду на сарашро чанд миллион доллар нарх гузошт. Балки аз инженерҳои қавии мусалмонтабор даъват кард, ки омада, ошкоро дар лабораторияҳои аврупоиву мусалмонӣ ин обро санҷанд.

## Нахустин нафаре, ки ба чоҳи Зам-зам даромад

Тариқ Ҳусайни Эр-Риёдӣ, ки он замон дар Ҷидда кор мекард, бо ёварон оҷилан ба Каъба хонда шуд. Ва акнун, биёед, аз забони ин олим ва муҳандис шунавем, ки Зам-замро чигуна дарёфтааст:
- Вақте мо сари чашма расидем, ҳич боварам намеомад, ки ин обанбори ҳудудан 5x4 метр ҳамон чашмаи илоҳист, ки тӯли саду ҳазорсолаҳо сар аз даврони Иброҳим ҳуҷҷоҷ аз он истеъмол мекунанд. Ман арзу тӯли чашмаро муайян кардам. Акнун бояд жарфно (чуқурӣ) ташхис мешуд.

Ман аз ёварам хоҳиш кардам, ки ба дохили Зам-зам дарояд. Қабл аз воридшавӣ, ӯ ғусл кардаву банашро тоҳир намуд. Сипас бе он ки сарашро тар кунад (ин амал таъкидан номумкин буд!), дар чашма қад дод. Об андаке болотар аз китфони ӯ меомад. Ин ҳам дар ҳоле, ки қадди ёварам 173 см буд (дар аксари рисолоте, ки муллову ҳоҷиён бе таҳқиқ навиштаанд, жарфнои Зам-замро аз 30 то 43 метр гуфтаанд-СМ). Сипас ӯ бо қадамҳои мулоим ва оҳиста чоҳро чарх зад. Бо ин мо мехостем, ки сарчашмаи Зам-замро ёбем, ки об аз куҷо мешорад! Ҳич чизе маълум накардем. Зеро маълум набуд, ки об аз куҷо ба Зам-зам ворид мегардад! Баъдан ман таклиф намудам, ки барои муайян намудани сарчашмаи Зам-зам обро бо насосҳои бузург, ки резервуар-обдонҳоро пур мекарданд, битамом ва ба шиддати комил ба кор дарорем, то чоҳ холӣ шаваду такашро бинем. Вале ҳарчанд об мекашидем, чоҳ боз пур мешуд.

**Об аз қум фаввора мезанад!**

Дар ин ҳол боз 1 риск кардаву ба ёварам гуфтам, ки ҳини ба кор даромадани насосҳо чоҳро бо пои урён давр занад. Ин дам нидои «Аллоҳу Акбар! Ёфтамммм!» баланд шуд. Ёварам дар ҳоли шодии бетасвир мегуфт, об аз тамомии қуми зери чоҳ фаввора мезанад!
Маълум шуд, ки об аз қуми таки чоҳ бо қудрате, ки насосҳо кор мекунанд, фаввора мезанад ва дар ҳама арзу тӯли Зам-зам шиддати об якмаром ва якнавъ мебошад! Ҳамин аст, ки Зам-зам якмаром ва ҳамвора пури об мешуд!
Сипас мо обро ба озмоишгоҳҳои Аврупо фиристодем ва худамон низ, табиист, ки аз ҳамон оби ирсолшуда, гирифтаву онро мавриди санҷиш қарор додем.
Ташхис нишон дод, ки оби Зам-зам қобили истеъмол аст ва ягон зарра бо обҳои ташноб, ки «олими араби мисрӣ» мегуфт, омехтагӣ надоштааст. Гузашта аз ин: Оби Зам-зам дар нисбат ба дигар обҳои ошомиданӣ бештар намаки калтсий, магний ва фторидҳо доштааст. Ин таркиб зиддибактерӣ буда, дилхоҳ микроби зиёноварро дар организм маҳв мекунанд. Аз ин рӯ Зам-зам хосияти воқеии табобатӣ доштаву ҳоҷиёнро ҳам сиҳҳат ва кӯфтагиву мондагиро рафъ менамудааст.
Ташхиси моро олимони аврупоӣ низ таъкид карданд ва араби мисрии муддаии зиёновар будани оби Зам-зам мулзаму сархам дар назди оламиён монд, ки Худо биомурзадаш…

**Обе, ки фауна намезояд**

Ҳамзамон ҳам дар мо ва ҳам дар озмоишгоҳҳои Аврупо сифати дигари ин обро низ кашф карданд. Зам-зам хушмазза буда, ягон чизе ба он таъсири бад намекунад ва хушмаззагиаш ҳич гоҳ раҳо намегардад (Воқеан ин аст, ки оби Зам-замро аз ҳазорон км ба Тоҷикистон меоранду онро мо бо завқи том менӯшем ва маззаи онро ҳис мекунем!-СМ).
Рӯиҳамрафта ин чоҳ ҳич гоҳ (таваҷҷӯҳ кун хонанда ҲИЧ ГОҲЕ!-СМ) коркарди химиёӣ (обработка, дезинфексия-СМ) нашудааст (Бубин хонандаи ман, ки барои мисол,  агар соле то 5-10 бор лӯлаҳо ва ҳавзҳои оби нӯшокӣ дар шаҳру навоҳӣ бо

заҳрохимикатҳо, махсусан бо хлор коркард нашаванд, бемориҳои мухталиф сар мезананд. Вале Зам-зам поку мубаррост-СМ).
Вале муҳимтарин сифати Зам-зам, ки олимони соҳаро дар ҳайрат афкандааст, ин аст, ки ин об хосияти … ҳаётафзоиши биологӣ надорад! Яъне дар он обсабсабзаҳо намерӯянд!!! Тасаввур кун, хонанда, дар лаби дилхоҳ чоҳу дарёву кӯлу ҳатто кӯлмаки гандида алафу гулу гиёҳ мерӯяду обсабзаҳо обро бӯйин мекунанд. Зеро ҳамагуна об хосияти тавлид ва афзоиши микроорганизмҳоро дорад. Яъне дар онҳо кирму моҳиву ғуку кафлесаку дигар ҳаявону ҳашароти обӣ пайдо мешавад. Вале Зам-зам хосияти вежаи худдифоӣ аз ин флораву фаунаро дорад! Дар ин чоҳ бо он ки умуман коркарди химиёӣ намешавад, ҳатто 1 гиёҳ намерӯяд ва 1 ҳашароти обӣ нест!!!!!!
Ин вежагиҳоро танҳо Худо метавонад насиби чоҳе бигардонад. Зеро Ӯ қодир ва доност!
Ва охиру даъвоно анил ҳамдулиллоҳи рабил ъоламин. Бираҳматика ё ар-ҳамар-роҳимин…

**Миқот чист?**

**Ҷаҳон Тур асту ман Мӯсову ӯ рақсону ман беҳуш,**
**Валекин ин касе донад, ки дар Миқоти ман гардад…**

Дар луғоти динҳо Миқот ба 2 маънӣ омадааст:

1. Мувофиқи Тавроти Мӯсо, Миқот вақт ва ҷои ваъдаест, ки Худо бо Мӯсо калимуллаҳ гап зада буд.
2. Мувофиқи дини мо-ҷои муайяни эҳромбандии ҳоҷиён ва нияти ҳаҷ аст…

Усулан 5 Миқот ҳаст, ки онро пайғамбар таъйид кардаанд ва дар онҳо бояд эҳром басту нияти ҳаҷ кард (Хотиррас мешавем, ки тавре дар сӯҳбатҳои қабл гуфта будем, эҳромро метавон дар меҳмонсарой баст, вале ниятро ҳатман бояд дар Миқот бар забон бурд!):
1. Зулҳулайфа. Миқоти мардуми Мадина аст ва он касоне, ки аз ҳамин ҷо убур мекунанд. Ҳуҷҷоҷи мо маросими умраро маъмулан аз Мадинаи Мунаввара шурӯъ мекунанд ва табиист, ки дар ҳамин Зулҳулайфа 2 ракаат намоз гузоридаву нияти умра менамоянд.
2. Зоту Ирқин (Зоту Ирқ)- Миқоти мардуми Ироқ аст. Ҳуҷҷоҷи мо, ки ҳаҷҷи фарзӣ поин меоранд, маъмулан тавассути тайёра аз ана ҳамин мавзеъ убур мекунанд ва дар самолёт нияти ҳаҷҷ мекунанд. Инҳо ё дар фурӯдгоҳ, ё дар масҷиди марказии пойтахт эҳром мебананд, зеро дар самолет имконият камтар аст…
3. Ҷуҳфаҳ- Миқоти мардуми Шом (Сурия) аст.
4. Зоту Қарнин (Зоту Қарн)- Миқоти мардуми Нажд аст.
5. Ялам лам- Миқоти мардуми Яман аст!
Воқеан ҳам чун боре ҳаҷ гузоридед, сокини Макка маҳсуб мешавед ва Миқоти Маккавиён (дохилӣ) дар Масҷиди модари уммат-Ойиша (р) аст. Номи аслии ин масҷид Танъим аст, вале чун дар он Ойиша (р) эҳром баставу ният карда буданд, дар байни уммат бо исми «Масҷиди Ойиша» бештар маъруф аст…

## Нияти ҳаҷ (умра)

Бо аҳли ҳуҷҷоҷ, ки бе ягон шубҳа худро хушбахттарин афрод меҳисобиданд, вориди масҷиди Зулҳулайфаи Мадина шудаву 2 ракаат намози умра хонда, нияти умра кардем.

Нияти намозу нияти умра хеле соддаву оддист.

**Мегӯӣ: Ният кардам бигузорам 2 ракаат намози умра…ва боқӣ ҳамонгуна аст, ки дар дигар намозҳо ният мекунӣ.**

Вале баъд аз салом додану аз намоз хориҷ шудан, чунин ният мекунӣ:

**Аллоҳума инни уридул умрата, фаяссирҳо ли ва тақабалҳо минни…**

Метавонед, бо забони Тоҷикӣ низ ният кунед, ки ин хубтару фаҳмотар аст:

**Парвардигоро, иродаи умра дорам ва ба ман осонаш кун ва аз ман қабулаш фармо!**

Кӯтоҳтар ҳам ният мекунанд:

**Лаббайка би умратин…**

Воқеан, ният дар дил ҳам мекунанд, ки Ӯ аз қулуби мо хабардор аст!

Худнамоӣ, бисёргӯӣ, нишон додани арабидониву забондониву намоиши порсоиву парҳезгорӣ ва ғ. ва ҳ. шарт нест, зеро мабод кибр карда бошеду муҷрим гардед!!!

## Хонаи Худо…

**29.05.12. Соат ба вақти Маккаи мукаррама 11:37 дақиқа.**

Лаббайказанон вориди Каъбатуллоҳ шудем. Маро ҳиссиёте фаро гирифт, ки ҳеҷ тасвир наметавон кард! Дар он микрорайони пурҳоюю ҳуй, байни садҳо бинои фарсудаву нав, кӯчаҳои пурахлот ва савдогару туҷҷор ва ҳойу ҳӯйи «Хамса-риол-Ашара-ашара», Хонаи Худо пайдо шуд. Ростӣ, тасаввуроти ман дар бораи Каъба ва Ҳарам дигар буд. Вале чӣ мегӯӣ, ки ба гуфти нависандаи тавоно, Тимур Зулфиқоров бизнес ин ҷо низ сар халонда, ба вежа квартирный ва гостиночный бизнес, ки поинтар дар ин бора сӯҳбат хоҳем кард. Вале ин соат пеши мани моту мабҳут Хонаи Худо бо шукӯҳу шаҳомати хоса меистод.

## Каъба

Чоркунҷаи дарозшакл будаву рӯяш матоъи сиёҳе кашида шудааст. Фикр кардам, ки сиёҳии матоъи ӯ, гӯиё пайке бар сияҳдилии мо одамон будӣ, ки сарватро Худои худ қарор додаем. Ва қомати на баландаш, дар пеши кӯшку ҳуталҳои машоихи араб, ки сар дар гардун фурӯ мекунанд, парадокс ва ҳам ҳушдор буд, ки: Ҳон! Хонаи Худо ин аст бо он Бузургӣ ва хонаи ту Он бо ин кӯчакӣ...

## Тавофи Каъба

Гирди Каъба 7 бор чарх задем ва тибқи дастур, дуову дуруд хондем. Маъмулан Мулло мехонду мо сари овоз мегирифтем. Ҳуҷҷоҷи гиромӣ бояд донанд, ки старт-оғози Тавоф аз чароғаки сабз шурӯъ мешавад, ки дар рӯбарӯи Ҳаҷаруласвад, аз тарафи боло овезон аст. Ва низ маҳз дар ана ҳамин чароғак тавоф хатм мегардад. Ҳатман 7 бор бояд чархиду вирд кард. Барои хато нарафтан он ҷо тасбеҳҳои махсусе мефурӯшанд, ки 7 мӯҳра доранд. Ҳатман аз онҳо истифода кунед. Ва ҳам ҳатман дуову дурудро аз китоб хонед, зеро…фаромӯш мекунед ҳама чиро!!!

Туро намедонам хонанда, вале вақте ки шахсан ман атрофи Хонаи Худо чарх мезадам, ҷуз «Аллоҳу Акбар!» чизе бар забонамон намеомад. Чунон шукӯҳу шаҳомати Аллоҳи Бузург маро фарогир печида буд, ки ҳама дуову дуруди азбаркардаам маро осонакак раҳо кардаву дар назди Ҳазрати Пок тани танҳо гузоштанд! Зеро ман Ӯро ҳис кардам!!! Мегӯӣ, Худо дар ҳама ҷост? Медонам! Вале ман ҳис кардам, ки дар Хонаи Худои худ меҳмонам ва будани Ӯ онгуна бармало эҳсос мешуд, ки бо Ӯ муколама мекардам, хун бар дилу ашк дар гӯлу мепурсидамаш, ки «Эй Худо, сабаби ин ҳама офариниш чист? Мову манҳоро барои чӣ, кадом озмоише офаридаӣ? Ин ҳама кашмакашу худнамоиву болову поинпариҳои манҳо баҳри чист?». Ва ҳам меафзудам, ки «Медонам ҳамин ҷой ва манро мешунавӣ! Пас ба ман посух гӯ, дари муаммои офариниши манҳоро, ки ҳич ниёз бар мо надоштиву надорӣ, илтимос, бикшой. Боре чеҳра бинамой, эй Худо, ки медонам маро мешунавӣ, зеро эҳсосат дорам». Вале Ӯ хомӯш буд. Баъдтар фикр кардам, ки ин муамморо кушодан маззаи Рӯзи Қиёматро паррондан аст ва моту мабҳуту хамӯшу сархам ва ошуфтаву шӯридаву дилхуну ҷигарбирён гашти 7-ро хатм кардам.

### Намози тавоф

Сипас дуои ҷамъбастӣ карда, 2 ракаат намози тавофро дар мавзеи наздик бар Мақоми Иброҳим, санге, ки иззи ҳазрати Халил нақшбандӣ шудааст, гузоштем. Ин ҳамон сангест, ки вақте хонаи Каъбаро месохтанд (баъзе ривоёт мегӯянд, баъди бунёди Каъба), Иброҳим рӯи ҳамин санг баромада, бонг зад:
**«Эй мардумон, Худо хонаеро бунёд кард ва шуморо барои ҳаҷ кардани он даъват менамояд!».**
Маънии луғавии «Ҳаҷ» зиёрат кардани махсус дар вақти махсус аст ва дар шариат зиёрати Байтуллоҳро гӯянд.

### Саъйи Сафову Марва

Сипас, тибқи тартиби Ҳаҷи умра (сағир, ҳаҷи хурд) оби замзам нӯшидем. Об нӯшидаву ба кӯҳи Сафо рафта, сӯи Марва саъй кардем. Ин ҷо бояд 7 бор саъй кард, ҳамонгуна ки ҳазрати Ҳоҷар дар талоши об карда буд. Байни Сафо ва Марва-2 кӯҳе, ки Ҳоҷар, модари Исмоил андар талаби об давида буд, қадам задем. Ин ҷо низ, аз 2 ҷониб 2 ҷое ҳаст, ки назири светофори мо чароғи сабз дорад, чун ин ҷо ҳоҷӣ расид, бояд давад. Зеро дар ин мавзеъ Ҳоҷар давида буд. Санову дуруду дуогӯён 7 бор, 3 маротиба сӯи Сафо ва 4 бор ҷониби Марва саъй кардем. Ва ахиран рӯи кӯҳи Марва, ки гашти 7 тамом мешуд, баромада, мӯй қайчӣ задем ва бо ҳамин … умра тамом!...
Бояд қайд кард, ки барои осонии кор, масъулин ҳаҷро саҳлу сода кардаанд. Ба гунаи мисол, Кӯҳҳои Марваву Сафоро куллан пӯшонида, зери боми он садҳо винтелу кондитсионер гузоштаанд, ки саъйи ҳуҷҷоҷ роҳату ҳамвор буда бошад. Аз чанд ҷой оби Зам-замро кашида овардаанд, ки тавассути лӯлаҳо фаввора мезанад ва истаконҳои плостики зудистеъмоли якдафъина гузошта шудааст, то зойирин ташнагӣ шикананд. Вале бо ин ҳама гармӣ бар мардум асар мекунад! Акнун тасаввур кунед, ки агар ин кондитсионерҳо намебуданд! Гармии тоқатшикани

атрофи Каъбаро, ки ҳамагӣ чанд дақиқа пеш дида будем, инро сахт ҳис кардем. Гумони ғолиб, агар муллоҳои мо мебуданд, ин бомро кандаву мардумро зери офтоби сӯзон, ба усули бобоӣ медавонданд!!!...

**Мӯйсаргирон**

Воқеан ҳам қатъи ҳаҷ, чӣ умраву чӣ фарзӣ, бояд бо гирифтани мӯи сар анҷом пазирад. Вале ин ҷо 1 вежагие ҳаст, ки бояд мо гӯем, чун дидаем, то ба дигарон дарси ибрат гардад. Дар баромадгоҳи Марва, ки ҳаҷҷ хатм мешавад, сартароше нест! Биноан миқроз, яъне қайчиро агар бо худ гиред, нур бар болои нур аст. Зеро дарёфти он, яъне қайчӣ, барои мӯи сарро кӯтоҳ кардан мушкил аст. Воқеан ҳам мӯи сарро пас аз адои ҳаҷҷ битамом тарошидан низ саҳеҳ нест. Зеро пагоҳу рӯзи дигар низ метавон ҳаҷ гузошт, аз номи волидайн, хешу табори наздик, ки ё дар қайди ҳаёт нестанд ва ё тавони адои ин фарзро надоранд. Биноан, агар мӯйро қайчӣ занед хубтар аст. Зеро дар охири анҷоми ҳаҷ аз номи ҳама пайвандон метавонед сарро «кал» кунед. Агар хоҳед. Вале агар танҳо кӯтоҳ кунед, бок нест.
**30.05.2012. Соат ба вақти Макка 01:37 дақиқа.**
Он шаби хубтарин дар ҳаётам, мо-гурӯҳи ҳуҷҷоҷ, тибқи суннати пайғамбар хостем мӯи сар гирем. Вале баромада, сартароше надидем. Роҳбалад, Домулло Сафохон, ки қаблан ин моҷароро медонист, бо худ қайчӣ доштааст. Вале сари ҳоҷии навро набояд нафаре тарошад, ки аз эҳром набаромадааст. Биноан Домулло Сафохон, сароғоз аз нафаре хоҳиш кард, ки аз ҳаҷ баромадааст, то мӯи ӯ микроз занад. Сипас домулло номи Худо бар лаб мӯи манро кӯтоҳ кард. Ман дар навбати худ мӯи сари ҳама ҳоҷиёни хуҷандиро қайчӣ задам ва ишонро ба мартабаи ҳоҷӣ расидан табрик гуфтам. Ин рутба туро ҳам муяссар гардад, хонандаи ин сутур. Бигӯ: Омин!!!
То ин маросимро анҷом додем, дидем, ки соат сӯи 2 шаб майл дорад. Тасмим гирифтем, ки намози бомдодро гузошта, сипас меҳмонхона равем.
Андаке паҳлӯи дари баромадгоҳ зану мард дароз кашидем ва истироҳат кардем. Дар ин лаҳазот оё медонӣ, ҳуҷҷоҷ чӣ эҳсос мекунанд? Бо сухан шарҳи ин ҳол муҳол аст. Танҳо дуо дорам, ки ин рутба ҳама хонандагони ин сутурро муяссар гардад. Омин. Аллоҳу Акбар!

**Сӯи Ҳаҷар ул асвад**

Ҳаҷар ул асвад сангест, ки фариштагон аз Биҳишт овардаву дар Каъба гузоштаанд ва дар бораи он дар шумораҳои пешин навишта будем, ки такрор кори хуб нест. Биноан, дар ин соат хонандаро бо дигар қиссае аз сафаргузаштаи хеш ошно мекунам, ки басо шунавиданӣ бояд бошад!
**30.05.2012, соат ба вақти Макка 02:47 дақиқа.** Поин шуда, пеши хонаи Каъба 4 ракаат намоз гузоштем. Сипас Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ пешниҳод кард, ки тавофи Ҳаҷар ул асвад кунем ва гуфт, иншооллоҳ бароямон, муяссар мегардад! Неъмат гуфт, ҳар коре, ки ман мекунам, аз ман пас намонед ва дар наздики ҳам қарор бигирем. Бо пешниҳоди ӯ 1 ҷавони дигарро бо худ гирифтем, ки 3 кас шудем. Аз паси Ҳоҷӣ Неъмат, ки дасти росташро бардошта, худро роҳат миёни уқёнуси издиҳом партофт, чун киштӣ обро, издиҳомро гузашта, хонаи Худоро оғӯш

гирифтем. Маро ҳолати аҷибе даст дод, ки ин хонаро мебӯидаму мебӯсидам. Чанд лаҳза пас садои Неъматуллоҳ ба худам овард, ки мегуфт: «Сӯи Ҳаҷар ул асвад лашкар мекашем!».

## Тактикаи неъматӣ

Неъмат, ки 3 бор Хонаи Худоро зиёрат кардааст, моро мисли аскарҳо саф зад. Амр кард, ки бо дасти чап то бар девори Каъба зич шуда, такя занем. Ҳайрати моро дида, гуфт, маҳз аз канори чапи санг ва андаке дуртар аз он метавон ба Ҳаҷар ул асвад расид ва онҳое, ки аз наздик, вале дигар паҳлӯҳо зич шудан мехоҳанд, асло муяссарашон намегардад. Чун навкор будем, ба таҷрубаи бародари хеш тан додем. Неъмат худ пеш-пеш, мо 2 тан аз қафо ба «штурм» шитофтем. Андаке ба баъд тактикаи Неъматуллоро фаҳмидам. Издиҳоми атрофи санг ҳар нафареро, ки мехост тезтар ба Ҳаҷар ул асвад расад, мисли тӯб берун мепартофт: Онгуна фишори мардумӣ баланд буд!
Мо бошем, оҳиста, вале мустақим наздик мешудем. Дар ин асно бо дастури Неъмат ҳамдигарро пуштибонӣ мекардем ва аз фишори издиҳом наҷот медодем (касе ин моҷароро дидааст, медонад, ин ҷо чӣ фишори табиии мардумист!). Баробари зич шудан ба санг, Неъмат гуфт, ки ман сангро зиёрат карда, сарамро тарафи рост мекунаму ту-Қорӣ (ҷавони саввум), саратро медарорӣ, сипас, мисли ман саратро тарафи рост гирифта, берун шав, то Сайф (ӯ, ки дӯсти ҷавонии ман аст, мисли даврони наврасӣ хитобам кард) сарашро ба равзанаи Ҳаҷар ул асвад медарорад. Ман шуморо ҳифозат мекунам.

## Дуои миллӣ ва бӯси Санги биҳишт

Қорӣ ун издиҳому он шӯру шарру тела-тамбаро дида, тарсида гуфт, «гарданамон намешиканад?», ки Неъмат гуфт, «натарсед, мӯъҷизаи Худост, ки саратро ба ин шикоф дарорӣ, касе туро азият карда наметавонад!».
Ҳамин тавр ҳам шуд. Неъмат Ҳаҷар ул асвадро зиёрат кардаву сӯи рост сарашро кашиду он ҷавон сар халонд ва тавофи санг кард. Баъди ӯ, тибқи дастури Неъмат бояд қорӣ сарашро ҷониби рост мекашиду ман сангро мебӯсидам. Ҳич боварам намеомад, ин рӯзгор мани пургунаҳро насиб мешуда бошад. Ҷавон пас аз тавоф … хатое кард, нобахшиданӣ, ки ба ҳушдорҳои Неъмат зуд сарфаҳм рафтам. Қорӣ саҳв карда, сӯи чап, яъне тарафи ман каллаашро баровард. Ҳамин 0.1 сония кофӣ шуд, ки фавҷи муқобил ба санг роҳ бурд ва бо ҳама талош ман мисли тӯб аз пеши санг, гавҳари мақсуд, берун паридам!!!
Бо тамоми қувват худро ба санг ҷафс карданӣ мешудам, аммо бе натиҷа! Ҷои аз гӯшаи Каъбаву даричаи Ҳаҷар ул асвад доштан набуд. Ҳарчанд даст мезадам, аммо бе натиҷа. Фавҷи издиҳом маро дур мекарду дур мекард. Ростӣ, умедам қариб меканд, ки садои чун бабр баланди Неъматро шунидам, ки бо накӯҳиш гуфт: «Эй қорӣ, хато кардӣ!». Инро бигуфт ва бо 1 ҳаракати чолок, мисли Шери жаён фавҷи мардумро 2 тараф пареш сохта, ба ман ишораи саъйи ҷадид кард. Бо ҳаракате нозук худро пеш задам ва сонияе ба баъд сарро дохили равзана карда, Ҳаҷар ул асвадро бӯсидаму бӯйидам ва дар ҳаққи пайвандон Миллату Давлати Тоҷик ва ҳатман дар ҳаққи ту низ, эй хонандаи ин сутур, дуову дуруд гуфтам, ва

ҳам гуфтам, ки Илоҳо, Миллати манро сарбаланд ва Олирутба гардон ва Тоҷикро ангуштнамои ҷаҳониён соз дубора, ки бигӯ: Омин!!!!

**Бӯсаи дари Худованд**

Ин ҳама гирудор ҳамагӣ чанд сония давом кард, ки барои ман нақши ногусастанӣ барои 1 умр дошт, ки Худо бар неъмати Неъмат афзояд!
Сипас худро бар дари Худо задем. Аниқтараш, Неъмат бурдмон. Ҳарчанд мондаву лакот будему аз ӯ хоҳиш кардем, ки биё, ягон рӯзи дигар сӯи дарҳои Худо меравем, ки гуфт на! Ин корро ҳам ҳозир ба сомон мерасонем ва бовар кунед, ки пушаймон мешавед баъдан. Зеро дигар муяссаратон намегардад.
Шӯри маҳшари наве ин ҷо буд. Ин бор Неъмат моро ҳидояту раҳнамоӣ мекарду мегуфт, ман аз охир дарро мебӯсам, зеро Сайёфро қариб аз бӯсаи Ҳаҷар ул асвад бенасиб карда будем. Ҳамин тариқ, Қорӣ бо ҳаракатҳои Неъмат зуд ба марра расид. Вале чун баромад, боз саҳв карду ҷойро ба дигаре дод. Дар ҳамин лаҳза аз паҳлӯи ӯ ҳоҷие поин омаду… Ҳоҷӣ Неъмат аз миёни ман гирифта, онгуна бардоштам, ки тақрибан худи дарро оғӯш мегирифтам!
Даст ба пойгоҳ дари Худоям монда, чун гадо талаби офият кардам ва ҳатман туро ҳам фаромӯш накардам, хонанда ва тавфиқу пирӯзиҳои Миллату Давлат ва Ватани Тоҷиконро хостам, ки бигӯ: Омин!!!
Сипас, ки гурги борондида шуда будам, бо Қорӣ кӯмак кардам, то Неъмат низ ба пойгоҳи дари Худо расад. Ӯ тӯлонӣ он ҷо овезон монд ва вирдкунон фаромад ва чанд ракаатӣ намози нафл гузоридем. Сипас бонги азон доданд, эмом омад, ки хеле ҷавон буд. Ману он ҷавону Неъмат дар сафи 2, паси Эмоми Маккаттуллаҳ намози бомдод хондем ва сӯи фундуқ, яъне ҳутал шудем...
**30.05.2012.** Ин рӯз бо тоату дуову ибодат пушти сар шуд. Ва ҳар боре ки ба намози пешину шому хуфтан мешудам, ҳатман намози нафл хондаву 2 ракаат намоз дар ҳаққи ту ҳам мегузоридам, эй хонандаи ин сутур, ки баробар ба 10.000 ракаат аст, ки бигӯ Омин то дар номаи аъмолат навишта гардад!

**Танзу мутоябаи маккавӣ**

Воқеан ҳам, байни мо ҳоҷӣ Ҷӯра Ҷӯраевич, ки хеле марди закиву суханпероз ва аз табори Рӯдакии бузургвор буданд, бо танзи намакин бар табъи мо меафзуданд. Шӯхиву ҳазлу мутоябаи хуше доштанд. Ба гунаи мисол, соате, ки 7 бор байни Сафову Марва саъй мекардем ва гармиву тамузи тобистон бар қабат қабат мегузашт, ҳарчанд бино муҳкаму кондитсионерҳо фаол будаанду обҳои зам-зам ҷорӣ, Ҷӯра Ҷӯраевич, ки қадду қомати Рустамона бузург доштанду даҳчанд азият мекашиданд, нидо дардоданд:
- О, балота гирам, Бибӣ Ҳоҷар! О, 4 бор ин сӯ-он сӯ давидед, ки об нест, дигар нест-дия! Шарт буд, ки 7 бор давед???
Тӯли рӯз аз ин хушгӯӣ механдидем. Зеро байни гурӯҳи мо мутаассибину фанатҳои камхирад, худоро шукр, набуданд, вагарна ҳоли Ҷӯраевич табоҳ мешуд…
Ва ҳам баъди адои саъйу хатми ҳаҷҷи нахустин, болои пули миёни Сафову Марва баромада, фавҷи мардумро тамошо доштем, ки Ҷӯра Ҷӯраевич боз гуфтанд:

-Ҳоҷӣ Сайёф! Бинед, ҳама корро кардаанду 1 кор мондааст. Бомро пӯшидаанд, садҳо кондитсионеру вентилятор гузоштаанд, чашмаҳои зам-зам ҷорист…вале 1 эсколаторе мегузоштанд, ки мардум роҳат равуо мекард, намешуд-мӣ?
Он соат хандидем. Вале дигаронро намедонам, шахсан ман прогрессро дар маросими ҳаҷ дидаву андеша кардам, ки ягон рӯз эсколатори одамбар низ ин ҷо мегузоранд ва он соат фаромӯш накунед, ки Тоҷики некнотӣ, аз Панҷрӯди бостонӣ ин пешниҳодро нахустин шуда, карда буд:
Мо Метавонем!

**Ҳаҷҷи умра барои волидайн**

**31.05.2012.** Субҳ бомдодро дар Каъбаттуллаҳ хонда, фундуқ омадему наҳор хӯрдем ва эҳром пӯшида, сӯи масҷиди Умми муслимин-Оиша (р) рафтем. Воқеан, баъд аз адои ҳаҷҷ ҳар нафаре хоҳад барои падару модар ва ё хоҳару бародар, ки ё фавтидаанд ва ё аслан тавони ҳаҷгузорӣ надоранд, умра мекунад, ки ҳаҷҷаш қабул аст!
Аз ҳутал таксӣ фармудем. Токсист, ки банғолӣ буду бо забони шикаста ва хеле бади англисӣ ҳарф мезад, 40 риол гирифт (баъдан фаҳмидем, ки бо 20 риол низ метавон рафт). Сабур ном ҷавони ҳамроҳи мо, ки воқеан ҳам хеле сахопеша буд, пешдастӣ намуда, ин маблағро пардохт ва ҳарчанд исрор кардем, аз мо пул нагирифт, ки Худо баракаташ диҳад!
Ба масҷиди Оиша даромада, 2 ракаат намози нафл гузоштему нияти умра кардем ба номи падар. Чун баромадем, дидем, ки кафши Сабурро дуздидаанд! Воқеан, кафшдуздӣ ё кафшгумкунӣ дар ин масоҷид одати маъмулист. Пул ҳам гум мекунанд. Зеро ин ҷо садҳо ҳазор омаду рафт доранд. Биноан пулу моли худро мустаҳкам нигоҳ доред. Арабҳо мақоле доранд, ки «моли араб-пеши араб!». Хулласи калом, аз номи падари Худобиомурз Эшони Мизроб бини Ғиёсиддин, бини Шоҳ Ҳусейн, бини Шоҳ Гарди Алӣ эҳром бастам ва умраро адо кардам. Худо бар номаи аъмолаш ин оҷизона амали моро навишта гардонад, ки натавонистаам дар зиндагониаш коре назаррас барояш кунам, ки ҷавон будаму навхатт...ки аз даст ин ганҷ раҳо шуд!
Соати 07:15 ҳаҷҷи навбатиро шурӯъ ва 09:15 адо кардем. Воқеан ҳам барои 3 ва 4-ум бор ин маърака боз ҳам тезтар мегузарад, ки гуфтаанд:
-Кори некӯ кардан аз пур кардан аст!
Ту ҳам, хонандаи ин сутур, агар Худо дастат диҳаду Даъвати Иброҳим (а) ёрат шуда бошад, иншооллоҳ, ба ҳикмати ин гуфтаҳои ман хоҳӣ расид, вале то ун соат, ҳамин ҳоло, бигӯ Омин, то 2 ракаат намози навбатии ман, ки баъди адои ҳаҷчи умраи навбатӣ дар ҳаққи ту гузорида будам, бар номаи аъмолат навишта гардад. Ва охиру даъвоно анилҳамдулиллаҳи раббил ъоламин!

**3 этажи Сафову Марва**

Чун аз ҳама фориғ шудам, кунҷе дароз кашидам. Дар Масҷиди Ҳаром хобам бурдааст ва бисёр хоби зебое дидам. Бархоста, ҷои таҳорат ҷустам ва дидам, ки дар зери мавзеъе, ки мо саъйи Сафо ва Марва кардем, боз 1 саъйгоҳи эҳтиётист! Хеле салқин ва камодам буд ин мавзеъ.

Маълум шуд, ки барои фавҷи мардумро коҳиш додану ҳуҷҷоҷи солхӯрда ва маризро эҳтиёт намудан аз фишору тангнафсӣ масъулин дар 3 этаж (!!!) мавзеъи саъйи байни Сафову Марварo бунёд гузоштаанд:
Ошёнаи 1, ки зерзамин аст, онгуна салқин ва сард аст, ки пойҳоям ҳатто хунук хӯрданд! Ин ҷо воқеан ҳам мардум ками кам буд. Зеро аксарият ин ҷоро намедонанд ва фавҷи одамӣ баробари аз тавофи Каъба фориғ шудан, маҳз аз ошёнаи 2 ба саъй мебароянд.
Ошёнаи 3 гармтар аст. Зеро бомаш ба ҳаво наздиктар аст. А, ҳаво бошад, таври маълум дар Арабистони Саудӣ хеле тамузу тоқатфарсост. Бинoан, ошёни 2 барои саъйи Сафову Марва барои ҳуҷҷоҷи мо айни муддаост. Вале бо ин ҳама агар ҷои камодамтар мехоҳед, марҳамат ба ошёни 1. Вале донед, ки сармо хӯрдан ҳам имкон дорад ин ҷо!

### Чизе, ки ман дидам…

Сипас, аз ошёни аввал барои таҳорат бадар рафтам. Аз ходимон пурсидам, ки гуфтанд, таҳоратҷой берунтар аз бинои аслист. Ва ман сӯи самти ҳаракати мардум шудам. Чошт наздик мешуд ва бонги азон дардоданд. Усулан азон ба мисли бонги танаффус аст ва мисли мо дар ин ҷо зуд намоз намехонанд. Баракс, истироҳат кардаву таҳорат гузоридаву чошт мехӯранд. Вақт кофист то намози пешин.
Ба роҳи зерзаминӣ шудам ва Худоё ман чӣ дидам?!
Он чизе, ки ман дидам, нахустин сухане, ки ба хотирам расид, гиребон доштаву дуо кардаму аз Худо хостанам буд, ки ҳич гоҳ ва ба ҳич ваҷҳ Тоҷиконро ҳукумати ман ба ин сарзамин ба муздурӣ нафиристад!
Қабл аз оне, ки ин сутурро нависам, чу медонам, бархе камхирадон маро ба ягон бидъат гунаҳкор мекунанд, бояд бигӯям, ки он чизеро ҳамин ҳоло меорам, ки бо чашми сар дидаам ва ҳам дар Хонаи Худо дурӯғ гуфтан гуноҳ аст ва нафаре, ки ин ҳамаро дидаву намегӯяд, шояд ӯ гунаҳ мекунад, на мани ҳақиқатнигор…

### Обеденный перериви гастербайтерҳо

Фикр кардам, ки агар ҳар рӯз ҳам Тоҷикро кушанд, мабод рӯзе, ки ин мардум ин ҷо ба кор ояд. Ғуломдорӣ ҳам номаъқул кардааст пеши ин моҷаро, ки ман дидам…
Обеденный перерив – намози пешин буд (дар ҳама намозҳо кор қатъ мешавад) ва коргарони хориҷӣ 2-3 чаппотиро рӯи замин, болои селофани чиркин густурда, 4-5 нафарӣ, бо иштиҳо «обед» мекарданд. На чумча буду на коса, на пиёлаву на стакан, на чой буду на об, на шириниву на чизе! Маъзарат, аммо дар Аврупо, ҳатто саг ин гуна хӯрок намехӯрад.
Ростӣ, то ин дам борҳо худам ҳам аз Кумитаи кор бо муҳоҷирон даъват мекардам, ки муздурони моро Русия не, ба давлатҳои арабӣ фиристонанд. Акнун, ба масале «гапама гашта гирифтам». Русия садҳо бор беҳтар аз ин кишварҳост. Ман ҳоло ҷои хобу шароити маишии муздурони хориҷиро надидаам. Вале танҳо мисли … пешинхӯрии ишон ва рӯи роҳу раҳравҳо болои сангҳо хобида, дам гирифтанашон маро сахт нороҳат карда буд…

## Умраи навбатӣ

Дар шумораи қаблӣ роҷеъ ба ҳаёти сангини муздурону ғарибони Макка гуфтем. Норизоии ғарибон, муздурон ва афроде, ки даҳу садсолаҳо дар ин кишвар зиставу ҳич ҳуқуқе надоранд, ҳатто ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифтан, зиёд мешавад ва ишон хеле нороҳатанд аз ин аъмоли давлаташон. Ба гумони сирф инфиродии ман, агар инқилобе дар ин кишвар бархест, аз ҳамин муҳоҷирин бармехезад, ки теъдодашон хеле зиёд аст. То ин дам шайххои араб паси ҳифозати қавии Амрико истодаанд. Аммо ин муҳаббати амрикоӣ бо аъроб то ба кай давом мекунад, Худо медонаду бас. Мо танҳо фаромӯш накардаем, ки Саддом Ҳусайн низ дар солҳои 70-80-и асри пор вассал ва дӯсти Амрико буду оқибат бо дасти Амрико ба дор овехта шуд…

Худо мусалмонон, ба вежа гоҳвораи Исломро дар панаҳи хеш нигаҳ дорад! Омин. Бо ҳамин фикрҳо, пешинро дар Каъбатуллаҳ хондаву ба ҳутал омадам. Асрро дар вестибюли меҳмонхона хондем. Зеро автобус дер кард. Шому хуфтанро хондем ва ҳар боре дар ҳаққи хонандаи ин сутур 2 ракаатӣ намоз гузоридам, ки бигӯ Омин то дар номаи аъмолат сабт гардад.

**01.06.12.** Намози Бомдодро дар масҷиди шафати ҳутал хондем. Хурд масҷидест, албатта, зеро дар нисбат ба Ҳарам дилхоҳ масҷид дар олам кӯчак аст. Вале тамиз асту бо микрофон муҷаҳҳаз аст ва роҳат метавон намоз гузорид. Умуман масоҷид дар ин шаҳр зиёданд ва ҳама тамизу поку покиза, ки дилхоҳ мусофир метавонад ин ҷо таҳорат кунаду намоз гузорад. Ягон ишколе нест дигар. Баргашта дар фундуқ наҳор хӯрдем ва камари умраи навбатӣ бастем...

**01.06.12. Соат ба вақти Макка 06:02 дақиқа.** Эҳром бастем ва бо ҳоҷӣ Маҳмадуллоҳ Раҳимов таксӣ гирифта, масҷиди Ойиша (р) рафтем. Таксист покистонӣ буд ва бо ӯ сӯҳбате бо инглисӣ оростем. Куллан аз мардуми маҳаллӣ норизо буду аъробро ҳасуд мехонд. Мегуфт, ки занаш духтур аст ва ҳудуди 7000 доллари амрикоӣ маош мегирад. Воқеан ҳам табибон дар ин кишвар хеле музди баланд доранд. Худаш таксӣ меронад ва зиндагонии роҳату ҳамвор аз паи касб дорад. Аъроб, ки кор намекунанд, ба оилаи инҳо гӯиё, ки ҳасад мебурдаанд ва бухлу кина доштаанд. Зеро, мегуфт, ин ронанда, арабҳо намехоҳанд, ки муздурон баробари ишон роҳати зиндагонӣ дошта бошанд. Покистонӣ афзуд, ки боз 2-3 сол пул ҷамъ кардаву аз ин кишвар меравад.

Дар охир покистонии «поквиждон» аз мо 40 риол гирифт. Намоз гузоридаву нияти умра карда, бо 6 риол қафо баргаштем (барои ҳамин поквиждонии покистониро дар қавсайн гирифтаам!) ва ба номи Модари Бузургамон умра гузоридем, ки Худо қабулаш гардонад!

Атрофи Хонаи Мақсуд 7 гашт карда, намози тавоф гузоридем, оби замзам нӯшида, саъйи Сафову Марва намудем ва соати 09.55 умра хатм шуд. Мӯи сарро қайчӣ зада, масҷид рафтем, нафл хонда, то намози ҷумъа нишастем.

## Намози ҷумъа дар Каъба

Дар намози чумъа зиёда аз млн нафар ҳозир буд. Воқеан ҳам ин ҳама фавҷи мардумро бояд дид! Зеро на бо сухан ва на бо сабти видеоӣ шукӯҳу шаҳомати Исломро дар Хонаи Худо наметавон тасвир кард!!! Кофист гӯем, ки дар ин соат

дар Масҷиди бузургтарин дар рӯи олам, ҷои сӯзанпартоӣ набуду 1 ҷои холӣ ба чашм намехӯрд. Баъди намоз бошад, роҳҳо то чандин км баста шуданд ва мо пои пиёда то ҳутал омадем.

**02.06.12. Соати 03:20 дақиқа.** Бархоста, таҳорат карда, сӯи Каъбатуллаҳ рафтем ва намози бомдодро гузоридем. 2 ракаат намози ваъдагӣ бар ту бахшидам, хонандаи ин сутур, ки бигӯ: Омин!!!

## Саёҳати Макка

Сипас меҳмонхона омадем, наҳор хӯрдем ва ба экскурс рафтем. Сароғоз аз Ғори Савр дидем, ки дар ин ғор Паёмбар (с) бо Абубакри Сиддиқ (р) аз душман панаҳ бурда буд. Ин ҳамон лаҳзаест, ки аъроби муқими Макка ба ҷони пайғамбари ману ту, хонандаи ин сутур, шабехун заданд. Тавре огаҳӣ дорӣ, ҷои Муҳаммад (с.) ин шаб содиқуссиддиқи Расули Худо, ҳазрати Алӣ-Шери Худо мехобид. Қисса кӯтоҳ, душманони Муҳаммад (с) чу диданд, ки Расули худо нест, ба ҷустуҷӯяш баромаданд. Тоифаи бадхӯи Худобехабар думболаи Расул мерафтанд ва бо худ следопыт-пайгир доштанд. Бо хости Худо Муҳаммаду Абубакр дар ғори Савр рафтанд ва аз ғайб кабутаре омаду лона гузошту хоб кард ва анкабуте даромадгоҳи ғорро тор танид. Душманони ислом омаданд то лаби ғор, ки изи пои ишон мекашид. Вале чу диданд, ки кабутар он ҷо дар лона хуспидаву анкабут тор танида, чашмашонро Худо кӯр кард ва баргаштанд…Ин қиссаи тӯлонитар аз умри Инсонист, ки албатта худат медонӣ, хонандаи ман, биноан бо ҳамин иктифо мекунем…

Соате, ки автобуси мо ин ҷо ист фармуд, атрофи пилигримҳоро мардуми тоҷир ва зирак печиданд. Ба назар ишон фақирҳои ҳиндуро ёд меоварданд, ки бо ҳар роҳу усуле мехостанд, аз мо пул ситонанд. Ба гунаи мисол шутурони зиёд ҷамъ овардаанд, ки бар ивази чанд риол метавон онҳоро суворӣ кард. Вале чун ҳоҷӣ Ҷӯра Ҷӯраев пул додаву ба 1 уштур биншаст, сорбон ӯро 1 давре додаву зуд поин фуровард. Мо тахмин задем, ки шутурсаворӣ найранге беш нест ва аксарият аз ин суворӣ рӯ тофтем. Ба таҳқиқ Шарқ монанд аст! Дар Ҳиндустон боре пули калон додаву бар 1 пили маст нишаста будам, ки 2-3 дақиқа баъд ботантана поинам карданду гуфтанд, ки вақтат сар омад.

## Аз Арафот то Мино

Сипас Арафот рафтем ва сангеро дидем, ки он ҷо Одаму Ҳавво нахустин бор дидор карданд. Баъд ба Муздалифа роҳ гирифтаву сипас Мино рафтем: Мавзеъе, ки хеле ҳайратовар аст. Даҳҳо ҳазор хайма ин ҷо буд. Ҳуҷҷоҷ бояд аз Муздалифа санг чида, дар Мино Ҷамарот – шайтонро санг зананд. Дар умра ин амалро намекунанд, ки хоси ҳаҷҷи фарзист. Ва баъдаҳу Кӯҳи Нурро зиёрати чашм кардему баргаштем. Раҳораҳ Ғори Ҳироро дидем, ки Қуръон нозил шудааст. Намози асрро дар масҷиди назди Фундуқ гузоштем, ки гӯянд ин территория куллан шомили ҳарам аст. Шомро дар худи Ҳарам гузоридем ва то хуфтан Қуръон хондему сӯҳбатҳои мазҳабӣ доир намудем.

Қабл аз шом вориди супермаркети ҳарам шудем. Ҳама чиз ҳаст ва туҷҷори маккор, ки молеро 80-100 риол мегӯянд, охируламр ба 15-20 риол мефурӯшанд. Ва

ин ҳама дар ҳарами Худой!!! Зимнан, ҳоҷиёни моро лозим аст, ки дар ҳар дӯконе мешаванд, албатта, саросема нашуда, нархгузорӣ кунанд. Воқеан ҳам савдогарон араби маҳаллӣ нестанд, ҳама банғолӣ, покистонӣ, афғонанд. Аз банғолиҳо ба вежа бояд ҳушёр шуду канор гирифт, ки мардумони сахт зираканд.

## Тавофи қабри Бибиҳавво

**02.06.12. Соат ба вақти Маккаи мукаррама 03:20 дақиқа.** Бархоста, ғусл кардем ва эҳром бастем ва масҷиди Ойиша (р) омада, 2 ракаат намози таҳияи масҷид ва 2 ракаат намози умра гузошта, ба номи амакам нияти умра карда, ба ҳарам баргаштам. Тани танҳо гузоштани умра чӣ кайфияте доштааст!!! Ҳатман боре танҳо умра гузор, хонанда, ки гуфтаҳои маро баъдан дарк хоҳӣ кард, ки иншооллоҳ ин рутба муяссарат гардад!

Пешинро дар масҷиди шафати ҳутал хонда, нимаи 2 рӯз ба Ҷидда расидем. Автобус корношоям афтид. Кондитсионер дуруст кор намекард ва мардум азият кашиданд. Ба ҳар ҳол то Ҷидда расида, қабри Момоямон Бибиҳаворо зиёрат кардем. Мазори Бибиҳаво миёни квартали шаҳр ҷойгир аст. Худи гӯр маълум нест. Гӯрро ба хотире, ки саҷдагоҳаш накунанду макони зиёрати хурофотпарастону мутаассибин набошад, махсус муайян нанамудаанд. Худи масъулин ҷояшро медонистанд, албатта, аммо ба мо намегуфтанд.

Одати ин мардум аст, ки баъди чанд соле рӯи 1 ҷасад ҷасади тозаеро мегузоранд. Устухонҳои қаблиро як сӯ мегузоранду дигареро гӯр мекунанд. Зимнан, фикр кардам, ки гӯри Момоямонро медонанду амдан пинҳон медоранду фош намекунанд. Зеро дар сурати акс рӯи устухонпораҳои нахустин Модар чӣ қадар устухони дигар мегӯронданд…

## Иззати миллатро нигаҳ доред!

Баъди зиёрати қабри Момоямон, соати 16:20 дақиқа ба тамошои шаҳри бандарӣ рафтем. Ҷидда хеле зебо ва тоза аст! Нисбат ба Мадинаву Макка аз замин то осмон фарқ дорад. Шаҳр-шаҳри мазҳабӣ нест; шаҳри бандарӣ ва бизнес аст. Хонаву дарҳо ҳатто фарқи кулл доранд ва муҳимтар аз ин ҳама 1 шаҳри поку тозаву тамизи муосир аст. Шояд ба ин сабаб бошад, ки ин ҷо пилигриммҳо камтаранду шаҳрро пур аз мусор намекунанд. Бегоҳ ба соҳили Баҳри Сурх омадем. Оббозӣ, ки манъ аст, бо либос худро то зону бар об афгандем. Таваҷҷӯҳ! Бибиҳоҷиҳои Тоҷик, ки дар давлати дунявӣ тарбият ёфтаанд, набояд зонуи худро бараҳна кунанд, ки мамнуъ аст!

Соати 19:05 дақиқа намози шомро хонда, ба Макка баргаштем. Ҷидда аз Макка 70 км дур аст, вале ҳавову иқлимаш куллан фарқ мекунад. Рутубатнокии зиёд дорад ва гулу гиёҳаш фаровон, мисли Ҳиндустон аст. Намози хуфтанро соати 22:43 дақиқа дар хутал хондем. Ва шаб шоппинг баромадем, яке дӯконгардӣ, ки барои ҳуҷҷоҷ 1 амали муҳим аст. Зеро дар бозгашти шумо, ки садҳо нафар ҳоҷибинон меоянд, бояд ҳатман тӯҳфае рӯёнанд.

Аз ин сафар 1 қиссаеро наметавонам, ки нагӯям ва он воқеа ин аст: Дар мазори Бибиҳавво об оварданд ва мардум, ки ташна буд, «ҳуҷум» карда, 3-4 шишаи об

мегирифтанд. Банда бо таассуф бар манзара дида медӯхтам, ки мӯйсафеди хуҷандие, бонг зад:
-Ҳуй, иззати миллатро нигоҳ доред!!!
Ин соат боз воқеае пеши рӯй омад, ки дар Мадина ҳоҷие ҳатто Қуръони тақдимиро аз дасти роҳбалад нагирифт, ки «вазнин аст!» ва ҳамин ҳоҷиро дидам, ки дар Макка кило-кило моли камарзиш мехарид, то ба ҳаққу ҳамсоя тӯҳфа барад…
Воқеан, дар бораи тӯҳфаҳо: Бояд Кумитаи дин ва Ширкати сайёҳии Расул-сохтмон, ки бо интиқоли ҳуҷҷоҷ банданд, дар ин соҳа низ танзимро роиҷ созанд! Зеро ҳар сафари ҳуҷҷоҷ бо 1 проблеми сангин хатм мегардад: Перегрузи самолёт!!! Борро аз ҳадд зиёд мегиранд ва ҳарчанд ҳавопаймоҳои Саудӣ оби Зам-замро ройгон мегузаронанд, вале дар Дубай аз об пул хоҳанд ситонид ва ҳуҷҷоҷ, ки дигар пул надоранд, бо мушкили навбатӣ банд мегарданд. Яъне дар ин самт бояд кор бурд, ба вежа дар Кумитаи дин ва ширкатҳои сайёҳӣ…

**Кафорати ҷиноят**

Ҳар касе, ки хатое дар Макка содир кунад, ҷиноят аст ва бояд кафорати гуноҳ пардозад. Инҳо бояд маблағ пардозанд ва ё қурбонӣ кунанд, то умраашон қабул ояд. Ба гунаи мисол, Сабур ном ҷавоне баъди пӯшидани эҳром бо шампун оббозӣ кард. Истифодаи дилхоҳ собуну атру упо қабл аз пӯшидани эҳром асту баъди бастани эҳром ҷиноят мегардад. Биноан, бо ҳукми домулло Сафохон-роҳбаладимо Сабур чанд риол ба камбизоате садақа кард.
Вале қиссаи Ҷӯра Ҷӯраевич дигар аст. Рӯзи аввал ӯ кафшашро гум карду пас аз кофтукоби барзиёди бенатиҷа, кафше пӯшида омад. 3 рӯз баъд кафшашро ёфт. Чун ба мо ин моҷароро гуфт, бо ҳазл «ҷинояткораш» баровардем. Вале баъдан маълум шуд, ки воқеан ҳам ин амал ҷиноят будааст ва кафорат бояд пардохт. Ҷура Ҷураевич, ки ҳотамсифат будӣ, зуд гӯсфандхарӣ рафт, то забҳ кунад. Вале чун гӯсфанд наёфт, ба домулло 70 риол кафорати гуноҳ пардохт.
Ин воқеотро барои он ба хотир меорам, ки хонандаи ин сутур, агар Худо раҳмат кунаду даъвати Иброҳим халилуллоҳро бупазираду ба Каъба равад, бояд донад, ки чунин ҷиноятҳоро ҳатман бояд дар ҷояш ислоҳ кард, то зиёратҳо қабул оянд…

**Ҳузн ул Ватан-2**

1 қиссаи дигареро қабл аз ҷамъбасти сафаргуфтаҳои Мадинавиву Маккавӣ мехоҳам манзури хонанда кунам, то бидонад, ки ғарибӣ чисту ғариб кист.
Тӯли ҳама вақти буданамон дар Мадинаву Макка падару писаре моро меҷустанд. Бо тилфон ҷавоне мегуфт, ки ман Абдуллоҳ ном дораму бо Шумо коре. Вақт, ки набуд, дидор муяссар намешуд, ки шаби қабл аз бозгашт, дари моро кӯфтанд. Кушодам ва ҳамон Абдуллоҳро дидам, ки хеле қоматбаланду бузургҷусса буд. Ростӣ, дар кӯча медидам, бадавие беш намехондамаш. Вале маълум шуд, ки ӯ кӯлобист…Аниқтараш ӯ неву падараш Муҳаммадумар бини Маҳмуд аз водии Кӯлоб будааст. Аҷиб аст, ки аксарияти ғарибони маҳаллӣ кӯлобӣ буданд ва ё аз водии Вахш. Хулласи калом, Муҳаммадумар бини Маҳмуд гуфт, ки падараш Мулло Рӯзӣ ва бобояш Мулло Давлат ном доштаву Ёхсуи Муъминобод, баъди

омад-омади болшевик фирор кардаанд. Модараш аз деҳаи Ғофилободи Муъминобод будааст. Ин мӯсафед пайваста дар ҳаққи Давлати Тоҷикон, сарвари он ва пештозии Миллат дуову дуруд мекард ва чун пурсидам, ки дар дил чӣ орзуе доранд, падару писар осемасар гуфтанд, ки:
«Мехоҳем, моро ба шаҳрвандии Тоҷикистон қабул кунанд!» ва афзуданд, ки то ҳанӯз гражданини ягон давлат нестанд, яъне мардумони муаллақанд. Фикр дорам, Вазорати хориҷаи Тоҷикистон, дар пасманзари ваъдаи сарвари давлат, ки Тоҷикистон-ватани ҳама Тоҷикони дунёст, ин бечораҳои абадуддаҳр ғарибу мусофиру беватанро бояд зери қанот гирад!!!
Сарнавишти ин бечораҳо бори дигар ҳушдор бар ҳар яки мост, хонандаи азизу некбину соҳибақл, ки думболаи касеву чизе надавем ва панҷаи ваҳдат ба ҳам занему пораи матоеро дорем, ки номаш дар Атласи олам-Тоҷикистон аст!!!

## Тавофи видоъ

**5.06.12, соати 3:20 дақиқа.** Ҳарам рафта, маросими видоъ-тавофи видоъ кардем. Сароғоз 2 ракаат намоз гузошта, 7 бор атрофи Хонаи Мақсуд чарх гирифтем, дуову дуруд хондем ва намози бомдодро гузоридем. Сипас 2 ракаат нафл гузошта, меҳмонсаро омадем. Бору бунаи ҳуҷҷоҷ онгуна зиёд буд, ки дар автобуси Inturist нағунҷид. Маҷбуран борро ба салон гузошта, ба роҳ баромадем!
**5.06.2012. Соати 11:07 дақиқа.** Ба Ҷидда расидем. Соати 12:50 дақиқа, регистратсия сар шуд. Худо раҳм хӯрад, ки аз ин фурӯдгоҳ метавонӣ бомбаи атомӣ низ гузаронӣ. Зеро ягон намуди тафтиши мардуми мусофир нест!
**Соати 12:42 дақиқа.** Салони ҳавопаймо. Кӯдаке ғаш карду баланд гирист. Ҷӯра Ҷӯраевич бо ҳазл гуфт, Ҳоҷӣ Сайёф, дуое кунед, ки ин кӯдак хапп шавад, гӯшам кар шуд охир? Бо ҳазл, ман низ гуфтам, «ба ҳаққи Худо, эй тифл, хапп кун»…Баробари ин суханро гуфтан, кӯдак хомӯш шуд (шояд модар шираш дод), вале садои ханда фазои ҳавопайморо тарконду Ҷӯра Ҷӯраевич бо ханда гуфт: Балотона гирам, ҳуҷҷоҷ, ҳама авлиё шудаему худамон бехабар…
Бо ҳамин табъи болида ҳавопаймо баъди 40 дақиқа таваққуф сӯи гавҳари мақсуд ва Каъбаи сонӣ барои ҳар тоҷикистонӣ, яъне Ватан буланд шуд, то расо соати 07:35 дақиқа гурӯҳи моро бо амри Худо ба Душанбеи ҷонҷон бирасонад…

## Хатми сафаргуфта

Ва дар охир таманно дорам, ки ҳар камбуду нуқсе, ки дар ин сафаргуфта гузаштааст, аз сӯи хонандаи закӣ ва пурдониш мавриди бахшиш қарор гираду Худо бар ман бубахшад, ки бигӯ Омин! Зеро ин ҳама сафаргуфта танҳову танҳо барои ту, хонандаи аз ҷон азизу гиромӣ таҳия ва набишта шуда буд.
Ва охиру даъвоно анилҳамдуллиллаҳи Раббулъоламин, Бираҳматика ё арҳама-р-роҳимин…